ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ 336.72 (575.3)

ТКБ 65.9 (2) 26 (тоҷик)

Х – 95

Бо ҳуқуқи дастнавис

ХУШВАХТЗОДА ДИЛШОД САНГАЛӢ

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ТАВАРРУМ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси
5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент

Давлатзода Баҳрулло Раҳмон

Душанбе-2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ............. 3
МУҚАДДИМА........................................................................ 4
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАВАРРУМ ВА ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР... 15
1.1. Мафҳуму моҳияти назариявии таваррум ва хусусиятҳои он дар шароити муосир........................................................ 15
1.2. Сабабҳои бавуҷудоии таваррум ва зарурати идоракунии он дар шароити муосир................................................................................ 29
1.3. Таҷрибаи хориҷии сиёсати идоракунии раванди таваррумӣ ва истифодаи он дар иқтисодиёти миллӣ................................... 47
БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАВАРРУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.................................................. 64
2.1. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................ 64
2.2. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум дар шароити муосир....................................... 86
2.3. Идоракунии афзоиши ҳаҷми пул ва болоравии нарх ҳамчун воситаи танзими таваррум....................................................... 99
БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАВАРРУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...... 118
3.1. Роҳҳои пешгирӣ ва паст намудани таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ................................................................................ 118
3.2. Ташкили механизмҳои институтсионалӣ ва сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................. 132
3.3. Дурнамои танзим ва идоракунии раванди таваррумӣ ва нишондиҳандаҳои ба таваррум таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................. 148
ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО............................................................ 164
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ................................................................................ 170
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........................................................................ 174
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.................... 199

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон;

**ДА** – даромадҳои аҳолӣ;

**ААИ** – Андоз аз арзиши иловашуда;

**БМРҶТ** – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**ТМХ** – таварруми молҳои хӯрокворӣ;

**ТМҒ** – таварруми молҳои ғайрихӯрокворӣ;

**ТХ** – хизматрасонӣ;

**СМР-2030** – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030;

**ХБА** – Хазинаи байналмилалии асъор;

**ҳаз.** – ҳазор;

**млн** – миллион.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар замони муосир яке аз равияҳои мустақили назария ва амалияи илми иқтисодӣ ин омӯзиш ва таҳқиқи таваррум, идоракунӣ ва такмилдиҳии механизми молиявии он маҳсуб меёбад. Нишондиҳандаҳои таваррум ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он барои арзёбӣ намудани дараҷа ва динамикаи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, хусусан барои ҳалли мушкилоти асосӣ дар бахши молиявӣ, накши хеле муҳимро мебозанд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 23.12.2022 оварда шудааст: «Дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд»[12]. Бинобар ҳамин, такмили механизми молиявии идоракунии равандҳои таваррум шарти муҳимтарини рушди устувори рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инкишофи ҷараёни тавваррумро бидуни механизми молиявӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла, идоракунии давлатӣ, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар робита ба ин, омӯзиши хусусиятҳои назариявӣ ва амалии муаммоҳои таваррум ва таҳлили сатҳу дараҷаи он зарур буда, мувофиқ намудани он ба нишондодҳои муқарраргардида яке аз роҳҳои ҳалли масъала ба ҳисоб меравад. Дар айни ҳол, аз ҷониби олимон ва коршиносон дар доираи як методологияи муайян тартиби такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар робита ба индекси нархҳо шарҳ дода мешавад. Мубрамияти мавзуъ бевосита аз муайян намудани моҳият, сабабҳо ва механизми ҷараёнгирии таваррум, хусусият ва самтҳои муҳимми он ва дар маҷмуъ такмили механизми идоракуни он бармеояд. Аҳаммияти мавзуъ ба инъикоси нокифояи механизми молиявии

идоракунии раванди таваррум дар шароити нави рушди кишвар вобаста аст.

Ҳадафи кори диссертатсионӣ омӯзиш ва такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди низоми таҳлилӣ ва таъмини идоракунии чараёни таваррум дар шароити рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Кори таҳқиқотӣ барои ҳалли масъалаҳое, аз қабили сабабҳои ба амал омадани таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати идоракунии раванди таваррум дар шароити муосир нигаронида шуда, такмили механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.

Барои такмили идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалӣ мавриди истифода қарор мегирад. Сарчашмаҳои таваррум бо истифода аз баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум, дурнамои зуҳуротҳои таваррумӣ ва хусусиятҳои ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ҳаллу фасл қарор мегирад ва дар ин асос механизмҳои молиявии идоракунии таваррум ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи таҳлил ва истифода аз усулҳои эконометрикӣ низоми таъмини идоракунии ҷараёнгирии таваррум барои рушди иқтисодиёти мамлакат пешниҳод мегардад.

Масъалаи таваррум барои кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ гардонидани сиёсати зиддитаваррумиро ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ табдил додааст. Дар айни ҳол дар баробари муваффақшавии таҷрибаи муайян дар ин самт ҳалли мушкилоти болоравии нархҳо дар самти пешгирии таваррум барои иқтисодиёти ин давлатҳо то айни замон заруряти омӯзиши дарёфти роҳҳои нисбатан муфидтарро тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба назария ва амалияи идоракунии равандҳои таваррумӣ корҳои иқтисодшиносии муосири ватанӣ ва хориҷӣ ба анҷом расида, таълифот ва таҳқиқотҳои зиёд ҷой дорад. Дар

таърихи афкори иқтисодӣ олимон ба омӯзиши масъалаи таваррум диққати махсус додаанд. Аз олимони ватанӣ оид ба муайян намудани хусусияту моҳияти равандҳои таваррум ва танзими он дар солҳои истиқлолият тадқиқотҳои зиёд ҷой доранд, ки дар асарҳои Н.Қ. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Р.К. Абдуғаффоров, Комилов С.Ҷ., Саидмуродзода Л.Ҳ., Умаров Х., Раҳимзода Ш., Воҳидов У., Муқимов Қ.М. ва дигарон, омӯзиши масъалаҳои гуногунҷабҳаи таваррум ва идоракунии онро дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд.

Дар таҳқиқи сабабҳо ва моҳияти раванди таваррум олимони рус Л.И. Абалкин, З.В. Атлас, С.М. Борисов, И.Д. Злобин, А. Илларионов, Л.Н. Красавина, Ф.И. Михайлевский, С.М. Никитин, Э. Райхлин, Г.П. Солус, В.Н. Шенаев, Р.М. Энтов, Якунин С., Синева М. саҳми калон доранд.

Олимони хориҷӣ низ ин масъаларо дар давраҳои гуногуни таҳаввулоти иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки ин масъала, аз ҷумла, дар асарҳои Б. Гранвилл, Ҷ.Э. Долан, Ҷ. Кассел, Ҷ.М., Кейнс, Ҷ. Клейнер, Д.К. Кэмпбелл, Ҷ. Р. Кэмпбелл, К. Маркс, Д. Рикардо, А. Смит, И. Фишер, М. Фридман ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити муосири иқтисоди миллӣ дар заминаи таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пуррагӣ ҳалли худро наёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ дар асоси амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025, инчунин, барномаҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои давраи солҳои 2022 – 2026 аз рӯйи мавзуи таҳқиқот анҷом дода шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафи кори диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳқиқи механизми молиявии идоракунии раванди таваррум ва такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил додани сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ буда, муайян намудани хусусиятҳои такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити номутаносибии шадид дар соҳаи муносибатҳои молӣ ва пулии мамлакат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- омӯзиши асосҳои назариявӣ ва аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум, таҳқиқи сабабҳои ба амал омадан ва равияҳои консептуалии такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум;

- арзёбии ҳолати такмили механизми идоракунии раванди таваррум бо дарназардошти хусусиятҳои равандҳои таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили паст намудани таъсири ҷараёнгирии таваррум ба рушди иқтисоди миллӣ;

- дар асоси таҳлили оморию эконометрикии механизми молиявии идоракунии алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани дурнамои он.

**Объекти таҳқиқот** ҷараёни пайдошавии таваррум, танзим ва механизми молиявии идоракунии он дар шароити ноустуворӣ дар низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳо, усулҳо ва афзорҳои молиявие ташкил мекунанд, ки дар якҷоягӣ механизми таъсиррасониро ба сатҳи таваррум ва динамикаи минбаъдаи он ба вуҷуд меоранд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки механизми молиявии идоракунии ҷараёнгирии таваррум дар алоқамандии

нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи тараққиёти иҷтимоии кишвар баҳри беҳтар гардонидани таносуби мол ва миқдори пул мусоидат менамояд. Аз рӯйи модели таҳиягардида чунин хулосаи иқтисодӣ баровардан мумкин аст, ки дар ҳолати ба як банди фоизӣ зиёд гардидани таварруми солона ба ҳисоби миёна афзоиши ММД-и номиналӣ ба андозаи 1,0 фоиз зиёд мегардад.

**Асоси назариявии таҳқиқот**ро асарҳои олимони тоҷик ва хориҷи кишвар оид ба такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии ҷараёнгирии таваррум дар таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат ташкил медиҳанд. Зимни ҳалли вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин: усули монографӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморию эконометрикӣ, усули таҳлилию қиёсӣ ва ғайра истифода бурда шудаанд. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**Сарчашмаи иттилоот.** Дар диссертатсия мавод аз сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомотҳои давлатӣ, маводҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумотҳои ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор, инчунин, маводҳои конфронсҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи молияи ДДМИТ солҳои 2021-2026 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии инкишоф ва мукаммалгардонии механизми молиявии идоракунии таваррум дар асоси алоқамандии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи тараққиёти иҷтимоии кишвар, беҳтар

гардонидани таносуби мол ва микдори пул мебошад. Натиҷаҳои муҳимтарине, ки навгонии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ҷанбаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии механизми молиявии идоракунии раванди таваррум ва зарурияти принсипиалии такмили ин механизм аниқ карда шуда, идоракунии ҷараёнгирии таваррум дар шароити номутаносибии шадид дар соҳаи муносибатҳои молӣ ва пулӣ ҳамчун объекти таҳқиқ ифода гардиданд. Таҳқиқи сабабҳои пайдоиш ва равияҳои консептуалии таваррум зарурати танзими ҷараёни таваррумро ифода карда, коркарди механизми молиявии идоракунии таваррумро дар замони муосир барои таъмини рушди устувор тақвият медиҳад.

2. Ҳолат ва вазъияти механизми молиявии идоракунии таваррум ҳамчун муайянкунандаи сатҳи алоқамандии сиёсати молию пулии кишвар ба ҳисоб рафта, ба ин восита рушди шароити инфрасохтории таносуби миқдори молу маҳсулот ва пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст. Асоснок карда мешавад, ки таҳқиқи механизми молиявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои равандҳои таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Дар робита ба ин, таҳлили вазъи ташаккулёбии иқтидори таваррумро дар кишвар ба тағйирёбии сохтори молу маҳсулоти ватании рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда вобаста намудан мумкин аст.

3. Низоми ташкилию иқтисодии механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили паст намудани таъсири ҷараёнгирии таваррумӣ ба рушди иқтисоди миллӣ дар асоси қоидаи асосии ташаккулёбӣ (самаранокӣ) ва усулҳои арзёбӣ (тавозунӣ, ҳавасмандгардонӣ, муқоисавӣ) коркард шуд. Фишангҳои арзёбии омории механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имконияти навовариҳо танзим ва идоракунии бозорӣ тавассути нархҳо, арзиши аслии маҳсулоти рақобатпазир пешниҳод карда шуд.

4. Пешниҳод мегардад, ки дар раванди татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сафарбар намудани усулҳои ояндабинӣ ва таҳлилҳои оморию эконометрикӣ ба роҳ монда шаванд. Механизми молиявии идоракунии таваррум барои ояндбинӣ ва баҳодиҳии алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пешниҳод карда шуд.

Унсурҳои асосии навгонии илмии пешниҳодкардашуда имкон медиҳанд, ки ба натиҷагирии таносуби муносибатҳои молию пулӣ дар раванди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусбат таъсир расонанд. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум мегардад, ки қисмҳои таркибии нархи молу хизматҳо дар робита ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсири мусбат расонида, дар маҷмуъ ба мувозинати ҳаҷми мол ва миқдори пул боис мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани сабабҳои пайдоиш ва равияҳои консептуалии танзими ҷараёни таваррум.

2.Арзёбии ҳолат ва вазъияти такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии раванди таваррум бо дарназардошти хусусиятҳои равандҳои таваррум, таҳлили вазъи ташаккулёбии иқтидори таваррум дар кишвар ва алгоритми арзёбии сохтори молу маҳсулоти ватании рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда.

3.Аниқ гардонидани низоми механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили таъсири ҷараёнгирии таваррумӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва ташаккулёбии механизми молиявии идоракунии таваррум, истифода аз имконияти нархҳо, арзиши аслии маҳсулоти рақобатпазир дар кишвар.

4. Коркард ва пешниҳод намудани механизми молиявии идоракунии таваррум дар асоси оияндабинӣ ва баҳодиҳии оморию эконометрикии алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар омӯзиш ва таҳлили амиқтари муносибатҳои молию пулӣ дар равандҳои ташаккул ва рушди механизмҳои молиявии ташаккули идоракунии таваррум ва таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ таҷассум меёбад. Натиҷаҳои ҳосилшуда назарияи муносибатҳои молию пулиро тақвият дода, онҳоро ба заминаи назариявии таҳияи сиёсати таваррумӣ дар асоси истифодаи пурраи иқтидори таваррумӣ ворид менамояд. Аҳаммияти амалии хулосаву пешниҳодҳо дар он аст, ки коркардҳои назариявӣ ва методии пешниҳоднамудаи муаллифро мақомоти марказӣ ва минтақавии ҳокимият ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои рушд дар асоси баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум ва дурнамои зуҳуротҳои таваррумӣ истифода бурда метавонанд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалӣ имконияти коҳиш додани мушкилоти дараҷаи болоравии нархҳоро дар асоси таъмини самаранокии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани ҳисоби дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Соҳа ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст) мувофиқанд: Аз ҷумла: б1.1.3. «Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ»; б3.8.2. «Равишҳои методологӣ дар арзёбии функсияҳо, шаклҳои гардиши пул ва таъсири онҳо дар раванди такрористеҳсоли кишварҳои пешрафта ва рушдёбанда»; б3.8.3. «Пул дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва ивазкунандаҳои пул»; б3.8.6. «Ташкил ва танзими ҷараёнҳои пулӣ дар иқтисодиёт»; б3.8.7. «Эмиссия ва сиёсати зиддитаваррумӣ дар иқтисодиёти бозорӣ»; б3.8.10. «Проблемаҳои таваррум (дефлятсия) ва беқурбшавии асъори миллӣ»; б3.8.12. «Асосҳои назариявии таҳқиқоти равандҳои тавварумӣ дар иқтисодиёт, афзоиши даромадҳои воқеӣ ва пулӣ, пасандозҳо ва дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ».

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани предмет ва объекти тадқиқот, асосноксозии номгӯйи вазифаҳои тадқиқот ва ҳалли онҳо, ба ҳадди ниҳоӣ расонидани ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ зоҳир мегардад, ки он имконият медиҳад маводҳои диссертатсия дар коркард ва амалишавии чорабиниҳо оид ба механизми молиявии идоракунии таваррум истифода гарданд. Инчунин, самтҳои афзалиятноки пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки механизми молиявии идоракунии таваррум дар таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ, такмили механизми мубориза барои пешгирӣ ва камгардонии таъсири таваррум дар кишвар, рушди инфрасохтори истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда ҳамчун механизми муҳимми сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳодиҳии оморию эконометрикии алоқамандии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва иқтидори таваррумӣ дар кишвар ҳаллу фасл гарданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ, илмию

амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ дар солҳои 2021-2026 муҳокима гардидаанд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар тадриси фанҳои фаъолияти бонкӣ, молия, макроиқтисод, муомилоти пул ва қарз, низоми пулию бонкӣ истифода шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи молия ва ҷаласаи шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар кори илмии муаллиф, дар 8 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзуи диссертатсия 2,78 ҷ.ч. ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, 9 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт, ки дар 200 саҳифаи матни компютерӣ зикр шудааст, иборат мебошад. Дар диссертатсия 13 ҷадвал, 6 диаграмма, 9 расм оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда 253 номгӯйро дар бар мегирад.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таваррум ва идоракунии раванди он дар шароити муосир»** ҷабҳаҳои назариявии механизмҳои молиявии ташаккули идоракунии раванди таваррумро дар бар гирифта, дар он сабабҳои асосии ба амал омадан, оқибатҳо ва зарурати идоракунии раванди таваррум дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Равияҳои назариявии омӯзиш ва ақидаҳои ташаккулдиҳии идоракунии раванди таваррум дар иқтисодиёти миллӣ асоснок пешниҳод гардидааст.

**Боби дуюм «Таҳлил ва арзёбии механизми молиявӣ ва хусусиятҳои идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои

ташаккулёбии механизмҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои таваррум бо истифода аз нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум ва дурнамои онро дар бар мегирад. Ҳамзамон, масъалаҳои идоракунии зуҳуротҳои таваррум бо дарназардошти хусусиятҳои сатҳии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Боби сеюм «Мукаммалнамоии низоми идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** усулҳои мубориза барои пешгирӣ ва паст намудани таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ ва сиёсати зиддитаваррумиро дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад. Дар он раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили оморию эконометрикӣ асоснокии таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ пешниҳод гардонида шудааст.

Дар хулоса хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои рисолаи диссертатсионӣ оварда шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАВАРРУМ ВА ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Мафҳуму моҳияти назариявии таваррум ва хусусиятҳои он дар шароити муосир

Яке аз мушкилотҳои муҳимми таҳлилшаванда ва монеа барои рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои ҷаҳон таваррум буда, аз он ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудани роҳҳои ҳалли он аҳаммияти хоса дорад. Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҷараёнҳои таваррум дар вақтҳои гуногун ва ҳангоми носуботии иқтисодиёт ба вуҷуд омада, ба соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири манфии худро мерасонад. «...Назария ва амалияи иқтисоди бозорӣ дар кишварҳои ҷаҳон собит месозад, ки таваррум хусусияти мураккаб ва пуртазод дошта, дар ҳар як кишвар бо нигоҳ доштани баъзе хусусиятҳои умумӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Дар асоси мушоҳидаҳои дақиқ, танзими вазъи иқтисодӣ, далелу равандҳое, ки дар амалияи одии иқтисодӣ рӯй медиҳанд, қабл аз ҳама фарзияҳо, назарияҳо дар асоси далелҳои эҳтимолӣ, таҳқиқотҳои давравӣ бо усулҳои индуксионӣ ва дедуксионӣ арзёбӣ карда мешаванд. Дар ин замина, консепсияҳои таҳияшуда бо ҳолатҳо ва вазъи воқеӣ асоснокӣ пайдо мекунанд. Маълум мегардад, ки дар ҳама ҳолат асоси хусусиятҳои назарияҳоро вазъ ва маводи воқеӣ ташкил намуда, ҳамин тавр, бо назарияҳои таҳияшуда ташаккули сиёсати иқтисодии кишвар ва таҳияи дурнамои он дар робита ба идоракунии равандҳои таваррумӣ ҳамчун заминаи илман асоснок сафарбар карда мешаванд» [246, с.55].

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқи идоракунии равандҳои таваррум дар асоси омӯзиш ва таҷрибаи дохилӣ ва давлатҳои хориҷӣ ба даст омада, ҳалли ин масъала талошу кӯшиши зиёдро талаб менамояд. Дар робита ба ин, омӯзиши назариявии мафҳуми таваррум, ҳамзамон, муқаррароти илмии иқтисоди ватанӣ бо мақсади танзими равандҳои таваррум ва ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ муҳиммияти махсуси илмӣ пайдо мекунад.

Тибқи ақидаҳои олимон ташаккули мазмун ва моҳияти таваррум таърихи худро дошта, дар амалия ин майли зиёдшавии гардиши пули коғазиро дар бар мегирифт. Чунин ҳолати ҷараёнгирии таваррум дар Англия ва Фаронса дар асри XIX талаб намуд, ки истилоҳи таваррум васеъ истифода бурда шавад. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, чи тавре ки аз адабиёти иқтисодӣ бармеояд, назарияи омӯзиши таваррум дар иқтисоди шуравӣ аз миёнаҳои асри XX шуруъ гардид.

Дар мавриди таҳқиқи муаммоҳои таваррум мазмун ва мундариҷаи илмии он хеле муҳим мебошад. Чи тавре ки аз адабиёти илмӣ бармеояд, «таваррум калимаи лотинӣ буда, «варам», «дамиш» маънидод мегардад ва дар маҷмуъ дар илми иқтисод беқурбшавии пулро ифода мекунад. Маротибаи аввал истилоҳи таваррум аз тарафи олими амрикоӣ А. Делмар ба доираи истифодаи илми иқтисод ворид карда шудааст» [61, с.22].

Ин бевосита аз мазмуни фарҳанги иқтисодии мафҳуми таваррум бармеояд, ки дар он чунин қайд шудааст: «Аз ҳад зиёд шудани роҳҳои муомилоти пул аз эҳтиёҷоти муомилоти мол, ки боиси беқурбшавии воҳиди пул ва мутаносибан болоравии нарх мегардад» [135, с.105]. Ҳамин тавр, таваррум ин натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми пул ва ҷанбаи гардиши молу маҳсулот аст. Яъне, дар ин ҷо маълум мегардад, ки ташаккулёбии таваррум аз гуногунии таркиби он вобаста мебошад.

Назарияҳои афкори иқтисодии ҷаҳонӣ ва ватанӣ назарияҳоеро пешниҳод мекунанд, ки онҳо дар маҷмуъ муайянкунандаи моҳияти таваррум ҳамчун объекти идоракунӣ мебошанд. Ба ақидаи Ш.Раҳимзода, «Болоравии нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад, таваррум (инфлятсия) ном дорад» [110, с.416].

Мутобиқ ба муқаррароти «...фарҳанги иқтисодӣ таваррум ин ибораи аз ҳад зиёд шудани роҳҳои муомилоти пул аз эҳтиёҷоти муомилоти мол, ки боиси беқурбшавии воҳиди пул ва мутаносибан болоравии нарх мегардад, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҷо, таваррум дар натиҷаи зиёд шудани

ҳаҷми пул ба пастравӣ ё бекурбшавии воҳиди пул расонида, дар ниҳояти кор омили асосии баландшавии сатҳи нархҳо мегардад» [135, с.855].

Олими ватанӣ Муқимов Қ.М. қайд менамояд, ки «равишҳои назариявӣ ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди таваррум тағйирнопазир нестанд, зеро дар аксари мавридҳо назарияҳои маъруфи ҷаҳонии таваррум наметавонанд сабабҳои аслии онро шарҳ диҳанд» [245, с.10].

Мавҷуд будани ақидаҳои гуногун оид ба моҳияти таваррум аз муаммои мураккаби муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бармеояд. Дар робита ба ин, назарияшиноси норвегӣ Ранг Фриш қайд мекунад, ки «мушкилоти марбут ба таваррум на дар ҷараёни шарҳи ин зуҳурот, балки дар раванди ташаккули он ба миён меоянд» [250, с. 9].

Ба назари мо, таърифи дар китоби «Энсиклопедияи бузурги иқтисодӣ» овардашуда моҳияти таваррумро пурратар ошкор мекунад, ки дар он таваррум ҳамчун «тамоюли доимии болоравии динамикаи қурби миёнаи дараҷаи нархҳо дар иқтисодиёт, паст шудани пуле, ки дар натиҷаи номутаносибии такрористеҳсолкунӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба вуҷуд меояд» [135, с.43], фаҳмида мешавад.

«Қайд кардан лозим аст, ки дар чунин шароит яке аз шартҳои асосии рушди босуръати кишвар таъмини устувории муомилоти пулӣ маҳсуб меёбад. Тибқи андешаи Сафрончук М.А.: Таваррум, ки ба ҳар як соҳаи ҷомеа таъсиргузор мебошад, дар худ миқдори зиёди бархӯрди манфатҳоро фаро мегирад. Хароҷотҳои барзиёди иҷтимоӣ-иқтисодиро ба бор меоварад. Дар ин замина ба гардиши иқтисодӣ осеб расонида, дар мубаддалнамоии амонатҳо ба сармоя таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин хотир, интихоби асоснокшудаи сиёсати зиддитаваррумӣ ба мақсад мувофиқ ва ниҳоят зарурӣ арзёбӣ мегардад» [223, с.552-563].

Қисми бештари олимон ва коршиносон назарияеро дастгирӣ менамоянд, ки «...таваррум ин ҳолати номутавозунии пешниҳод ва талабот мебошад ва дар ин замина, пастшавии қурби асъори миллӣ нисбат ба молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ба амал меояд» [246, с.28]. Аз ҷумла, тибқи

ақидаи С.М. Никитин, чунин бармеояд, ки «таваррум дар беқурбшавии пул падид омада, зуҳуроти равшани худро дар баландшавии нархҳо пайдо мекунад» [202, с.15]. Ҳамин тавр, «ақидаи мазкур аз ҷониби аксарияти иқтисодшиносони муосири ҷаҳонӣ тарафдорӣ карда мешавад. Мувофиқи ақидаи профессорон Р.Кэмпбелл, Макконел К. Р. ва Стэнли Л. Брю таваррум тавсифи зеринро мегирад: Таваррум ин болоравии сатҳи умумии нархҳо мебошад» [87, с.163]. Лекин чунин ақидаи маъмули таваррумӣ дар байни олимони иқтисодшинос то ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Чунин мавқеъгирӣ ба тавре шарҳ меёбад, ки таваррум дар шакли ниҳонӣ низ амал мекунад, чунки ҳолати мазкур аз ҳисоби норасоии молу маҳсулот ба амал омада, барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзмара ва ғайра кифоягӣ намекунад.

Ҳамин тавр, дар шароити имрӯза таваррум на ин ки аз ҳисоби коҳишёбии қобилияти харидории пул ва болоравии нархҳо, инчунин, аз ҳисоби ҷой доштани зиддиятҳо дар истеҳсол ва тақсимоти молу хизматҳо арзёбӣ карда мешавад. Чи тавре ки олимони англис Лайдлер ва Паркин «таваррумро ҳамчун раванди болоравии доимии нархҳо ё ки паст шудани арзиши пул таъриф додаанд» [251, с.741]. Асосан, ба таври эволютсионӣ асли беқурбшавии пул аз давраҳои қадим дар робита ба интишори тангаҳои қиматбаҳо мазмуни механизми молиявии таваррум ва сарчашмаҳои таваррум баромад мекунанд.

Инчунин, Д. Ренсон дар энсиклопедияе, ки маҷаллаи машҳури иқтисодии «Fortune» нашр кардааст, «таваррум ҳамчун коҳиши қобилияти харидорӣ тавсиф шуда, одатан бо афзоиши нархи молҳо ва хидматҳо вобастагӣ дорад» [253, с. 211].

Ақидаи назариявие ба амал омад, ки таваррум ин болоравии нарх ва беқурбшавии пул буда, дар робита бо заиф гардидани қобилияти харидорӣ таносуби талабот ва таклифот ҳолат ва вазъи иқтисодиётро инъикос менамояд. Бинобар ҳамин, таваррум ҳодиса ва зуҳуроти хеле мураккаб дар доираи муносибатҳои молию пулӣ баромад мекунад.

Сатҳи таваррум аз ҳолати беҳад зиёд шудани роҳҳои муомилот бо пулҳои коғазии барзиёд нисбат ба ҳаҷми афзоиши мол ва хизматҳо бармеояд. Қайд кардан лозим аст, ки таваррум мазмуни мураккаб дошта, дар зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд. Яъне, ин танҳо зиёдшавии миқдори пулҳо нисбат ба молҳо набуда, аз миқдор ва сифати молу хизматҳо низ вобаста мебошад.

Мувофиқи ақидаи С.А. Далин, «на ҳама болоравии нарх оқибати таваррум аст, аз ҷумла, оқибати таваррум моҳияти он буда наметавонад» [149, с.63]. Аксари олимон ва коршиносон ақидаеро ҷонибдорӣ мекунанд, ки болоравии нарх аз беҳтар шудани сифати маҳсулот ба амал ояд. Ҳамин тавр, чунин ҳолат омили бевоситаи таваррум ҳисобида намешавад.

Новобаста аз мавқеъҳои гуногун, дастовардҳои олимон ва мутахассисон дар ин самт мазмун ва мундариҷаи илмии идоракунии таваррумро ошкор намудаанд. Яъне, зуҳуроти таваррумӣ низоми беназорату бенизом набуда, баръакс, ҳамчун воситаи ташкил кардани мутобиқати миқдори молу маҳсулот ва пул ба шумор меравад. Чунин раванд дар асоси муносибатҳои иқтисодии кишварҳо ҳамчун объекти назорат ва танзимшаванда бояд баромад намояд.

Мазмун ва мундариҷаи мафҳуми таваррум хеле мураккаб буда, бо ин мақсад, аниқ кардани моҳияти таркибии он хеле зарур мебошад. Пеш аз ҳама, қайд менамоем, ки мураккабияти идоракунии таваррум на ин ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, балки дар дохили кишварҳо ба амал омада, пайдо намудани роҳҳои ҳалли он ҳамчун мавзуи таҳқиқот барои олимони соҳаи иқтисод истифода мегардад. Дар ин замина, муайян кардани сатҳи самаранокии сиёсати иқтисодӣ бо мақсади пешгирии таваррум ва идора кардани он муаммоҳоеро ба амал меорад, ки дар ин самт олимон ва мутахассисон усулҳои нави тадқиқотиро мавриди истифодабарӣ зарур меҳисобанд.

Муаммои мазкур мавриди баҳсу музокираҳои илмию амалӣ ба ҳисоб рафта, дар назди давлату ҳукумат низ вазифаҳои зиёдеро во мегузорад.

Чунонки Якунин С.В. ва Синева М.В. қайд менамоянд: «Вақте суръати афзоиши нархҳо дар кишвар ба дараҷае мерасад, ки гиперинфлятсия таҳдид мекунад, пас вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодии ҳукумат ҷилавгирӣ аз таваррум мегардад» [236, с.60].

Ба назари мо, таваррум ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодии комплексӣ на ин ки чун натиҷа, инчунин, мақсади он ба сифати яке аз роҳҳои дарёфти ҳалли муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад. Дар робита ба чунин зиддиятҳои истеҳсол ва такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ кӯшиш менамоем, ки мазмун ва мундариҷаи таваррумро аз нуқтаи назари олимон мавриди баррасӣ қарор диҳем (нигаред ба ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. - Мазмун ва мундариҷаи таърифҳо ва мавқеи муаллиф оид ба таваррум**

| Мавқеъгирӣ аз таърифи таваррум | Мазмун ва мундариҷаи таъриф | Мавқеи муаллиф дар робита ба таърифҳои овардашуда |
|---|---|---|
| **Макконелл К.Р., Брю С.Л.** | Афзоиши умумии нархҳо. | Умуман тағйирёбии нарх |
| **Муқимов Қ.М.** | Таварруми муосир ин пастшавии қобилияти харидории пули миллӣ, ки дар баландшавии нарх инъикос ёфта дар асоси тавофутҳои истеҳсолӣ ба миён омадааст. | Кам гардидани арзиши сабади истеъмолӣ |
| **Шариф Раҳимзода.** | Болоравии нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад, таваррум (инфлятсия) ном дорад. | Таваррум ҳамчун натиҷаи алоқамандии хароҷотҳои пешниҳод ва талабот |
| **Розанова Н.М.** | Таваррум – ин афзоиши мунтазами нархҳо дар иқтисодиёт. | Ҳамчун майлгирии устувории таваррум |
| **Александр Делмар** | «...Беқурбшавии низоми пулӣ ва кам шудани қобилияти харидории пули миллӣ (бо доллари ИМА)». | Камшавии таваррум ҳамчун омили таъмини мувозинати ҳаҷми пулу мол |
| **Протасов А.Ю.** | Беқурбшавии пул дар натиҷаи номутавозунии иқтисодиёт ва бад шудани номутавозунии он. | Таваррум ҳамчун воситаи таъмини мувозинати макроиқтисодӣ |

Идомаи ҷадвали 1.1

| Мавқеъгирӣ аз таърифи таваррум | Мазмун ва мундариҷаи таъриф | Мавқеи муаллиф дар робита ба таърифҳои овардашуда |
|---|---|---|
| **Абалкин Л.И.** | Пур шудани роҳҳои муомилоти пулӣ нисбат ба талаботи гардиши мол, ки боиси пастшавии воҳиди пул мегардад, ба болоравии нархҳо оварда мерасонад. | Таваррум ҳамчун инъикоскунандаи номутаносибии миқдори мол ва воситаҳои пулӣ |
| **Раҳимов Р.К.** | Таваррум – ин ҳодисаи мураккаби бисёромилаест, ки вайроншавии ҷараёни такрористеҳсолро тавсиф намуда, ба иқтисодиёте хос аст, ки дар он муомилоти пулҳои коғазӣ истифода мешавад. | Таваррум ҳамчун нишондиҳандаи иқтисод ва молияи хоси анъанавӣ |
| **Мишкин Ф. С.** | Афзоиши устувор ва дарозмуддати сатҳи умумии нархҳо дар иқтисодиёт. | Майлгирии устувори номутаносибии миқдори пул ва мол дар низоми иқтисодӣ. |

**Сарчашма:** таҳия ва коркарди муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ [85, с.287; 237, с.38; 98, с.47; 110, с.175; 114, с.127; 61, с.22; 107, с.68; 135, с.332; 111, с.469; 95, с.754].

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, дар ҳақиқат, таваррум дар баробари натиҷагирӣ ин дарёфти роҳи ҳалли номутаносибии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳамчун омили тақвият додани равандҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ барои рушд ба шумор меравад. Таҳқиқ ва омӯзиши масълаи мазкур имконият медиҳад, ки бартарӣ ва таъиноти мавқеъгирии таваррумиро мушаххас гардонем.

Ҳамин тавр, маҳсули кори муҳаққиқон афкори муайяни иқтисоди ҷаҳониро ба амал оварда, назарияҳои баамаломада мазмун ва моҳияти таваррумро равшан гардонидааст. Зиёда аз ин, онҳо ҳамчун заминаи назариявӣ ва методӣ барои таҳқиқ ва шарҳ додани мазмуни таваррум баромад карда,  барои пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, ки мусоидат намоянд.

Таъсис ёфтани аввалин равия-консепсияҳои назариявӣ, ки дар худ мазмуни таваррумро дар бар мегирифт, аслан, ба иқтисодчиёни классикӣ тааллуқ дошта, ин давраҳои тулониро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, мавқеи чунин равияҳоро дида мебароем. Ҷиҳатҳои муҳимми назариявии

мактаби классикӣ ақидаеро пеш меорад, ки таваррум аз мавқеи муносибатҳои бозорӣ истифода бурда, ҳамчун низоми худтанзимкунанда амал мекунад. Дар ин замина, шуғли пурраи меҳнат ва вазъи муътадили бозор ноустувор гардида, давлатро зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани сиёсати афзалиятнок дар ин ҷода ба иқтисодиёт дахолат накунад, аммо бо кам намудани миқдори пули дар муомилотбуда онро танзим намояд.

Намояндагони самти классикӣ аз рӯйи ақидаи назариявии худ таваррумро ҳамчун натиҷаи афзоиши миқдори пул меҳисобиданд. Ҳамин тавр, онҳо тасдиқ менамуданд, ки дар мавриди аз доираи муомилот гирифтани миқдори барзиёди пул бевосита қобилияти харидории пул устувор мегардад. Мувофиқи ба назарияи классикӣ номунтазамии дар шакли тамоили таваррумӣ амалкунанда, ҳамзамон, камшавии сатҳи дефлятсия, асосан, дар шароитҳои ба вуқуъ омадани ҳолатҳои ҷангӣ, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода ба амал меояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки, дар маҷмуъ, таваррумро дар алоқамандӣ ва ё дар робита ба истеҳсолот шарҳ намедоданд. Бо мурури замон ҷонибдорони ақидаҳои неоклассикӣ фарзияеро пешниҳод намуданд, ки тибқи он ба амал омадани таваррум ҳамчун натиҷаи муҳосираи пул пешниҳод гардидааст.

Дар ин раванд алоқамандии байни беқурбшавии пул ва барориши онро бо роҳи ворид намудани робитаи хаттӣ байни қобилияти харидории пул ва мувофиқаи онҳо ба миқдори пулҳои баровардашуда арзёбӣ карда мешуд. Ба таври дигар, тибқи назарияи онҳо баробаркунии мубодила шакли зеринро мегирад, ки мазмуни он аз тарафи Ирвинг Фишер бо таври зерин пешниҳод шудааст: «MV = PQ» [70, с.45]. Заминаи ақидавие, ки «...мактаби неоклассикӣ такя мекунад, ин хусусияти низоми иқтисодии капитализм тибқи худтанзимкунӣ мебошад. Мунтазам дар ҳудуди шуғли пурра асос ёфтан аз он ҷиҳат осебпазир буд, ки таносуби гардиши молу маҳсулот ва суръати гардиши пул якхела боқӣ мемонад» [246, с.20].

Равияи дигаре, ки дар ин самт таваррумро арзёбӣ менамояд, ин назарияи таваррумии Ҷ.М. Кейнс ба шумор меравад. Дар робита ба ақидаи

мазкур талабот ба пул ҳамчун омили афзоиши пул мақоми махсусро мегирад. Мувофиқи ин назария аниқ мегардад, ки низоми пули барзиёд то як давраи муайян, яъне, то ба шуғлнокии пурра расидани иқтисодиёт муфид ва самаранок ҳисобида мешавад. Чунин ҳолат муқаррарӣ арзёбӣ шуда, ҳамчун зарурати рушд ёфтани иқтисодиёт ҳисобида мешавад.

Ҳамон вақт хусусияти таваррумӣ ба амал меояд, ки кулли захираҳои иқтисодӣ дар доираи шароит ва имкониятҳои ҷойдошта сафарбар мегарданд. Дар он лаҳзае, ки «...кулли захираҳои иқтисодӣ дар доираи имкониятҳои онҳо истифода мешаванд ва, ҳамзамон, дар ҳоле, ки дар кишвар сатҳи баланди истеҳсолот ва сатҳи бекорӣ мушоҳида мегардад» [246, с.25], ҳолате ба амал меояд, ки афзоиши ҳамагуна талаботҳои умумӣ аз қабили сармоягузории давлатӣ, сармоягузории хусусӣ дар ниҳояти кор ҳамчун омили таваррумӣ ҳисобида мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар асоси равия-консепсияи пулӣ, ҳамзамон, назарияи таварруми интизоршаванда ҷой дорад, яъне, ҳангоме ки «...таваррум суръати баланд мегирад, субъектҳои иқтисодӣ, алалхусус, соҳибкорон, баландшавии нархро интизор мешаванд. Дар ин раванд онҳо танзимро аз болои воситаҳои пулии худ хеле пуршиддат мегардонанд, ки ин яке аз омилҳои баландшавии сатҳи таваррум мегардад» [246, с.27].

Чи тавре ки аз таҷрибаи мамлакатҳо бармеояд, дар аксари онҳо ҳолати карахтии таваррум ба амал меояд, ки ин назарияи нави ниҳодии таваррумӣ мебошад. Дар робита ба ин назария мавқеи махсусро таварруми хароҷот мегирад, ки мувофиқи ин назария болоравии нарх дар натиҷаи афзудани хароҷоти истеҳсолот ба миён меояд, ки инҳо омилҳои ғайрипулии таваррумӣ мебошанд.

Назарияи дигаре, ки мазмун ва мундариҷаи назари таваррумиро ташкил медиҳад, ин таварруми инерсионӣ мебошад. Мувофиқи он дараҷаи таваррум дар як давраи муайян аз рӯйи сатҳи аниқ амал мекунад. Лекин, ин дар худ имкониятеро доро мебошад, ки дар ин ё он лаҳзаи дилхоҳ боиси афзоиши таваррум гардида, имконияти идоракунии ин раванд маҳдуд

мегардад. Чунин намуди «...таваррум дар илми иқтисод ҳамчун таварруми интизоршаванда арзёбӣ мегардад. Аз ин мавқеъ, давлатҳо ҳангоми коркарди сиёсати пулию қарзии худ ҳолатҳову хусусиятҳои онро ба назар мегиранд» [246, с.47].

Дар доираи ин қайд намудан зарур аст, ки ин масъала, яъне таваррум ва бавуҷудоии он, дар доираи созишномаҳои меҳнатӣ ва «дар мавриди коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо мақсади идоракунии раванди мазкур ба назар гирифта мешавад.

Вобаста ба ин, дар адабиёти иқтисодӣ шарҳи зерин маъмул гаштааст, ки сатҳи таваррум, дар қарордод, аҳдномаҳо ва шартномаҳои ғайрирасмӣ пешбинишуда ва гузошташуда, суръати инерсионии таваррум номида мешавад» [105, с.524]. Аз таҷрибаи хоҷагидории кишварҳо чунин бармеояд, ки сатҳи таваррум имкони дар муддати тулонӣ аз рӯйи як сатҳи муайян қарор гирифтанро надорад. Алалхусус, ҷиҳатеро ба эътибор гирем, ки иқтисоди бозорӣ ҳолатҳои эҳтимолиро доро буда, ҳамчун заминаи доимотағйирёбанда будани таваррумро дар бар мегирад.

Таваррум ҳамчун як ҷузъи таркибии ҳодиса ва зуҳуроти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, мунтазам ҳамчун фишанги таъсиррасон боқӣ мемонад, чунки он рукни бевоситаи таркибии гардиши пулӣ мебошад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар ҳар як давлате, ки фаъолияти он ба муносибатҳои молию пулӣ асос меёбад, ба таври объективӣ таъсири таваррум ҷой дорад. Ҳамин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, ҳар як мактаби иқтисодӣ дар доираи ақидаҳои назариявии худ ба моҳият, аҳаммият ва сабабҳои таваррумӣ мавқеъгирӣ намудаанд. Дар ин раванд ақидаи ягона аз он бармеояд, ки таваррум мафҳуми ниҳоят мураккаб ва бисёрпаҳлу мебошад. Лекин дар ин миён оид ба мазмун, сабабҳои ба амал омадан, таҳияи механизми идоракунии таваррумӣ ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Аз дидгоҳи мо, дар шароити муосир назарияҳои таваррумро аз рӯйи чунин гурӯҳҳо хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1.Аз рӯйи аломати консепсияи миқдори пул: дар ин замина сабаби асосии болоравии сатҳи нархҳо ин зиёдшавии ҳаҷми пул нисбат ба талабот мебошад. Намояндагони «...назарияи мазкур олимон, аз қабили Адам Смит, Давид Рикардо, Ирвинг Фишер ва дигарон маҳсуб меёбанд» [246, с.29]. Лекин, бо мурури вақт ин назария ба буҳрон дучор гардида, шароити пайдоиши дигар назарияҳоро ба амал овард.

2.Аз рӯйи аломати судмандӣ ва талаботи самаранок: мувофиқи аломати мазкур, дар шароити нопурра ва ғайрисамаранок сафарбар кардани кулли захираҳо ҳаҷми сармоягузорӣ кам гардида, яккаҳукмронии бозорҳо ба амал омад, ки дар ин замина афзоиши ҳар як қисмати он боиси таваррум мегардад. Намояндаи назарияи мазкур Ҷ.М. Кейнс буда, ба ақидаи ӯ қисмҳои таркибии «талаботи самаранок ин хароҷотҳои давлатӣ, хароҷотҳои истеъмолӣ, содироти соф ва сармоягузории умумӣ ба шумор меравtotand»[246, с.65].

3.Аз рӯйи аломати ҳодисаи пулӣ: дар робита ба ин равия назарияи монетарии таваррум ба амал омад, ки намояндагони ин назария Милтон Фридман, Р. Лукас, Т. Сарджент ва ғайраҳо ҳисобида мешаванд. Онҳо таваррумро дар алоқамандӣ ба миқдори пул дигар хел баҳогузорӣ намудаанд. Аз ҷумла, зуҳуроти таваррумиро ҳамчун ҳодисаи пулӣ ҳисобида, дар робита ба қурби асъор, меъёри фоизӣ, тарифҳои гумрукӣ, инчунин, васеъшавии бахшҳои давлатӣ алоқаманд карда, онҳоро, дар маҷмуъ, ҳамчун сабаби пайдоиши таваррум шарҳ додаанд.

4.Аз рӯйи аломати ташаккулёбии хароҷот: дар робита ба ин равия, ақидаи назарияи мазкур омилҳои ташаккулёбии нархро мавриди таҳлил қарор дода, дар маҷмуъ, онҳоро ҳамчун заминаи назариявии таварруми хароҷот бо мақсади идоракунии раванди мазкур мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз рӯйи мазмун таваррум дар алоқамандии зич ба хароҷотҳои истеҳсолӣ ба амал омада, дар робита ба он омили баландшавии нарх муайян мегардад (нигаред ба расми 1.1).




**Расми 1.1. - Омили истеҳсолот, баландшавии нарх ва намудҳои таваррум**

**Сарчашма:** таҳия ва коркарди муаллиф.

5.Аз рӯйи аломати таклифотӣ: дар робита ба ин аломат, тибқи ақидаи мутахассисон, омили асосии таъсиррасон ба таваррум ин камшавии ташаббускории соҳибкорон, кам гардидани фаъолнокии онҳо ва маҳдуд гардидани механизмҳои ҳавасмандии рушди истеҳсолот мебошад. Намояндагони равияи иқтисодиёти таклифот А. Лаффер, Ч. Гилберт, Р. Мандан ва ғайраҳо мебошанд.

6.Аз рӯйи аломати институтсионалӣ: мутобиқ ба равияи мазкур, сабаби асосии ба амал омадани таваррум ин фаъолияти номукаммали институтҳои зерин, аз қабили монополияи давлат, низоми андозбандӣ ва бонкӣ, институтҳои молиявию қарзӣ ва низоми маъмурӣ мебошанд.

Назарияҳои дар боло овардашуда ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дар бар мегиранд. Аз ин хусус, дар вақти кор карда баромадани чорабиниҳо оид ба такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки онҳоро, дар маҷмуъ, ба эътибор гирифта, ҳамчун ҷараёни тағйирёбанда ва характери динамикидошта мавриди истифодабарӣ қарор диҳем. Ба назари мо, чунин тарзи корбарӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки дар коркарди

сиёсати зиддитаваррумии кишвар истифодаи комплексии назарияҳои амалкунанда муфидтар баромад мекунад. Чунки кулли асосҳои назариявӣ ва амалии консепсияҳои зикргардида барои ҳалли муаммоҳои иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд. Ҳар яке аз он аҳаммияти илмӣ-амалӣ дошта, дар маҷмуъ, бо дарназардошти ба эътибор гирифтани хусусиятҳои иқтисодиёти мамлакат муҳим шуморида мешавад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, ба фикри мо, такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти илмию назариявӣ дошта, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои он аз рӯйи вазъи кунунӣ ва тамоюли тағйирёбии таваррум ва таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Дар ин раванд масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар робитаи зич ба болоравии нархҳо, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва арзёбии таъсири таваррум ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ фаро гирифта мешаванд.

Вайроншавии низоми пулию молӣ оқибатҳои зиёди манфӣ дорад, аз ҷумла, чунин ҳолат барои ҷалби сармоягузорӣ монеа шуда, фаъолияти иқтисодии субъектҳо заиф мегарданд. «Раванди мазкур ҳамагуна кӯшишҳоро барои рушд аз байн бурда, иқтидори истеҳсоли ватанӣ кам мегардад ва бо афзоиши асъори хориҷӣ вобастагии иқтисоди миллӣ аз молҳои воридшавандаи истеъмолӣ меафзояд. Зиёда аз ин, таваррум ҳамчун омили рушди бахши ғайрирасмӣ ва қонунвайронкуниҳои иқтисодӣ мегардад. Баландравии нархҳо таносуби байни молу хизматҳо ва миқдори пули дармуомилотбударо вайрон мекунад ва ин асоси истифодаи ғайрисамараноки кулли захираҳо мебошад» [245, с.13]. Ба таври воқеӣ оқибатҳои манфии таваррумро бо чунин тарз шарҳ медиҳем, ки он дар расми 1.2 оварда шудааст.




**Расми 1.2. - Зухуроти манфии таваррум дар иқтисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ

Чи тавре аз маълумотҳои расм бармеояд, таваррум ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодӣ омили муҳимтарини таъсиррасонӣ ба иқтисод ва молия мебошад. Иқтисодшиноси машҳури амрикоӣ Ф. Махлуп, аз ҷумла, чунин қайд менамояд, ки «болоравии қурби асъори хориҷӣ маҳсулоти воридотиро бо воҳиди пули миллӣ қиматтар карда, молҳои содиротиро бо воҳиди асъори хориҷӣ нисбатан арзон мекунад» [188, с.27].

Дар робита ба ҳамин, яке аз сабабҳои тағйирёбии қурби асъори миллӣ маҳз таваррум мебошад. Чун анъана мазмуни таваррум, асосан, ҳамчун ҷараёнгирии пастравии дараҷаи асъори миллӣ фаҳмида мешавад. Лекин, ба назари мо, маънои ибораи таваррум дар ин шакл маҳдуд бармеояд. Барои васеъ фаҳмида гирифтани таваррум дараҷаи афзоиши нисбии нархҳо маънои бештари имкониятҳои идоракуниро мегирад. Дар шароити бозор сабаби асосии ноустувор гардидани пул ин рақобатпазир набудани молу маҳсулот ва хизматрасониҳо мебошад. Яъне, лозим аст, ки алоқамандии байни мол ва пул ба эътибор гирифта шавад. Бинобар ин,

таваррум ин афзудани сатҳи нархҳо дар доираи муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Бо ҳамин гуна майлгирӣ ҷараёни таваррум ба рафти рушд пайдо карда гирифтани иқтисодиёт, сохт ва таркиби он таъсир расонида, дар ниҳоят ба сатҳи некуаҳволии мардум бетаъсир намемонад. Ҳамин тавр, таваррум чун нишондиҳандаи муҳим ва таъсирбахш дар ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодӣ баромад мекунад. Мантиқан, иқтисодиёт дар сатҳи микро ва макроиқтисодӣ бе амал намудани ҷараёнгирии таваррумӣ таъсис ёфта наметавонад. Зиёда аз ин, таваррум бо дигар нишондиҳандаҳои сатҳи гуногуни иқтисодиёт дар ҳамбастагӣ ташаккул ёфта, амал мекунад.

Ба назари мо, маълум мегардад, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки на ин ки масъалаҳои ҷорӣ, балки дурнамои масъалаҳои мазкур мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Ҳамин тавр, тавсияҳои илман асоснок барои рушди иқтисодиёт фароҳам оварда мешавад.

Дар замони муосир ва то рафт мураккаб гаштани муносибатҳои иқтисоди бозорӣ таваррум ба падидаи фарогири иҷтимоию иқтисодӣ табдил гашта, омӯзиши ҳамаҷонибаи он масъалаи мубрами илми иқтисодӣ гардидааст. Таваррум ҳамчун нишондиҳандаи калидии муносибатҳои молиявию иқтисодӣ дар замони муосир ба ҳисоб рафта, таҳқиқгарон таъсири онро ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа дар сатҳи макро ва микроиқтисодиёт меомӯзанд. Боиси қайд аст, ки дар айни замон дар адабиёти иқтисодӣ ақидаҳои мухталиф оид ба моҳияти таваррум мавҷуд мебошад. Ҳатто, то замони мо доир ба тафсири истилоҳи таваррум андешаи ягона дар байни олимон ва мутафаккирони соҳа вуҷуд надорад.

## 1.2 Сабабҳои бавуҷудоии таваррум ва зарурати идоракунии он дар шароити муосир

Таваррум яке аз масъалаҳои муҳимми баррасишаванда ифодакунандаи дараҷаи номуътадилии рушди макроиқтисодии кишварҳо

мебошад. Ба вуҷуд омадани таваррум аз он дарак медиҳад, ки байни талаботи маҷмуӣ ва пешниҳоди умумӣ номутаносибии макроиқтисодӣ ҷой дорад. Дар доираи ин, мафҳуми таваррум ҳамин гуна ҳолате ҳисобида мешавад, ки баландшавии дараҷаи умумии нархро мазмунан ифода мекунад. Аз ин сабаб, барои чен кардани нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар назария ва амалияи иқтисодӣ низоми муайяни нишондиҳандаҳо таҳия ва коркард гардидаанд. Онҳо ҳамчун мафҳум ва ибораҳои категорияҳои иқтисодӣ дар доираи адабиёти таълимии ба иқтисодиёт нигаронидашуда мавқеи устуворро гирифтаанд. Бар замми ин, мазмун ва мундариҷаи онҳо ба воситаи асосҳои назариявӣ ва методӣ асоснок гардидаанд.

Мувофиқи назарияи таваррруми Кейнсионӣ, ки ҳамчун «талаботи самарабахш» шинохта мешавад, сабабҳои асосии таваррум ин шароити нопурра ва ғайрисамаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки мақоми низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисодиёт аз ташаккулёбӣ ва сафарбаркунии унсурҳои таркибии талаботи самаранок вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қобилияти харидории пул, дар маҷмуъ, ин мазмун ва мундариҷаи тамоилгирии таваррумро дарҷ менамояд, ки дар ин замина иқтисодшиноси ватанӣ Ризоқулов Т.Р. чунин иброз доштааст: «Таваррум ҳангоми гузариш аз иқтисоди маъмурӣ ба шароити бозорӣ танҳо бо болоравии умумии нархҳое, ки дар илми иқтисодшиносии ғарбӣ қабул карда шудааст, наметавонад шарҳ дода шавад. Бинобар сабаби дар арафаи ташаккулёбӣ қарор доштани муносибатҳои бозорӣ, вақте сухан дар бораи таваррум меравад, раванди беқурбшавии пулро ба инобат гирифтан лозим аст, чунки дар мавриди паст шудани қобилияти харидории пули миллӣ, яъне тамоюли пастравии шумораи молҳо ва хидматҳо барои як воҳиди пулӣ харидоришуда фаҳмида шавад» [112, с. 47].

«Маҳз ҳамин намуди таваррум ба иқтисодиёти имрӯзаи давраи ташаккул ва рушди ниҳодҳои бозорӣ хос мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан

мумкин аст, ки тавассути назорати сатҳи таваррум қобилияти харидории пулро назорат кардан мумкин аст.

Чи тавре ки аз мазмун ва мундариҷаи илми иқтисодиёт бармеояд, нишондиҳандаи қобилияти харидории пул ин қимати баръакси сатҳи таваррум ё ин ки индекси нархҳо ба ҳисоб меравад» [103, с.188].

Дигаргуншавии арзиши пул дар робита ба сатҳи ҷории таваррум масъалае ба шумор меравад, ки аксарияти олимон дар татқиқотҳои худ маҳз ба ҳамин масъала барои муайян кардани арзёбии қобилияти харидории пул диққати худро равона созанд. Дар раванди тадқиқот аз ҷониби иқтисодшиносони муосир кӯшишҳои гуногуни арзёбӣ намудани сатҳи қобилияти харидории пул ҷой дорад.

Ба назари мо, дар ин замина ақидаи иқтисодшиноси ватанӣ Саидмуродов Л. Ҳ. хеле ҷолиб мебошад: «Қобилияти харидории сомонӣ дар асоси индекси нархҳои истеъмолӣ камбудиҳои муайян дорад, зеро нархи молу хидматрасонии инвеститсиониро ба назар намегирад. Аз ин рӯ, қобилияти харидории пули миллӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бояд тавассути индекси дефлятори ММД ($J_{ммд}$) бо истифодаи формулаи зерин ҳисоб карда шавад: $J_{п.q/} = 1 - (J_{дммд} - 1)$» [118, с.200].

Аз рӯйи формулаи овардашуда бармеояд, ки қобилияти харидории пули миллӣ аз рӯйи дефлятори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи талаботҳои байналмилалӣ барои таҳлили босифати вазъи иқтисодии ба роҳ мондани ҳисобкуниҳо дар асоси нархҳои ҳақиқӣ ва нархҳои доимӣ хеле зарур мебошад. Дар робита ба ин, «...дар маҷмуаҳои оморӣ қайд гардидааст, ки арзёбӣ намудани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои доимӣ ба заминаи муайянгардида ва нархҳои миёнаи давраи заминавӣ муайян карда мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки равияи нархҳои доимӣ барои давраи заминавӣ бо мақсади баҳогузорӣ бо нархҳои доимӣ дар моҳ, семоҳа, шашмоҳа ва солона ба роҳ монда шудааст» [246, с.72]. Мувофиқи равияи

нархҳои доимӣ, одатан, ҳамчун давраи заминавӣ як сол ба эътибор гирифта шудааст. Чунки нархҳо ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки дар як муддати кӯтоҳ тағйиротҳои мавсимиро фаро мегиранд. Бинобар ҳамин, барои тартиб додани пайдарҳамии ҳисобҳо, ки ба нархҳои доимӣ асос ҳисобида мешавад, таҷрибае истифода мешавад, ки бо истифода бурдан аз тариқи якҷоякунонӣ ба як замина оварда мешаванд. Тибқи ақидаи Д.Р. Белоусов, «барои баҳодиҳии иқтидори таваррум чунин усулҳо тавсия дода мешавад:

1.Ташаккулёбии ҳаҷми даромадҳо. Дар ин маврид сармоягузории хароҷотҳои истеҳсолӣ барои таъмин намудани такрористеҳсоли одӣ дар шароити баландшавии нархҳо ба захираҳо таъмин гардонида мешаванд.

2.Ба эътибор гирифтани фарқи байни хароҷотҳо ва ҳаҷми воқеии даромадҳо. Дар ин асос ҳаҷми даромади таваррумӣ муайян карда мешавад.

3.Ба эътибор гирифтани дараҷаи иқтидори таваррум. Ин ҳолат ҳамчун тақсимоти даромади умумии тибқи талабот баамаломада ба даромади ҳақиқӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

4.Ба эътибор гирифтани афзоиши қиматшавии маҳсулот. Дар робита ба ин, талабот ба захираҳои молиявӣ таъмин гардида, ин ҳамчун иқтидори таваррумӣ ба ҳисоб гирифта мешавад» [238, с.16-17].

Ба ақидаи мо, усулҳои аз ҷониби олими рус Д.Р. Белоусов овардашуда барои ҳисоб намудани иқтидори таваррум ва такмили механизми молиявии ин раванд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калони илмӣ-назариявӣ дорад. Интизории таваррумӣ аз тарафи субъектҳои иқтисодию молиявӣ баланд буда, эҳтимоли хавфи зиёдро дорад. Бинобар ҳамин, мазмун ва мундариҷаи усулҳои баҳодиҳии дараҷаи интизории таваррум ва таъсири онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар доираи адабиёти иқтисодӣ ва коркардҳои назариявию амалӣ чунин усулҳои арзёбӣ намудани интизории таваррумро, аслан, фарқ менамоянд, аз ҷумла, «усулҳои оморию эконометрикӣ, мушоҳидаҳои

сотсиологӣ, сафарбар намудани индикаторҳои бозорҳои фондӣ ва истифодабарии ахбороти калонҳаҷм» [140, с.21].

Дар шароити имрӯза зарур аст, ки омӯзиш ва пешгӯикунӣ намудани таваррум ба тариқи комплексӣ таъсис ёфта, маҷмуи усулҳои эконометрикиро фарогир бошад. Ба таври мунтазам анҷом додани чунин муносибат имкониятҳои бештари сафарбаркунии маҷмуи моделҳоро дар ташаккули эътимоднокӣ ва шаффофияти ҷараёнгирии таваррум ба таври ҷорӣ ва ояндавӣ ифода карда мегирад.

Аз рӯйи мавқеъҳои амалкунанда усули мушоҳидаҳои сотсиологӣ ба он асос меёбад, ки гирифтани ахборот дар робита ба шаҳрвандони одӣ, мутахассисони соҳавӣ дар шакли анкетакунонӣ ташаккул меёбанд. Натиҷаҳои он дар асоси таъбу нашр барои идоракунӣ сафарбар карда мешаванд. Индикаторҳои бозорҳои фондӣ бошад, ахборотеро фаро мегиранд, ки онҳо дар асоси меъёрҳои фоиз, даромаднокии коғазҳои қиматнок, дараҷаи пардохтпазирии дороиҳо, дараҷаи нисбии коғазҳои қиматнок ҳамчун асос қабул карда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баландравии дараҷаи таваррум дар асоси афзоиши нарх нишондиҳандаи муайянкунандаи ҳолати иқтисодиёт мебошад. Аз ин ҳисобояндабинии нишондиҳандаи мазкур аз мавқеи назария ва амалия аҳаммиятнок ҳисобида мешавад. Дар доираи назария ва амалияи ҷаҳонӣ оид ба усуслҳоиояндабинии майлгирии нарх дар вақти муайян инҳоянд:

а) давраҳои кӯтоҳмуддат;

б) давраҳои миёнамуҳлат;

в) давраҳои дарозмуҳлат.

Ба ақидаи мо, усуслҳои номбаркардашуда имкониятеро фароҳам меоранд, ки барои дар оянда тақвият бахшидани илми иқтисодиёти Тоҷикистон ва такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, равияҳоиояндабинии суръати афзоиши сатҳи нархҳо ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад: «1)

пурсишҳо, 2) усулҳои математикӣ, 3) моделкунонӣ бо ҳисоби баҳодиҳии экспертӣ» [140, с.23].

Қайд менамоем, ки равияҳои номбаршуда дар асоси механизм ва усулҳои ба худ хос мавриди истифодабарӣ қарор дода мешаванд. Дар раванди тадқиқот бештар ба омӯзиши моделҳои ояндабинии баландравии нархҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоем.

Дар ин самт ҷиҳате, ки муайянкунандаи воқеияти равандҳои таваррумӣ баромад мекунад, ин ба эътибор гирифтани иқтидори инвеститсионӣ дар ташаккули неъматҳои моддӣ мебошад. Ба ақидаи мо, маҳз дар ҳамин замина механизми идоракунии таваррумӣ майли устувор пайдо карда метавонад.

«Имрӯзҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи омори расмӣ, барои таъмини идоракунии таваррумӣ индекси ҳаҷми физикии гардиши мол, Индекси нархи базисӣ ва индекси силсилаи нархҳо аҳаммияти калони методологиро доранд» [25, с. 225-226].

Дар ин замина арзёбии ММД бо нархҳои дар вақтҳои гуногун тағйирёбанда мавриди баҳодиҳӣ ва истифодабарӣ қарор гирифта, дар ин бора ҷараёнгирии иқтидори таваррумӣ ба амал меояд. Мавқеъгирӣ аз ин усул барои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум ва омӯзиши майлгирии таваррумӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорои аҳаммияти методӣ мебошад.

Дар ин самт иқтисодшиносон усулҳои гуногуни баҳодиҳии иқтидори таваррумиро пешниҳод менамоянд, ки дар асоси он барои идоракунии таваррум ташаккулёбии заминаи маълумотӣ хело муҳим мебошад. Интизории таваррумӣ, ин мувофиқан эҳтимолияти баланди таъсиррасониро дар фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва молиявӣ дар бар мегирад.

Дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ сафарбарӣ намудан аз маълумотҳои низоми электронӣ барои баҳодиҳии равандҳои таваррум аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Дар ҳама ҳолатҳои

номбаргардида имкониятҳои зиёди қабули қарорҳои идоравӣ ҷой дошта, маълумотҳои ба даст даровардашуда барои муфид ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи мамлакат имкониятҳои пешгӯӣ ва арзёбии воқеии таваррумро дар бар мегиранд.

Баландшавии дараҷаи таваррум чун нишондиҳандаҳои калидии ҳолати иқтисодиёт баромад мекунад. Маҳз дар ҳамин замина майли пешгӯӣ намудани нарх ва идоракунии он ҳамчун омили таъсирбахш дар таъмини механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррум баромад мекунад.

Асосан, механизми молиявии рушди идоракунии таваррум ба дараҷаи рушди сохтори иқтисодии ҳар як давлат таъсир мерасонад. Бинобар ҳамин, интихоби давраи таҳқиқот ва дар мувофиқа ба роҳ мондани усулҳои таҳлилӣ барои такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум бевосита ба хусусиятҳои масъалаи мазкур алоқаманд мебошад.

Дар баробари омилҳои манфии таъсиррасони солҳои охир рушди нисбатан муътадили иқтисодиёт нигоҳ дошта шуд, ки ба ин, пеш аз ҳама, сатҳи муътадили нархҳои истеъмолӣ, рушди истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ мусоидат намуд.

Мутобиқи маълумоти пешакии оморӣ, «ҳаҷми номиналии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и ҷумҳурӣ дар моҳҳои январ-сентябри соли 2022 ба 79,3 млрд сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 7,8% баробар гардидааст. Сатҳи таваррум нисбат ба ҳамин давраи соли муқоисавӣ 0,4 % афзоиш ёфта, ба 5,7% баробар гардид» [23, с.14].

Чи тавре ки аз маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба сатҳи таваррум бармеояд, «Сатҳи таваррум дар соли баррасишванда 3,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 ба андозаи 0,4 б.ф. кам буда, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6%±2) қарор гирифт. Дар сохтори таварруми бавуқуъомада болоравии нархи маҳсулоти хӯроквори 3,5 фоиз (саҳм дар таваррум 1,7 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 6,6 фоиз (1,8

б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 1,2 фоиз (0,3 б.ф.) ба қайд гирифта шуд» [52].

Ҳамин тавр, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ бо мақсади таъмини сатҳи муносиби таваррум тавассути танзим ва идораи ҳаҷми пул дар муомилот, сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва асъориро ба роҳ мемонад. Дар доираи чунин фаъолият нишондиҳандаҳои ташаккулёбии муносибатҳои молию пулӣ аз ҳисоби нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ ва дараҷаи мунтазамии таносуби байни миқдори молу маҳсулот ва пули дармуомилотбуда мусоидат намуд. Ин дар заминаи болоравии эътимоди субъектҳои иқтисодӣ, афзоиши даромадҳои воқеӣ ва самаранокии фаъолияти низоми молиявӣ заминаҳои воқеии такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррумро ба амал меорад. Ба таври умум нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ҳамчун омили асосӣ баромад мекунад.

Дар навбати худ, ин ҳолат ба рушди воқеии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ таъсири муфид расонида, аз тариқи тадбирандешӣ дар рушди иқтисоди миллӣ барои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум таъсирбахш баромад мекунад.

Ба эътидоловарии тавозуни пардохт моҳиятан ҷанбаи комплексӣ дошта, ҷараёни мазкур самаранокии сиёсати иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо маълумотҳои таҳлилӣ заминаро барои рушди дарозмуддат фароҳам меорад. Ин, дар навбати худ, ба фаъолнок шудани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши соҳибкорӣ ва таъмини рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Чунин раванд дар навбати худ имтиёзҳои андозбандӣ ва дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурду миёнаро аҳаммиятнок мегардонад. Ҳамаи ин ба афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар асоси дарёфт ва сафарбар кардани имкониятҳои содиротӣ имконият пайдо мекунад.

Мувофиқи ҳадафҳои стратегии кишвар фароҳам овардани шароит ҷиҳати такмил додани сиёсати пулву қарзӣ вазифаи асоситарин ҳисобида мешавад. Масъалаи мазкур дар робита ба рақамикунонии иқтисодиёт

имкониятеро фароҳам меорад, ки захираҳои техникии ояндабинӣ барои таҳлил, назорат ва арзёбӣ намудани таъсири сиёсати пулию қарзӣ таъмин карда шавад. Дар ин замина, бо дарназардошти беҳгардонии таъсирпазирии фишангҳои монетарӣ, имкониятҳои самаранокгардонии идоракунии раванди таваррумиро мегирад. Дар ин самт фаъол гардонидани истифодаи меъёри захираҳои ҳатмӣ, бозтамвил, амалиётҳо дар бозори иқтисодӣ, вазъи амалиётҳои асъорӣ дар кишвар хеле таъсирбахш баромад мекунанд.

Дар ин замина, тағйирёбии таносуби байни миқдори мол ва пул дар пешбурди амалиётҳои дохилӣ дар кишвар аҳаммияти калон пайдо мекунад. Дар ин ҷода сатҳи ташаккул ёфтани идоракунии ҷараёнҳои таваррумӣ аз сатҳи пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ, ташаккулёбии низоми таъсиррасонии меъёри бозтамвил, васеъ ба роҳ мондани пешниҳоди доимии қарзҳои кӯтоҳмуддат, ба қадри лозима дар муомилот гардиш додани асъори миллӣ вобастагии зиёд дорад. Шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ ин худ муайянкунандаи ҳолати воқеии таваррум мебошад, яъне, таносуби хуби байни миқдори молу пул ба озодона ташаккул ёфтани муносибатҳои молию пулӣ алоқаманд буда, ин ҳолат дар навбати худ аз мувофиқ гардонидани инфрасохтори бозорӣ бармеояд.

Тақвият додани идоракунӣ дар ин самт аз беҳтаргардонии таносуби истифодаи пули миллӣ дар ҳаҷми умумии амалиётҳои молию пулӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Ин ҷараён дар навбати худ, аз майли камгардонии таъсири асъори хориҷӣ бо роҳи фаъолгардонии иқтидори содиротӣ ва муфид истифода бурдани меъёри захираҳои ҳатмӣ барои ухдадориҳои асъорӣ дар раванди ташаккул ёфтани дараҷаи сифатан нави муносибатҳои молию пулӣ дар кишвар аст. Дар ин раванд ба эътибор гирифтани назарияҳои маъмули амалкунанда хело муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо, дар замони муосир барои амалӣ гардонидани чорабиниҳои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудани

дараҷаи нархҳо яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Чунин ҳолат имкониятеро фароҳам меорад, ки таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти иқтисодиёт ва идоракунии таваррум самаранок ба роҳ монда шавад.

Низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисоди мамлакат аз ҳисоби ҳамоҳангӣ бо Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистон ба асоси чорабиниҳо вобастагӣ дорад. Дар ин асос танзими таваррум бо роҳи идоракунии ҳаҷми пул ва талабот дар ин самт имконияти зиёди камшавии дараҷаи нархҳои истеъмолӣ ва таъмини устувории қобилияти харидории пул мебошад. Бо амалӣ гардонидани сиёсати фаъоли зиддитаваррумӣ дар муддати кӯтоҳ таваррум коҳиш меёбад. Бо афзудани хароҷотҳои давлатӣ дар самти рушди бахши воқеъии иқтисодиёт заминаҳоеро фароҳам меорад, ки таносуби пулу мол ҳамоҳанг гардида, раванди таваррумро муътадил гардонад.

Дар кишвар дастгирии субъектони хоҷагидорӣ аз ҳисоби паст намудани меъёри андозҳо, камгардонии монеаҳои маъмурӣ, васеъгардонии инфрасохтор, инчунин, дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ вусъати нав пайдо менамояд. Дар муомилот баровардани миқдори зиёди пул дар ҳамон маврид самаранок ҳисобида мешавад, ки шуғлнокии пурра дар иқтисодиёти миллӣ ҷой дошта бошад. Аз дидгоҳи мо, маҳз ҳамин ҷиҳат ташаккул ва такмили механизми молиявии идоракунии таваррумро тақозо менамояд. Яъне, асоси механизми идоракунии таваррумӣ ин ҳолатҳои ҳамбастагии байни захираҳои иқтисодӣ ва қобилияти истифодабарӣ, сафарбаркунии иқтидори захиравӣ мебошад.

Аз нигоҳи идоракунии таваррумӣ назарияҳои ҳалкунанда хусусиятҳои хосро дар бар мегиранд, масалан, дар мавриди назарияи таварруми интизорӣ, ҳангоме ки таваррум бо суръати баланд меафзояд, субъектҳои хоҷагидор, алалхусус соҳибкорон, назоратро аз рӯйи дороиҳои худ пурзӯр менамоянд, ки боиси дигаргуншавии нархҳо ва афзудани таваррум мегардад.

Дар мавриди тағйир наёфтани таваррум назарияи таваррум харочот бо афзудани харочотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба амал омада, зарурати муфидгардонии идоракуниро бештар мегардонад. Аз ин чо бармеояд, ки ҳолатҳои идорашавандагии таваррумӣ хеле зарур мебошад. Ташаккули низоми самаранок дар ин самт чун воситаи рушди иқтисодиёти мамлакат дар мавриди дигаргуншавии раванди таваррумӣ бо дарназардошти таҳияи сиёсати пулию қарзӣ самаранокии идоракунии раванди таваррумро таъмин менамояд. Ба ақидаи олими рус Кузнетсова Е.И., сатҳи таваррумӣ, «дар қарордод, аҳдномаҳо ва шартномаҳои ғайрирасмӣ пешбинишуда ва гузошташуда, суръати инерсионии таваррум номида мешавад» [82, с.524]. Аз ин чо чунин бармеояд, ки дар низоми идоракунии раванди таваррумӣ ба эътибор гирифтани ҳолатҳои тезтағйирёбандаи иқтисодию молиявӣ ва ғайра аз ҳисоби назарияҳои мухталифи амалкунанда хело зарур мебошад.

Пешгирии таваррум дар доираи ин ё он назария зарурати ба эътибор гирифтани шароитҳои мушаххаси минтақавӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Бо мақсади идоракунии раванди таваррумӣ ба эътибор гирифтани омилҳои таъсиррасон чанбаи умумиро мегирад. Дар ин самт барои беҳтаргардонии механизми идоракунии таваррумӣ, ба назари мо, ба эътибор гирифтани усулҳои зиддтаваррумӣ хело муҳим мебошад.

Аз ин чо зарурате дар пеш меистад, ки самаранокии усулҳои зиддитаваррумро бештар ва дар самтҳои гуногун ба роҳ монем. Чунин ҳолат аз интихоб кардани воситаҳои танзим ва дуруст ба роҳ мондани механизми молиявии идоракунии таваррум вобаста мебошад.

Дар ин раванд таҳлили ҳолатҳои таваррумӣ аз чузъҳои таркибии идоракунӣ бармеояд, ки онҳо мазмунан равишҳои ғайрипулиро дар бар гирифта, барои таъмин намудани мувозинати молу маҳсулот ва пул баромад мекунанд. Бинобар ҳамин, такмили минбаъдаи механизми молиявии идоракунии таваррум дар Точикистон аз баланд бардоштани

ҳосилнокии меҳнат, ба танзимдароварии ҳаҷми пул, истифодаи самараноки механизми андозӣ, танзими музди меҳнат алоқамандии зич дорад.

Истифодаи чунин фишангҳо асоси таъмин намудани рушди иқтисоди миллӣ дар асоси бозсозии иқтисодиёт, азнавсозии инфрасохторӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва берунӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт иборат аст.

Идоракунии таваррум, аслан, маънои маҳдудкуниро дар сатҳи фаъолияти муътадили иқтисодиёт дар назар дошта мешавад. Дар ин раванд пурра аз байн бурдани он ғайриимкон мебошад, чунки асоси мавҷудияти таваррум ҷанбаи сиклии тараққиёти иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Равияҳои назариявии омӯзиши ташаккулдиҳии сиёсати идоракунии раванди таваррум дар иқтисодиёт имконият медиҳанд, ки моҳият ва аҳаммияти механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррумро пурра шарҳ диҳем. Фаҳмида гирифтани моҳият ва аҳаммияти механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррум, пеш аз ҳама, ба дарки мазмун ва мундариҷаи ҳамин категория вобастагӣ дорад.

Вақте ки амалиётҳои иқтисодӣ дар мувофиқаи миқдори пул ва молҳо таъсис меёбад, ин натиҷаи хуби идоракунии алоқамандии онҳо аз тариқи интихоби фишангҳои иқтисодӣ мебошад. Дар робита ба ҷанбаи пайдоиш ва таъсиррасонӣ низоми иқтисодӣ мутаносибии худро гум карда, боиси ба пуррагӣ қонеъ нагардидани талаботҳои инфиродӣ ва умумииқтисодӣ мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар мавриди ба амал баровардани ҳаҷми зиёди пулҳои коғазӣ дараҷаи сатҳи некуаҳволии субъектҳои иқтисодӣ коста гардида, муносибатҳои иқтисодии дохилӣ ва берунӣ майли бесаранҷомӣ ва ноустувориро мегиранд. Алалхусус, имкониятҳои содиротии молу маҳсулот аз байн рафта, вобастагии рушди дохила аз берун бештар мегардад.

«Таъсири заминаҳои монетарӣ ба таваррум моро ба он водор месозад, ки дар асоси қонуни муомилоти пулӣ сатҳи нархҳо ва омилҳои ба он таъсиррасонро ба таври таҳлилӣ ба эътибор гирем:

$$Н = Мп \times Сгп / Мм \quad (1)$$

Чи тавре ки аз формулаи овардашуда бармеояд, ҳаҷми пул вобаста ба суръати гардиши он аз талаботи муомилоти молӣ зиёд бошад, дар ин ҳолат болоравии нархҳо майл мегирад. Маҳз дар ҳамин заминаҳои монетарии зиёд шудани миқдори пул ва суръати гардиши пул таваррум меафзояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки афзоиши суръати гардиши пул ҳамчун омили майлгирии ҳаҷми пул баромад мекунад» [240].

Дар мавриди баландшавии сатҳи нархҳо истифодабарандагони молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ҳар чи бештар маблағҳои пулиашонро барои хариди онҳо сарф менамоянд. Ҳолати мазкур боиси зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот мегардад, ки ин яке аз сабаби болоравии нархҳо мегардад. Ҷиҳати дигар ҷой доштани хавфи беқурбшавӣ ва сари вақт барнагардонидани амонатҳо ва дигар воситаҳои пулӣ аз тарафи бонк буда, он нобоварии мизоҷонро зиёд ва зарурати тезонидани чорабиниҳои сиёсати иқтисодии давлат, алалхусус, аз ҳисоби эмиссияи пулро ба миён меорад.

Дар раванди мазкур барориши пул аз ҷониби бонки марказӣ, аслан, барои пӯшонидани касри буҷет нигаронида мешавад ва бо ин роҳ маҳдуд кардани мустақилияти бонки марказӣ аз ҷониби Ҳукумат ба амал меояд. Бо дарназардошти афзоиши маблағҳои қарзӣ дар заминаи кам гардонидани меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, ғайримақсаднок майл гирифтани хизматрасониҳои қарзӣ, дар маҷмуъ, боиси баландравии нархҳои молу маҳсулот ва хизматрасониҳо гардида, дар ниҳоят имкониятҳои таваррумиро зиёд мегардонанд.

Дар доираи механизми идоракунии равандҳои таваррумӣ ва таносуби пулу мол, кам гардидани миқдори пул дар муомилот, асосан, барои афзун гардонидани қурби пул нигаронида мешавад. Дар ин маврид имкониятҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо аз маҳдуд кардани талабот ба пул иборатанд. Ҳолати мазкур дар асоси кам кардани хароҷотҳои давлатӣ, баланд кардани

меъёри фоизи қарзӣ, зиёд кардани меъёри фоизи андоз ва кам кардани ҳаҷми пули дармуомилотбуда ба амал меояд. Ин гуна чорабиниҳо на дар ҳама маврид боиси рушд мегарданд. Бинобар ҳамин, олимон ва коршиносони соҳа омилҳои сар задани таваррумро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки роҳ ва воситаҳои бартараф намудан ва пешгирӣ намудани дараҷаи зиёдшавии таваррумро пайдо намоянд.

Олимон ва коршиносони замони муосир омилҳои ба амал омадани таваррумро мунтазам мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар ин замина, роҳҳои бартараф намудан ва пешгирӣ намудани баландшавии нархҳо барои коркарди самараноки сиёсати молию пулӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад. Онҳо мавқееро доранд, ки аз рӯйи дараҷаи миёнаи таваррум нигоҳ доштани он бояд ки ҳамчун объекти идоракунӣ бошад. Яъне, дар маҷмуъ, мавқеи корбарӣ, ақидаи назар ва равияҳое дастгирӣ меёбанд, ки дараҷаи муайяни таваррум ҳамчун объекти идорашаванда зимни таваҷҷуҳи махсус бошад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки барои рушди иқтисодиёт ва таъмини устувории он дар вақти муайян риояи андозаи таваррумӣ муфид ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар низоми муносибатҳои макроиқтисодӣ таваррум яке аз нишонаҳои пайдо гардидани номуътадилӣ ҳисобида мешавад. Дараҷа ва динамикаи он ҳолатеро ифода мекунад, ки таносуби байни категорияи талабот ва пешниҳоди умумӣ халалдор гардида, дар ин раванд номувофиқатӣ пайдо мешавад. Аломати маъмуле, ки таваррумро ифода мекунад, ин баланд гардидани нарх ҳисобида мешавад.

Омӯзиш ва арзёбӣ намудани дараҷаи таваррум дар асоси низоми нишондиҳандаҳои коркардкардашуда мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад, ки то имрӯз дар доираи методологии муайян, мазмун ва мундариҷаи ташаккул ёфтани механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррумро дар асоси дараҷаи нисбии нархҳо шарҳ медиҳад. «Аз ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи нишондиҳандаҳои ченкунии таваррум

индекси нархҳо хело таъсирбахш баромад мекунад. Индекси нархи таркибаш доимӣ (индекси Ласпейрес), ки ин дар сатҳи минтақавӣ таркиби хароҷотҳои истеъмолиро фаро мегирад» [22, с.334].

$$J_{л} = \frac{\sum P_1 Q_0}{\sum P_0 Q_0}, \quad (2), \text{ ки}$$

«ин ифодакунандаи тағйир ёфтани таркиби хароҷотҳои истеъмолӣ дар асоси маълумотҳои ҷории омори буҷети хонаводаҳо оид ба хароҷотҳои оилаҳо, молҳо ва пардохти хизматрасониҳо дар асоси тадқиқотҳои хоҷагиҳои хонагӣ таъиноти муфиди идоракунии нарх ва таваррумро мегирад. Дар ҳолати ба эътибор гирифтани ҳамин нишондиҳандаи заминавӣ имконияти арзёбӣ намудани таваррум пайдо мегардад» [22, с.334].

$$J_{т} = \frac{J1_{ини} - J0_{ини}}{J0_{ини}} \quad (3)$$

Ҳамин тавр, таносуби фарқи индекси нархи ҷорӣ ва индекси нархи давраи базавӣ дар робита ба нархи давраи базавӣ бо фоиз ифодакунандаи дараҷаи таваррум мебошад. Яъне, ки бо роҳи нишондиҳандаҳои муайяни таъсисёбии беқурбшавии пул ва сабади истеъмолӣ баҳои миқдории таваррум дода мешавад. Мазмун ва мундариҷаи сиёсати пулии қарзӣ, сиёсати андозию буҷавӣ ва сохторӣ дар сатҳ ва минтақаҳои алоҳидаи асосӣ арзёбӣ намудани дараҷаи таваррум ҳамчун фишанги такмили механизми молиявии идоракунии таваррум мавқеъ пайдо мекунад.

Дар ҳолати ташаккул ёфтани муносибатҳои молӣ, пулӣ ва қарзӣ фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ низ бомаром такмил ёфта, ҳолатҳои таваррумӣ хеле кам ба назар мерасанд. Дар ин ҳолат субъектҳои иқтисодию молиявиро лозим меояд, ки ба ин ҷараён таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд, чунки дараҷаи зиёдшавии таваррум ин худ омили хело таъсирбахш (таъсири манфӣ) дар раванди хоҷагидорӣ мебошад. Амалиётҳои ҷорӣ ва стратегии онҳо ба дараҷаи тағйирёбии таваррум вобастагӣ дошта, ҳамзамон, ба дараҷа ва динамикаи ҳолатҳои молиявии онҳо таъсир мерасонад.

Нишондиҳандаҳои нисбии дар боло овардашуда дараҷаи бевоситаи таваррум ва фишанги идоракунии ҳамин раванд мебошанд. Ҳамзамон, нишондиҳандҳои бавоситаро овардан мумукин аст, ки онҳо ифодакунандаи дараҷаи тағйирёбии нархро нишон медиҳанд.

Масалан, Д(д.а) $= \frac{ДА}{ХА}$, ки дар ин ҷо тақсимоти даромадҳои аҳолӣ (ДА) ба хароҷотҳои аҳолӣ (ХА) бо % ифодакунандаи сатҳи таваррум дар заминаи индекси хароҷоти зиндагӣ ҳисобида мешавад.

Аз рӯйи нишондиҳандаи бевосита, яъне, индекси нархҳо, сатҳи таваррум, қобилияти харидории пул (нишондиҳандаи баръакси нарх), имкони ба тарзи озод ба дараҷаи баландшавии нархҳоро арзёбӣ намуда, сабаб, оқибатҳо ва тамоили дигаргуншавии таваррумро дар сатҳи гуногуни умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бояд мавриди идоракунии муфид қарор диҳем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин самт ба эътибор гирифтани омилҳои ҷойдошта зарур мебошад, аз ҷумла, тағйир ёфтани миқдори молҳои сабади истеъмолӣ аз рӯйи номгӯйҳои алоҳида. Дар раванди идоракунии таваррум барои татбиқи механизмҳои молиявии рушди идоракунии ҷараёни мазкур тағйирёбии теъдоди гурӯҳи молҳо дар ҳолати бақайдгирии нарх аз сиёсати давлатӣ аҳаммияти калони иҷтимоию иқтисодӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар доираи нишондиҳандаҳои нарх имкониятҳое ҷой доранд, ки механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррум дар робита ба имкониятҳои молиявӣ, пасандозҳои аҳолӣ, дараҷаи нисбии даромадҳои аҳолӣ нисбат ба хароҷотҳо, дигаргуншавии дараҷаи нисбии нархи дороиҳо бо муқоисаи  нархҳои истеъмолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ имконияти пешгирии майли баландшавии нархҳо ва мувофиқан, хавфи зиёдшавии дараҷаи таваррумро коҳиш диҳад ва таъмини идоракунии муфидро муҳайё созад.

Вобаста ба шаклҳои таваррум дар амалия роҳҳои баромадан аз ҳолатҳои таваррумӣ мувофиқан дигаргун мебошанд. Вобаста ба ин,

ҳангоми таварруми талабот сиёсати пулию асъорӣ ва қарзию буҷетӣ афзалиятнок ҳисобида мешавад. Дар он ҳолате ки таварруми босуръат амал мекунад, вазифа аз он бармеояд, ки баландшавии музди меҳнат маҳдуд мегардад, нархҳо зери назорат қарор мегиранд, алалхусус, нархи молҳое, ки дар бахши давлатӣ истеҳсол шудаанд. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин чорабиниҳои барномавиро тақозо менамояд, аз қабили ба тартиб даровардани муомилоти пулӣ, фаъолгардонии сиёсати зидитаввармӣ аз тариқи танзими талабот ва сиёсати даромадҳо.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, қобилияти харидории пул ин қимати баръакси сатҳи таваррум ё индекси нархҳо мебошад. Дар ин самт мавқеи хосаро тадқиқотҳои олимони ватанӣ мегирад, ки дар робита ба ин ақидаи Л. Ҳ. Саидмуродов мавриди таваҷҷуҳ аст: «қобилияти харидории пули миллӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба индекси дефлятори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ асос ёфта, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: J П.q/= 1- (JДММД - 1)» [118, с.154]. Аз ин ҷо, ба ақидаи мо, ин ҳамчун воситаи муҳимми муайян кардани истифодаи механизмҳои молиявии ташаккули идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин замина тамоми он чорабиниҳое, ки барои пешгирии болоравии нарх ва паст кардани суръати таваррум нигаронида мешавад, мазмуну мундариҷаи сиёсати зиддитаваррумиро мегирад. Дараҷаи воқеии чораҳои андешидашуда ба ҳолат ва вазъияти равандҳои таваррумӣ дар кишвар алоқаманд мебошад. Чи тавре ки аз баррасии масъалаи мазкур дар илми иқтисодиёт фаҳмида мешавад, сиёсати зиддитаваррумӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад (нигаред ба ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2. – Намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ**

| **Намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ** | **Чораҳои зиддитаваррумӣ ва фишангҳои татбиқи онҳо** |
|---|---|
| 1. Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) | «Чораҳои зиддитаваррумӣ аз тариқи фаъол сафарбар кардани воситаҳои пулию қарзии давлат ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт» [246, с.89]. |

Идомаи ҷадвали 1.2

| Намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ | Чораҳои зиддитаваррумӣ ва фишангҳои татбиқи онҳо |
|---|---|
| 2. Сиёсати андозу буҷавӣ (фискалӣ) | Чораҳои зиддитаваррумӣ аз тариқи ба кор даровардани механизмҳои андозию буҷетӣ |
| 3. Дахолати бевоситаи маъмурии давлатӣ | Амалӣ гардонидани механизмҳои сиёсати даромад, музди меҳнат, танзими асъорӣ ва дигар фишангҳои маъмурӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҳар як кишвар сиёсати зиддитаваррумиро аз тариқи роҳҳои гуногун истифода мебарад ва ҳар яке аз онҳо мувофиқан натиҷаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ ҳамин тавр аз ҷониби ҳар як кишвар вобаста ба стратегияи рушди худ барои такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум озод мебошад.

Бинобар ҳамин, ба амал омадани таваррум дар ҳар як мамлакат хусусиятҳои худро дошта, мувофиқ ба ҳамин чораҳои пешгирии ҳолатҳои таваррумӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад. Аз назария ва амалияи омӯзиши таваррум, асосан, чунин бармеояд, ки дар чорабиниҳои зиддитаваррумӣ пеш гирифтани ислоҳоти пулӣ ё ин ки қисман бозсозӣ намудани низоми пулии амалкунанда ба шумор меравад. Ҳамзамон, мақоми махсуси танзимшавандаро сиёсати зиддитаваррумии давлат дар бар мегирад, ки мақсад аз он гирифтани пеши роҳи беқурбшавии пул мебошад.

Аз ин ҷо мантиқан муайян мегардад, ки дар замони муосир таъмини механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррум аз ҳисоби тағйирёбии дараҷа ва динамикаи омилҳои таъсиркунанда, бахусус нарх, мавзуи хеле мубрам ва таҳқиқталаб аст. Дар доираи низоми механизмҳои молиявӣ бо роҳи дуруст ба роҳ мондани омӯзиши ҷараёнгирии таваррум имконияти идоракунии қобилияти харидории пули миллиро таъмин кардан пайдо мешавад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии сиёсати идоракунии раванди таваррумӣ ва истифодаи он дар иқтисодиёти миллӣ

Чи тавре ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, барои ҳар як давлат мубориза барои таъмини муносибатҳои пулию молӣ вазифаи асосӣ ба шумор меравад. Чунки болоравии нархҳо ва авҷ гирифтани таваррум боиси ноустувории молиявии ҳар як давлат мегардад. Вобаста ба ин, ёдовар шудан аз ақидаи иқтисодшиноси хориҷӣ О. Эммингер хеле бамаврид аст: «Таваррум на танҳо мушкилоти даҳшатноки дохилӣ мебошад, балки он ба неруи асосии вайронкунандаи муносибатҳои байналмилалии асъорӣ мубаддал гаштааст» [252, с.787].

Дар он кишварҳое, ки онҳо аз воридот вобастагӣ доранд ва ин раванд бештар аз содироти ашёи хом бармеояд, чунин ҳолат ғайримуфид ҳисобида мешавад. Чунки дар ин маврид шиддати иҷтимоӣ афзун гардида, дар ниҳояти кор боиси заиф гардидани фаъолнокии бахшҳои воқеии иқтисодиёт мегардад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, таҳияи сиёсати зиддитаваррумиро бо мақсади идоракунии оқибатҳои таваррум нишон дода, такмили механизми молиявии идоракунии таваррумро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мегардонад. Бинобар ҳамин, барои ҳар як кишвар барои таъмини устувории молиявӣ ва пешгирии номувозинатӣ дар низоми пулию молӣ бо мақсади танзими равандҳои таваррум тадбирандешиҳоро коркард ва сафабар менамоянд.

Бинобар ҳамин, омӯхтан ва сафарбар намудани таҷрибаи чораҳои зиддитаваррумии давлатҳои хориҷӣ, хусусан, таҷрибаи зиддитаваррумии давлатҳои пешрафта хеле ҷолиб ва зарурӣ мебошад.

Аввалин маротиба дар байни кишварҳои ҷаҳон таваррум дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ пайдо шуда буд. Оқибатҳои ҳодисаҳои мазкур боиси афзудани хароҷотҳои ҳарбӣ ва касри буҷет гардид. Ин ҳолат ҳукуматро ба он водор сохт, ки ҳаҷми пулҳои хазинадориро аз тариқи бонкнот ва пул дар муомилот зиёд намояд. Аз сабаби он ки ҳукумат ба тангаҳои тиллоӣ иваз намудани онҳоро кафолат

намедод, ин дар ниҳояти кор боиси он гардид, ки нархҳо баланд шуда, пули накд дар муомилот афзоиш ёбад ва, дар маҷмуъ, он ҳамчун омили таваррумӣ баромад намояд.

Дар робита ба ин, таҷрибаи Олмон ва Ҷопон нишон медиҳад, ки бо дарназардошти ба амал омадани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ таваррум ҳамчун омили манфии дар низоми пулию молии кишварҳои мазкур боиси номунтазамиҳо гардид. Дар натиҷа, сатҳи баланди таваррум ба амал омад. Аз ҷумла, дар Олмон қурби марка хеле паст гардид. Ҳолати мазкур бо ибораи зерини мардумӣ ифода ёфт: «Танӯрро бо пулҳои коғазӣ тасфонидан арзонтар аз он аст, ки бо ин миқдор пул ҳезум бихарӣ» [110, с.178].

Чунин ҳолат заруратеро ба миён овард, ки ислоҳоти қатъӣ бо мақсади гирифтани миқдори пули барзиёди дармуомилотбуда ба роҳ монда шавад. Дар Ҷопон ва Олмон ин раванд номи «ислоҳоти ногаҳонӣ»-ро гирифт. Дар натиҷаи чунин ислоҳот дар кишварҳои номбурда сатҳи таваррум ба эътидол дароварда шуд. Хусусияти тадбирандешии мазкур аз он бармеомад, ки дар баробари гирифтани пули барзиёд аз муомилот фишангҳои батанзимдарории иқтисодию молиявӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Аз ҷумла, ба роҳ мондани назорати дарозмуддати давлатии муносибатҳои асъорӣ ва иқтисодии беруна.

То давраҳои соли 1965 дар Олмон ва то солҳои 70-ум дар Ҷопон чунин ҳолат нигоҳ дошта шуд. Бо дарназардошти баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулот дар ин давлатҳо бехатарии моддии асъори миллӣ фароҳам омад. Чунки давлатҳои мазкур дар худ истифодаи хариду фурӯши озоди асъори миллиро расман ба роҳ монданд. Ҳамзамон, дар ин давлатҳо назорати давлатии нархҳои қисме аз молҳову хизматрасониҳои хусусияти стратегидошта амалӣ гардонида шуд, ба монанди барқ, маҳсулоти кишоварзӣ, тарофаҳои манзилӣ ва ғайра. Чунин тадбирандешии давлатҳои Олмон ва Ҷопон боиси он гардид, ки пеши роҳи болоравии нарх гирифта шуда, сатҳи таваррум муътадил гардад. «Таҷрибаи мазкур баъд аз солҳои 70-уми асри XX дар дигар давлатҳо, ба монанди ИМА, Шветсия, Фаронса,

Британияи Кабир тадбирандешӣ шуда» [246, с.58], аз тариқи пеш гирифтани шакли назорат аз рӯйи болоравии нархҳо амалӣ гардонида шуд. Бо ин роҳ тавассути назорати нархгузорӣ ва музди меҳнат ҳамчун фишанги батанзимдарории таносуби байни молу пул ба амал омад. Чунин равандҳо, ба ақидаи мо, аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии бештарро дар бар мегирад. Аз ҷумла, дар доираи механизмҳои сиёсати даромад ҳадди ақали музди меҳнат муқаррар шуд.

Мазмуни ин нишондиҳанда аз он бармеояд, ки муқаррар намудани музди меҳнат берун аз ҳадди ақали он фаъолнокии иқтисодию иҷтимоиро заиф мегардонад. Масалан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан аз чунин таҷриба ва таҷдиди назар намудан вобаста ба хусусиятҳои минтақавии сиёсати даромадҳо имконияте фароҳам меояд, ки шуғли пурмаҳсул воқеият пайдо карда, зиндагии шоиста таъмин карда шавад. Дар ин ҷода, чи тавре ки аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бармеояд, «...фаъол намудани ҳавасмандгардонии музди меҳнат тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байни корфармоён дар робита ба иттифоқҳои касаба хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар тамоми кишварҳои тараққикарда амалӣ гардонидани сиёсати даромад ҳамчун як ҷузъи таркибии сиёсати зиддитаваррумӣ мебошад» [246, с.63]. Дар ин раванд баландшавии нархҳо ба танзим даромада, ин ҳолат ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоии давлат даромади воқеии устуворро таъмин мегардонад. Ақидае, ки ифодакунии таҷрибаи иқтисодии кишварҳои хориҷӣ мебошад, ин сиёсати даромад ҳамчун қисми танзими таварруми баъди давраи Кейнсионӣ баромад мекунад. Дар маҷмуъ, сиёсати даромад ин ҷузъи таркибии сиёсати зиддитаваррумии давлат ва сиёсати иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки чорабиниҳои зиддитаваррумии «...кишварҳои тараққикарда танҳо бо чораҳои маъмурии идоракунии таваррум маҳдуд намешаванд» [246, с.66]. Масъалаи мазкур ба тариқи маҷмуӣ дар робита ба сиёсати молиявӣ, қарзӣ ва пулӣ амалӣ мегардад.

Барои таъмини устувории молиявӣ дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон тартиб ва қоидаи буҷет ҳамчун замина муқаррар гардида, дараҷаи имконпазири касри буҷет ва қарзи давлатӣ муайян мегардад. Чун қоида «дар аксари ҳолатҳо сатҳи касри буҷет мувофиқи қоидаҳои мазкури буҷет бояд на зиёда аз 3% ММД ва ҳиссаи қарзи давлатӣ на бештар аз 60% ММД бошад» [146, с.78]. Баробари идора намудани сатҳи таваррум ва меъёрҳои муқарраргардида дар кишварҳои хориҷӣ фондҳои муътадилгардонӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шуда, дар ҳудуди 100-400% ММД амал мекарданд.

Мувофиқи чорабиниҳои пешгирикунандаи равандҳои таваррумӣ ташаккулёбии фондҳои муътадилсозӣ дар байни воситаҳои сиёсати зиддитаваррумӣ мақоми махсусро соҳиб мегарданд. Вазифаи асосии фонди мазкур «танзими устувории қурби асъори хориҷӣ ва ҳалли муаммоҳои зиёдшавии қарзи давлатӣ ва таъмини идоракунии касри буҷет ба шумор меравад» [246, с.91]. Вобаста ба татбиқи сиёсати буҷетӣ бо мақсади нигоҳ доштани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ саҳми фондҳои муътадилсозӣ назаррас мебошад. Лекин чунин фондҳо танҳо дар давлатҳои алоҳида, ба монанди ИМА, Норвегия, Кувейт, Чили ва Колумбия тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд. «Фонди муътадилсозӣ ба воситаи нишондиҳандаи муайяни фоизӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Чи қадаре ки саҳми фонди муътадилсозӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бештар бошад, давлат ҳамон қадар назорати молиявии худро хубтар фароҳам меорад» [146, с.80]. Маҳз ҳамин ҷиҳат, ба ақидаи мо, зарурати такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррумро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардонидааст.

Бояд қайд кард, ки механизми фонди муътадилсозӣ дар танзими таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ хеле таъсирбахш баромад кард. Аз ҷумла, маълум гардид, ки «бо ҳавасмандгардонии самтҳои муҳимми стратегии рушд барои аксари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, кишварҳои

Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз қабили Россия, Беларус ва Қазоқистон муфиднокии худро собит намуд» [240]. Ташкили ин гуна фондҳо, ба назари мо, барои иқтисодиёти миллӣ хеле зарур мебошад.

Дар оянда бояд аз мавқеи такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррумӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем. Алалхусус, зиёд кардани молу маҳсулоти ватанӣ, афзун гардонидани даромадҳо ба он мусоидат менамояд, ки қобилияти харидории асъори миллӣ майли устувории бештар гирад. Чи тавре ки аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ бармеояд, дар муқоиса ба сиёсати андозӣ барои танзими равандҳои таваррумӣ воситаҳои пулӣ афзалиятнок ҳисобида мешавад. Яъне, «бо таҳияи сиёсати пулию қарзӣ бонкҳои марказии давлатҳои тариққикарда ба сифати ҳадафи стратегӣ муътадилгардонии нархҳо ва устувории асъори миллиро афзалиятнок меҳисобанд» [246, с.90].

Дар ин раванд дар доираи сиёсати пулӣ васеъ истифода бурдани меъёри азнавмаблағгузорӣ ҳамчун муайянкунандаи ҳолати таваррумӣ баромад мекунад. Аз ҷумла, меъёри фоизи асосӣ ва меъёри фоизи қарзи бонкӣ, ки дар робита ба бозори фондӣ ғайримустақим ҳамчун омили муътадилгардонии ҷараёни таваррумӣ баромад мекунад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар аксари кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта, аз ҷумла, ИМА, Англия, Олмон, Фаронса, Италия, Канада, Ҷопон дараҷаи пасти таваррум амал мекунад, яъне, ба ин давлатҳо сатҳи пасти таваррум рост меояд.

Хусусияти замони муосир аз он бармеояд, ки заминаи пайдоиши таваррум ин номутаносибии байни унсурҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, таносуби байни пасандоз ва истеъмолот, талабот ва таклифот, даромад ва хароҷоти буҷет, миқдори пул ва талаботи аҳолӣ ба шумор рафта, онҳо муайянкунандаи майлгирии чорабиниҳои идоракунии зиддитаваррумӣ мебошанд.

«Дар соли 2023 сатҳи таваррум дар кишварҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарики стратегӣ дар савдои хориҷӣ баҳисобрафта, аз ҷумла,

Туркия 64,8%, Қазоқистон 9,8%, Ӯзбекистон 8,8%, Россия 7,4%, Қирғизистон 7,3%, Беларус 5,8%, Арманистон 0,6% ва Гурҷистон 0,4% - ро ташкил дод» [18, с.14].

Одатан, дар он ҷое, ки зиёдшавии суръати пул ба амал меояд, таваррум низ суръати зиёдро касб мекунад. Дар доираи механизми таъсиргузор ба таваррум ва воситаҳои пулӣ дар доираи иқтисодиёти ҳар як давлат меъёри бозтамвилро ба тарзи гуногун ба роҳ мемонанд ва инро меъёри асосӣ меҳисобанд. Дар робита ба ин, аз адабиёти илмӣ чунин бармеояд, ки «Дар Британияи Кабир ин меъёри фоизӣ барои захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳисобҳои Бонки Англия, дар Ҷопон - меъёри Бонки Ҷопонӣ барои қарзҳои якрӯзаи бетаъминот, дар ИМА - сатҳи мақсадноки фоизи қарзҳои байнибонкӣ, дар Аврупо - меъёри ҳадди ақал дар музоядаҳои хариду фурӯши РЕПО бо Бонки Марказии Аврупо мебошад» [175, с.193-195].

Омӯзиши ин масъала дар робита ба аксари кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил нишон медиҳад, ки хавфи афзоиши таваррумӣ дар раванди сиёсати пулию қарзӣ нисбатан муътадил ба амал меояд. Аслан, бо мақсади танзими болоравии нархҳо қоидаи татбиқ намудани сиёсати қатъии пулию қарзӣ ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки чунин ҳолат фаъолияти иқтисодии аҳолиро заиф мегардонад.

Ҳангоми таҳлили таҷрибаи хориҷӣ танҳо бо таҷрибаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ маҳдуд шудан кофӣ нест, зеро, аввалан, ин кишварҳо ҳангоми татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ худро дар шароите монанд ба Русия ёфтанд (онҳо, инчунин, аз иқтисоди фармондеҳӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ мегузаштанд); дуюм, ин кишварҳо тамоми таҷрибаи ҷаҳониро, ки дар он замон дар ин соҳа ҷамъ оварда шуда буд, аз худ карданд.

Дар кишварҳое, ки аз як зинаи иқтисодӣ ба зинаи дигари иқтисодӣ дар давраи гузариш қарор доранд, таваррум ва сиёсати зиддитаваррумӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин, пеш аз ҳама, бо гузариш аз хусусияти

маҳдудии таваррум ба таварруми кушод як муддат идоракунии он мушкил гардидааст, асос ёфта, дар давраи номутавозинии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Таҳлили назариявии таҷрибаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ барои таҳияи стратегияи мубориза бо таваррум дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарур ба назар мерасад.

Сабабҳои асосии афзоиши сатҳи умумии нархҳо дар кишварҳои алоҳида, махсусан, давлатҳои Аврупо ба таври гуногун арзёбӣ мешаванд. Баъзе аз иқтисоддонҳои аврупоӣ ба он ақидаанд, ки ин масъала дар давлатҳои гуногун бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд омада, нодуруст идора намудани он аз тарафи мақомотҳои назоратӣ ва дуруст баҳо надодани сабабҳо боиси баланд шудани сатҳи таваррум мегардад. Асосан, «сабабҳои пайдоиши таваррум дар давлатҳои Аврупо афзоиши индекси нархҳо, набудани рақобат дар шароити иқтисодӣ, номутавозинии молиявии дохилӣ, қатъ шудани робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои гуногун, нокифоя будани захираҳои асъори давлатҳо, касри баланди буҷаи давлатӣ, қарзи назарраси давлатии дохилӣ ва хориҷӣ, интихоби нодурусти модели гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Кишварҳои Аврупои Шарқӣ, ки дар марҳилаи аввали ислоҳоти иқтисодӣ бо афзоиши якбораи нархҳо рӯбарӯ шуданд, мувофиқи талаботи ХБА, ба сиёсати маҳдуд кардани талаботи умумӣ тавассути воситаҳои пулӣ ва молиявӣ – яъне, терапияи шок - ҳамчун воситаи асосии мубориза бо таваррум муроҷиат карданд» [217, с.35]. Сиёсати маҳдуд кардани талаботи умумӣ дар солҳои 1990-1991 дар Полша бомуваффақият амалӣ карда шуд ва бо сабаби сабабҳои ғайрииқтисодӣ дар Булғористон ва Руминия каме муваффақияти камтар ба даст омад. Аммо, «маҳдудиятҳои терапияи шокро дар боздоштани таваррум наметавон нодида гирифт, зеро чунин сиёсат танҳо як намуди тавваррумро ҳадаф қарор медиҳад - таварруми талабот, ки боиси паст шудани истеъмоли умумӣ аз сатҳи зарурӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолкунандагони миллӣ мегардад, ки

боиси коҳиши ҳаҷми истеҳсолот ва паҳншавии таварруми хароҷот мегардад» [217, с.37].

Таҷрибаи сиёсати зиддитаваррумӣ ва ё назорати таваррум дар Аврупои Шарқӣ нишон дод, ки бо роҳҳои махсус ва чорабиниҳои алоҳида пеши роҳи таваррумро гирифтан ғайриимкон аст. Барои пурра ва бомувафақият пешгирӣ ва бартараф намудани таваррум, пеш аз ҳама, ба устувории иқтисодиёт аҳаммият бояд дод, зеро устувор ва муътадил гардидани иқтисодиёти миллӣ ин худ сарчашмаи мубориза бар зидди таваррум ба ҳисоб меравад.

Давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва таҷрибаи андӯхтаи онҳо муайян сохт, ки пас аз гузаштан аз як сохтори иқтисодӣ ба сохтори дигари иқтисодӣ (аз сотсиалистӣ ба капиталистӣ) ҳатман дар таркиби иқтисодиёти давлат таваррум ба вуҷуд меояд ва танҳо роҳҳои идора намудани он ва интихоби ин роҳ дар дасти давлат ба ҳисоб меравад.

Таҳлили шароити ибтидоии рушди кишвар дар интихоби абзорҳо барои пешгирии таваррум нақши муҳим мебозад. Бояд эътироф кард, ки собиқ Ҷумҳурии Сотсиалистии Чехословакия, ки ислоҳотро бидуни касри буҷаи давлатӣ ва бозори нисбатан сершудаи дохилӣ оғоз карда буд, худро дар шароити хуб нисбат ба Лаҳистон, Булғористон ва Руминия ёфт. Дар мавриди Русия қайд намудан зарур аст, ки он дар арафаи ислоҳоташ дар вазъияти боз ҳам душвортари иқтисодӣ қарор гирифт.

Таҷрибаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ аҳаммияти сиёсати даромадҳои возеҳ муайяншударо ҳангоми мубориза бо таваррум нишон медиҳад. Як воситаи муассири ташаккули ин сиёсат бояд механизми ҳамоҳангсозии масъалаҳои дахлдор байни ҳукумат, корфармоён ва иттифоқҳои касаба бошад. Аммо, сарфи назар аз гузариш ба принсипҳои идоракунии музди меҳнат дар асоси бозор, аксари кишварҳо танзими давлатии музди меҳнатро тавассути муқаррар кардани музди меҳнати ҳадди ақал ва назорати миқдори маблағҳои барои музди меҳнат ҷудошуда (тавассути андозбандии прогрессивии фонди музди меҳнат ё миёнаи он)

нигоҳ доштанд. Ин имкон дод, ки аз печ дар печи таварруми нархи музди меҳнат ва таварруми минбаъдаи хароҷот пешгирӣ карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳад, ки «дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз сатҳи баланди меъёри қарзҳои бонкӣ ва меъёри бозтамвилӣ, майли болоравии иқтисодӣ дар сатҳи назаррас ба назар мерасад» [246, с.75]. Лекин, тибқи ақидаи олимон ва коршиносон, чунин ҳолат барои таъмини суръати устувори рушд кифоя намебошад. Дар мавриди такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум имконияте фароҳам меояд, ки дараҷаи меъёри баланди бозтамвил дар бонкҳои марказӣ ба афзоиши қарзҳои бонкӣ ҳамчун объекти идоракунӣ қарор гирифта, асоснокии чунин меъёр барои ба эътидол даровардани миқдори молу хизматрасониҳо ва миқдори пули дармуомилотбуда мусоидат намояд.

Таҷрибаи кишварҳо нишон медиҳад, ки сатҳи баланди қарзи бонкӣ боиси баланд гардидани сатҳи таваррум мегардад. Ҳамзамон, он кишварҳое, ки дар онҳо сатҳи пасти қарзҳои бонкӣ ҷой дорад, раванди дефлятсионӣ амал мекунад. Аз ҷумла, «...дар ИМА ва кишварҳои Аврупо меъёри бозтамвили бонки марказӣ дар худуди 0.05-0.25 амал мекунад, ки ин ҳамоҳанги тамоюлҳои дефлятсионӣ баромад мекунад. Дар кишварҳои ба монанди Бразилия, Россия ва Тоҷикистон, ки дар ин давлатҳо сиёсати шадиди пулию қарзӣ амал мекунад, суръати таваррум хеле назаррас аст» [247, с.98]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваррум дар кишварҳо моҳиятан ба тариқи тафриқавӣ амал мекунад. Бояд қайд намуд, ки «парадигмаҳои назариявии муқарраршуда дар бобати ҳамбастагии сиёсати пулӣ бо сатҳи таваррум хусусиятҳои раванди таваррумиро ба пуррагӣ ифода намекунад»[246, с.75].

Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда, аз ҷумла, ИМА, нишон медиҳад, ки чорабиниҳои зиддитаваррумӣ, дар маҷмуъ, ба «ҳалли мушкилоти сатҳи таваррум ва сатҳи баланди бекорӣ нигаронида шуда буд»[86, с.345], [209, с.118]. Чунин мавқеъ бо мақсади босуръат паст кардани хароҷотҳои

давлатӣ, сиёсати пулӣ-қарзии маҳдудкунанда муайян шуда, дар ин замина «ислоҳоти васеи низоми андозбандӣ барои ҳавасмандгардонии ҳаҷми истеҳсолот ва пасандозҳои аҳолӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорон равона гардидааст. Самтҳои мазкур дар ниҳояти кор дар робита ба маблағҳои истеҳлокӣ, хароҷот барои илм, риояи стандартҳои экологӣ, пешгирии касри буҷет бармеомад. Бо дарназардошти афзоиши қарзи давлатӣ чун натиҷа қабули чорабиниҳо оид ба мустаҳкам намудани фазои рақобатпазирӣ, озодии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба самте нигаронида шуда буд, ки мавқеи доллар дар сатҳи байналмилалӣ устуворӣ пайдо намояд» [247, 282-292].

Давлати дигаре, ки метавонад ҳамчун замина барои истифодаи таҷриба қарор гирад, Италия мебошад, чунки дар иқтисодиёти Италия сиёсати зиддитаваррумӣ аз рӯйи чунин мақсадҳое амалӣ гардонида шуд, ки барои зиёд намудани хароҷотҳои асосӣ ва кам кардани андозҳо аз омилҳои истеҳсолот иборат буд. Ҳамзамон, ислоҳоти низоми бонкӣ кишварро фаро гирифта, дар ниҳояти кор бо паст кардани меъёри баҳисобгирӣ ва ботамвил ба самти муътадилгардонии равандҳои таваррумӣ нигаронида шуда буд.

Аз муқоисаи таҷрибаҳо чунин бармеояд, ки барои муваффақ шудан дар амалӣ гардонидани чорабиниҳои зиддитаваррумӣ хусусиятҳои кишвар ба назар гирифта шаванд. Ба ақидаи мо, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бештар хусусияти аграриро доро мебошад, табдил додани соҳаи мазкур ба заминаи моддии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ асоси мубориза бо таваррум мебошад. Яъне, дар шароити кишвар бо истифода аз усулҳои анъанавӣ ва неоклассикӣ механизми молиявии идоракунии таваррум имконияти васеъро мегирад. Ҳамин тавр, дида баромадани таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам оид ба мазмуни сиёсати зиддитаваррумӣ собит месозад, ки идоракунии таваррум танҳо ба чораҳои танзими пулӣ маҳдуд нагардад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки дар замони муосир дар робита ба идоракунии равандҳои таваррум чунин усулҳои арзёбии интизориҳои таваррум ҳамчун фишангҳои таъмини арзёбии таваррум ва интизории он истифода мешавад, аз қабили васеъ ба роҳ мондани тадқиқотҳои сотсиологӣ, усулҳои оморию эконометрикӣ бо истифода аз технологияи нав ба шумор мераванд, ки ҳамаи он барои эътимоднокии маълумотҳо ва таъмини танзими давлатии равандҳои таваррум муайянкунада баромад мекунанд.

«Тибқи таҳлилҳо ва пешгӯиҳои институтҳои байналмилалӣ ва таҳқиқотӣ, интизор меравад, ки суръати афзоиши иқтисоди ҷаҳонӣ дар соли 2021 5,7% ва дар соли 2022 аз 2,9% мебошад, яъне, дар соли 2022 коҳиш ёфтааст, ки нисбат ба пешбиниҳои моҳи январи ҳамин сол то 4,1 фоиз зиёд мебошад»[244, с.65].

Дар айни ҳол, дар доираи назария ва амалияи иқтисод ва молия дигаргуниҳои куллӣ ба амал омада, тамоюли нави умумииқтисодиро дар бар мегирад, ки ин аз ҳисоби инкишофи воситаҳои иқтисодӣ суръати нав пайдо кард. Бо дарназардошти такмили усулҳои анъанавӣ аз рӯйи назария ва мантиқи иқтисодии амалкунанда зарурати такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир бо равишҳои нави таҳлилӣ мавқеи устувор мегирад. Яъне, аз тарзу усули коркард дар асоси ададҳои калон акнун васеъ истифода бурдани техника ва технологияи нав бо мақсади рақамикунонӣ авҷ гирифта, танзимкунонии таносуби байни молу маҳсулот ва миқдори пули дармуомилотбударо таъмин мегардонад.

«Аз таҷрибаи мамлакатҳо, аз қабили ИМА, Норвегия, Кувайт, Чили, Колумбия, инчунин, Россия, Беларус, Қазоқистон, маълум мегардад, ки бо ташаккул ёфтани механизми дороии муътадилсозӣ дар мамлакатҳо имконияти васеи назорати молиявии давлатӣ ба амал меояд. Дар ин замина танзими бартарафкунии таъсири бухрони ҷаҳонии молиявӣ ба амал омада, дастгирии самтҳои муҳимми стратегии рушд ба даст меояд. Дар робита ба ҳамин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои пешгирии афзоиши таваррум

мавқеи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ хело таъсирбахш баромад карда, дар ин самт ҳар чи бештар ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии тамоми субъектҳои истеҳсолию хизматрасонии кишварро пеш гирифтааст» [244, с.53].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоме ки ба иқтисодиёти давлат таваррум таҳдид мекунад, онҳо чораҳои зиддитаваррумиро истифода мебаранд ва ба паст шудани таъсири таваррум ба иқтисодиёт мегарданд. Аммо, тибқи таҷрибаҳо, муайян намудан мумкин аст, ки аксарияти онҳо пас аз бартараф шудани таъсири таваррум ба иқтисодиёт чораҳои назоратӣ ва пешгирикунандаро коҳиш ва ё паст менамоянд. Ин боис мегардад, ки таваррум аз сари нав рушд кунад ва таъсири сахттари худро ба иқтисодиёт расонад. Ин таҷрибаро дар фаъолияти иқтисодии худ Юнон, Дания, Иёлоти Муттаҳида ва Фаронса ва кишварҳои дигар мушоҳида намуданд.

Одатан, таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳҳои ҳалли мушкилотҳоро доир ба идоранамоии таваррум пешниҳод мекунад. Махсусан, барои давлатҳои пасошуравӣ ду кишвар - Чили ва Норвегия монандии хоса доранд. Чили, ҳамчун кишваре бо иқтисоди нисбатан ноустувор, ки аз нархи ашёи хоми содиротӣ вобастагии зиёд дорад, пеш аз ҷорӣ кардани ҳадафгирии пурраи таваррум роҳи дурро тай кардааст. Чили, ҳамчун содиркунандаи нафт, бо мушкилоте, ки, асосан, ба мушкилоти Русия монанданд, аммо дар миқёси хурдтар, дар муддати кӯтоҳ ба натиҷаҳои хеле боварибахш ноил шудааст. Таҷрибаи ҳар як кишвари пешрав – яъне, кишваре, ки ҳадафгирии таваррумро байни солҳои 1990 ва 1993 ҷорӣ кардааст, метавонад меъёр ҳисобида шавад.

«Дар шароити муосир заминаҳои иловагии бавуҷудоии таваррум ин тахримҳо, ки равандҳои тиҷоратии бисёр корхонаҳоро халалдор мекунанд, маҳсуб меёбанд. Ҷиҳати танзими раванди таваррум, ки барои иваз кардани занҷирҳои таъминоти ашёи хом, ташкили каналҳои нави тақсимот ва дигар ҷузъҳо вақт лозим аст. То ҳамон вақт тиҷорат ҷиҳати мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи беруна зери назорат буда, нархҳо метавонанд зуд

баланд шаванд. Мақомоти танзимкунанда дар якҷоягӣ бо ҳукумат кӯшиш менамоянд, ки раванди тағйирёбии таваррум дар сатҳи баланд идома наёбад ва тадриҷан ба арзиш ё меъёри ҳадафгирии таваррум баргардад»[244, с.74]. Албатта, агар дар баъзе мавридҳо чунин тамоил дар як давраи кӯтоҳ барои баъзе аз сохторҳои алоҳида манфиатовар бошад, дар дигар маврид он метавонад вазъияти иқтисодии давлатро дигаргун карда, як қатор мушкилотро ба миён оварад. Аз ин хотир, давлатҳо кӯшиш менамояд, ки ҳад ё меъёри бехатарии таваррумро вобаста ба вазъияти иқтисодии худ нигоҳ доранд (нигаред ба диаграммаи 1.1).

**Диаграммаи 1.1. – Сатҳи инфлиятсия дар як қатор кишварҳои ҷаҳон дар соли 2022-2024**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар аоси маълумотҳои [46].

Дар асоси рақамҳои дар диаграмма овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки таваррум дар иқтисодиёти давлатҳои ҷудогона фарққкунанда буда, ин нишондиҳанда бозгӯи вазъи иқтисодиёти давлатҳо мебошад. Чи тавре ки дида мешавад, асосан, дар соли 2022 қариб дар ҳамаи кишварҳо сатҳи таваррум боло буда, ин, асосан, пастравии иқтисодиёт дар як давраи муайян буд, яъне, дар соли 2019-2020, ки ҷаҳонро пандемия фаро гирифт, таъсири он бештар дар соли 2022 расид. Дар солҳои 2023-2024 бошад, болоравии иқтисодиёт ва пастшавии сатҳи таваррум ба назар мерасад. Инчунин, дар ин диаграмма дидан мумкин аст, ки сатҳи таварруми баъзе аз давлатҳо баланд буда, ба ин Туркия мисол шуда метавонад. Ҳарчанд ки дар ин давлат сатҳи таваррум баланд аст,

аммо истеҳсоли мол ва гардиши он дуруст ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди он ки дар баъзе давлатҳо сатҳи таваррум паст аст, вале иқтисодиёти онҳо он қадар рушдкарда нест. Бинобар ин, кишвари моро зарур аст, ки таҷрибаи пешқадами онҳоро ба назар гирифта, дар амал онро истифода намояд (нигаред ба диаграммаи 1.2).

**Диаграммаи 1.2. – Тағйироти семоҳа дар паҳншавии нархҳо дар бахшҳои гуногун, бо фоиз**




**Сарчашма:** Евроомор, БСД ва ҳисоби инфиродии ХБА.

Аз ин мушоҳидаи охирин мушоҳида намудан мумкин аст, ки монеаҳои васеъи таъминот метавонанд ба бонкҳои марказӣ ҳангоми рӯбарӯ шудан бо афзоиши талабот гардиши пулиро мусоид намоянд. Азбаски каҷхатаи Филлипс дар чунин ҳолатҳо тез мешавад, «сахтгирии сиёсат метавонад, махсусан, дар коҳиши босуръати таваррум бо хароҷоти маҳдуд барои истеҳсолот самаранок бошад» [54].

Ҳарчанд ки дар солҳои охир дар кишвар молҳои истеҳсолӣ афзуда истодаанд, вале то ба ҳол сарчашмаи таъмини аҳолӣ аз ҳисоби молҳои воридотӣ мебошад. Новобаста аз ин, дигар олимон дар масъалаи зуҳуроти таваррум назари дигар дошта, «...онҳо бовар бар он доранд, ки афзоиши бемайлони музди меҳнат боиси болоравии сатҳи нархҳо мегардад. Ҳангоми таваррум пули коғазӣ нисбат ба тилло (тиллои стандартӣ), молҳо ва

хизматрасониҳо, нисбат ба нишонаҳои пулҳои дигар давлатҳо муқоиса карда мешавад» [205, с.18].

Чи тавре ки маълум аст, сабаби бавуҷудоии таваррум афзоиши пул ба шумор рафта, сабабҳои асосии он дар ҷомеа аз ҳисоби афзоиши музди меҳнат, болоравии нархи молҳо, ашёи хом ва андози зиёд мебошад.

Албатта, ниҳодҳои танзимкунандаи низоми молиявию бонкӣ, ки барои ба танзим даровардани таваррум низ вобаста ҳастанд, кӯшиш менамоянд, ки таваррумро дар сатҳи муътадил нигоҳ доранд ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафтаро доир ба идоракунии равандҳои таваррумӣ омӯхта, дар иқтисодиёти кишвар истифоа намоянд.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки механизмҳои танзим, назорат ва идоракунии таваррум ва татбиқи сиёсатҳои зиддитаваррумиро бо истифода аз омилҳои зерин ба амал баровардан мумкин аст:

1. Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ ва васеъ намудани доираи фарогирии он.
2. Зич намудани ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷа дар доираи муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ ва бастани шартномаҳои ҳамкорӣ дар самти содирот.
3. Бештар ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда, ки ин ба баланд гардидани қурби пули миллӣ асос мегардад.
4. Истифода намудани таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти идоракунии таваррум ва пешгирии роҳҳои ҳалли он.
5. Пайдо намудани сарчашмаи воридоти асъори хориҷӣ ва ба ин восита ба танзим даровардани таносуби асъори хориҷӣ дар муомилот.
6. Дарёфти роҳҳои коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз асъори хориҷӣ.
7. Такмил додани муносибатҳои молиявию тиҷоратӣ бо давлатҳои шарикони стратегӣ бо истифода аз асъорҳои байниҳамдигарӣ ва ба ин восита кам намудани таъсири баъзе аз асъорҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт.

## ХУЛОСАИ БОБИ 1

Дар натиҷаи омӯхтани хусусиятҳои назариявӣ ва методии таваррум ва механизми молиявии идоракунии раванди таваррум оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии категорияи мазкурро омӯхта, ба хулосаи зерин омадем:

- барои арзёбӣ намудани дараҷа ва динамикаи рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишангҳои нархии муайянкунанда баромад мекунанд ва ин ҳолат ҷараёнеро фаро мегирад, ки механизмҳои молиявии ташаккули идоракунии раванди таваррум аз нишондиҳандаҳои воқеии бевосита ва бавоситаи таваррумӣ алоқамандии зич дорад;

- муқаррар намудем, ки моҳият ва аҳаммияти механизмҳои молиявии ташаккули идоракунии раванди таваррум, сабабҳои асосии ба амал омадан, оқибатҳо ва зарурати идоракунии раванди таваррумро тибқи ченаки воқеӣ ифода менамояд. Дар шароити муосир аз тариқи ташаккулдиҳӣ ва васеъ ба роҳ мондани нишондиҳандаҳои бевосита ва бавоситаи таваррум ҷиҳати идоравии муфид пайдо мекунад;

- барои дар оянда дар иқтисодиёти кишвар мақоми махсус гирифтани чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ба эътибор гирифтани назари олимони ватанӣ муайянкунада баромад мекунад;

- аниқ намудем, ки маҳз бо сафарбар намудани сармояи инсонӣ низоми молиявии рушди идоракунии таваррум таъсирбахш баромад мекунад;

- дар натиҷаи синтези ақидаҳои маъмули амалкунанда усулҳои гуногуни баҳодиҳии иқтидори таваррум пешниҳод карда шуд. Асоснок намудаем, ки барои идоракунии таваррум ташаккулёбии заминаи маълумотӣ ҳамчун платформа хело муҳим баромад мекунад;

- муайян карда шуд, ки аз мавқеи интизории таваррумӣ, мувофиқан эҳтимолияти баланди таъсиррасониро дар фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва молиявӣ ба амал оварда, хусусиятҳои хоси идоракунии раванди таваррумиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд;

- раванди таҳқиқ нишон медиҳад, ки усулҳои баҳодиҳӣ, аз қабили оморию эконометрикӣ, мушоҳидаҳои сотсиологӣ, нишондиҳандаҳои вазъи бозорӣ бо истифода аз усулҳои рақамикунонӣ ва инноватсия фаъол бошанд;

- дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муайян сохтем, ки ҳамаи ҳолатҳои муайянгардида имкониятҳои зиёди такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррумро дар кишвар фаро мегирад;

- бо фарогирии раванди мазкур, пешгӯйӣ ва арзёбии воқеии таваррумӣ дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ фароҳам меояд. Дар ин замина имконияти идоракунии самти мазкур барои таъмини ташаккули захираҳо ва самаранок истифодабарии онҳо мувофиқ ба талаботҳои замони муосир ба амал меояд. Талабот ва таклифоти тақсимоти неъматҳои моддӣ таъмини мувозинати манфиатҳоро дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ҷиҳати устувории идоракунии раванди таваррумӣ мусоидат менамояд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАВАРРУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити иқтисоди бозорӣ равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба муътадилии муомилоти пулӣ вобаста мебошад, чунки таваррум ҳамчун ҷузъи таркибии раванди мазкур аз рӯйи хусусияти майлгирии худ ба равандҳои рушд таъсир мерасонад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат барои арзёбӣ намудани рушди иқтисод аниқ муайян кардани сатҳи таваррум аз ҷониби олимон ва коршиносон муҳим арзёбӣ карда шуда, новобаста аз баъзе муваффақиятҳои ҷойдошта, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи таваррум зудтағйирёбанда ба ҳисоб меравад.

Рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи танзими сохторҳои иқтисодии давлатҳо ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ба сифати истифодаи усулҳои муфидгардонии таваррум баромад мекунад. Бинобар ҳамин, дар шароити фаро гирифтани муносибатҳои иқтисодию молиявӣ ва вусъат пайдо кардани ҳамгироиҳои иқтисодию молиявӣ зарурати омӯзиши таъсири таваррум боз ҳам бештар мегардад, чунки заминаҳои ташаккулёбии омилҳои гуногун, аз ҷумла, таъсири курси асъор, меафзояд.

Мунокишаҳои иқтисодии Ҷумҳурии мардумии Чин бо ИМА, мунокишаи ҳарбии Федератсияи Россия бо Ҷумҳурии Украина, ҷанги муосир байни давлатҳои Исроил ва Фаластин, мунокишаҳои мунтазам дар давлатҳои Ироқу Шом ва ғайра сабаб гардиданд, ки дар бозори ҷаҳонии савдои молҳо нархи молҳои истеъмолию ғайриистеъмолӣ дар давоми панҷ соли охир боло равад. Ҳамаи ин таъсири таваррумро ба иқтисодиёт боз ҳам равшантар инъикос мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз омилҳои заминавии ташаккул ёфтани таваррум ин тағйирёбии миқдори интиқол ва ҳаракати маҳсулоти энергетикӣ мегардад. Ин раванд дар зери таъсири таҳримҳо тезутунд

гардида, омили таъсирбахши таваррумӣ мегардад ва ин зарурати боз ҳам идоракунии таваррумиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Ин ба гароншавии нархи гази моеъ сабаб шуда, ба аҳолии давлатҳои Аврупо ин маводи сӯхт дастнорас гардида, онҳо боз ба истифодаи ангишт рӯй овараданд. Дар давраи солҳои 2021-2022 болоравии нархи бензину дигар маводи сузишворӣ дар давлати ИМА мушоҳида карда шуд ва аҳолии ИМА нисбат ба сиёсати президенташон норозигиҳо баён доштанд. Ҳамчунин, пайдошавӣ ва паҳншавии бемории сироятии COVID-19 низ ба тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат кард. Ҳамзамон, дар як сатҳи муайян маҳдуд гардидани маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2020-2021 сабаби он гардиданд, ки нархи ин гуна молҳо афзоиш ёфтанд.

Новобаста ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки роҳҳои ҳалли зиддитаваррумӣ аз хусусиятҳои иқтисоди миллӣ бармеояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои таваррумӣ аз таъсири омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ алоқаманд мебошанд (нигаред ба расми 2.1).




**Расми 2.1. – Омилҳои ташаккулёбии таваррумӣ ва хислати таъсиррасонии онҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Дар натиҷаи ба низом даровардани омилҳои таъсиррасон маълум намудем, ки равандҳои таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро доро мебошанд. Чи тавре ки аз расм бармеояд, баландшавии хароҷоти буҷет бо мақсади идоракунӣ, таъмини мудофиа ҳамчун асоси раванди таваррумӣ баромад мекунад, ки ин таварруми сиёсӣ мебошад. Фароҳам овардани истифодаи иншоотҳои иҷтимоӣ боиси хароҷотҳои буҷет гардида, дар робита ба васеъшавии ҳаҷми қарзҳои бонкии тиҷоратӣ моҳияти ба амал омадани таварруми иҷтимоӣ - иқтисодиро ифода мекунад.

«Ҳамзамон, аниқ карда шуд, ки вобастагии воридотӣ аз молҳои озуқаворӣ, молҳои ғайриозуқаворӣ, техника ва технологияҳо боиси афзудани қурби мубодилавии асъор гардида, дар мавриди баланд шудани нархи воситаҳои истеҳсолӣ дар бозори ҷаҳонӣ ба он оварда мерасонад, ки нархҳо дар дохили кишвар баланд мешаванд» [244, с.68].

Дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои танзимкунониро сафарбар менамоянд. Аз ҷумла, дар заминаи таъсис додани қисми тақсимнашавандаи даромади буҷет ба низом даровардани таносуби байни муносибатҳои пулию молӣ сафарбар карда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси моддии чунин фишанг ба механизми такрористеҳсоли иқтисодиёт, «ҷалби сармоягузориҳо ва ҳавасмандгардонии андозии рушди соҳибкорӣ ҳамчун сарчашмаи ташаккулдиҳандаи манбаи даромад аз ҳисоби ҷалби имкониятҳои дохилӣ ҳамчун омили муайянкунанда ба ҳисоб меравад» [244, с.70].

Сабаби дигари афзоиши сатҳи таваррум дар иқтисодёти миллӣ ба таври зурурӣ авҷ нагирифтани иқтидори иқтисоди миллӣ мебошад. Дар чунин ҳолат ҳар як кишвар бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолии аҳолӣ аз дигар давлатҳо харидорӣ кардани молҳои зарурии мавриди ниёзи мардумро кӯшиш менамояд. Чунин ҳолат, дар навбати худ, давлатро водор месозад, ки асъори хориҷиро бештар ҷалб намояд. Дар ниҳояти кор, ҷараёни мазкур ба он оварда мерасонад, ки миқдори пули

накд дар муомилот афзуда, боиси бекурбшавии курби асъори миллӣ мегардад.

Боиси қайд аст, ки дар Тоҷикистон нархҳои иқтисодӣ характери мавсимӣ доранд, ин ба он маъно аст, ки дар аввали мавсим молҳои истеҳсолшуда бо нархи арзон ба истеъмолкунанда мерасад ва баъдтар нархи онҳо меафзояд. Аз ҷумла, нархҳои сабзавотӣ дар фасли змистону баҳор нисбат ба тобистону тирамоҳ гаронтар мебошанд. Маҳз ҳамин ҳолат ба он водор месозад, ки субъектҳои хоҷагидор кӯшиш намоянд, ки микдори зарурии маҳсулотро дар анборҳо нигоҳ доранд. Таҷрибаи ҳаракати молҳо нишон медиҳад, ки дараҷаи нархи сабзавотҳои аввали мавсим нисбат ба он намуди сабзавотҳое, ки дар анбор нигоҳ дошта мешаванд, фарқ мекунанд, яъне, арзонтар ба харидорон мерасанд. Ба назари мо, бо мақсади такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир ҳамаҷониба ба кор даровардани инфрасохтори зарурии замонавӣ (сардхонаҳо) ва самаранок истифода бурдани дигар элементҳои инфрасохтори нигоҳдории сабзавотҳо ба он оварда мерасонад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувозинати байни мол ва миқдори пул ба амал омада, қобилияти харидории асъори миллиро устувор гардонад.

«Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи ба муомилот баровардани пули миллӣ сатҳи таваррум ҳисоб карда намешуд. Бинобар ин, мо хусусияти таваррумро дар кишварамон баъд аз ба муомилот баровардани пули миллӣ дида мебароем, зеро ба мо муяссар гардид, ки баъд аз ба муомилот баровардани пули миллӣ мустақилона сатҳи таваррумро ҳисоб кунем» [244, с.82].

Нишондиҳандаи асосие, ки ифодакунандаи рушди устувори иқтисодии кишвар мебошад, ин маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба шумор меравад, ки майли он характери динамикӣ дорад (нигаред ба диаграммаи 2.1).

**Диаграммаи 2.1. – Майли динамикии нишондиҳандаи макроиқтисодӣ**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [30].

Чи тавре ки аз рақамҳои дар диаграммаи овардашуда бармеояд, дар муддати тулонӣ маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо суръати баланд маротибаҳо афзудааст. Ба назари мо, чунин ҳолат ҳамчун воситаи самаранок ва фишанги такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Яъне, афзоиши нишондиҳандаи макроиқтисодӣ аз рӯйи сатҳи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ заминаи моддӣ ва шароити зарурӣ барои таъмини таносуби молу маҳсулот ва қурби асъори миллӣ сафарбар гардидааст. Яъне, ҷараёни таваррум майли мунтазамӣ гирифта, сатҳи таваррум ҳамчун объекти идоракунӣ бо мақсади ба эътидол даровардани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ сафарбар гардидааст (нигаред ба диаграммаи 2.2).

**Диаграммаи 2.2. – Тағйирёбии сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои (1992-2023)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [30].

Бояд тазаккур дод, ки бо дарназардошти андешидани чораҳои зарурӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва барои устувории қурби пули миллӣ сатҳи таваррум аз меъёри 7430%-и соли 1993, ки дар он давра рубли собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (деревянӣ) дар муомилот васеъ истифода мешуд, сатҳи таваррум бошиддат ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба андозаи 619,16% афзоиш меёфт. Афзоиши чунин шакли таваррум аз ворид шудани пулҳои аз муомилот беруншудаи давлатҳои аъзои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буд. Сипас, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, №415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 баъди ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар «Сомонӣ» меъёри таваррум аз 6%-и соли 2000 дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 3,8% коҳиш дода шуд. Инчунин, дар соли 2023 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 8,9 миллиард сомонӣ коғазҳои қиматнок ба фурӯш бароварда шуд». Аз дидгоҳи мо, дар ҳақиқат, чунин тадбирҳо ҷиҳати идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилоти қарзӣ, паст кардани фишори таваррум ва

баланд бардоштани фаъолият дар бозори молиявӣ баромад мекунанд. Зиёда аз ин, тадбирҳои мазкур барои такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Тибқи нишондодҳо, каму зиёд шудани сатҳи таваррум вобаста ба солҳо гувоҳӣ аз устувор ва ноустувор шудани қурби пули миллӣ дарак медиҳад. Чи қадаре ки сатҳи таваррум дар як ҳолати муътадил нигоҳ дошта шавад, ҳамон андоза аз устувор гардидани қобилияти харидории қурби пули миллӣ дар миқёси кишвар далолат медиҳад.

Дар амалия чунин бармеояд, ки на ҳамаи ҳолатҳои баландшавии нарх ҳамчун нишондиҳандаи таваррум арзёбӣ мегардад. Чунки нарх ба дигар омилҳо, аз қабили баландшавии сифати маҳсулот, тағйирёбии талаботи умумӣ ва ғайраҳо вобаста мебошад. Бинобар ҳамин, чун қоида ин метавонад таваррум нашуда, балки асоси баландшавии нарх ба молҳои алоҳида бошад.

«Новобаста аз вазъи соҳаҳои пулӣ нархи молҳо метавонанд дар натиҷаи афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва дигар омилҳо, ба монанди тағйирёбии сохт ва таркиби иқтисоди миллӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва хизматрасониҳо, инчунин, вазъи захираҳои табииро дар бар гирад» [240].

На ҳама вақт баландшавии нарх таваррум шуда метавонад, бинобар он, мо бояд таварруми ҳақиқиро ҷудо карда тавонем. Аз ин ҷо, баландшавии нарх вобаста ба тамоюли даврагии конюктуриро таваррум ҳисобидан нодуруст аст. Нархҳо аз рӯйи талаботу таклифот пасту баланд мешаванд, ки ин, албатта, аз бухрон вобастагӣ дорад. Баландшавии ҳосилнокии меҳнат бо баҳисобгирии шартҳои мувозинати он ба пастшавии нарх оварда мерасонад. «Дар навбати худ, баландшавии самаранокии меҳнат омили баландшавии музди меҳнат мегардад. Дар чунин ҳолатҳо ҳавасмандгардонии меҳнат аз ҳисоби баланд кардани музди кор мутаносибан ба тағйирёбии сатҳи таркибии нарх оварда мерасонад» [19,

с.20-21]. Нишондиҳандаҳои сатҳи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар ҷадвали 2.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1. – Нишондиҳандаҳои индекси нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2023 (%)**

| Номгӯйи молҳо | Давраҳои таҳлил | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| 1. Молҳои озуқаворӣ | 104,3 | 110,9 | 113,0 | 107,3 | 105,2 | 103,4 |
| 2. Молҳои ғайриозуқаворӣ | 107,8 | 104,2 | 105,8 | 107,5 | 104,0 | 106,6 |
| 3. Хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ | 102,3 | 105,5 | 104,0 | 111,3 | 101,9 | 101,2 |
| 4. Индекси таърифаҳо ба боркашонӣ | 103,3 | 100,7 | 115,7 | 109,2 | 92,7 | 113,2 |
| 5. Индекси нархҳои истеҳсолкунандаҳо ба маҳсулоти саноатӣ | 103,0 | 101,1 | 105,4 | 105,9 | 96,6 | 102,6 |

**Сарчашмаҳо:** ҳисоби диссертант дар асоси [27, с.69].

Чи тавре ки аз маълумотҳои дар ҷадвалбуда бармеояд, нархи тамоми маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ва хизматрасониҳои зикршуда якчанд маротиба зиёд шуда, тамоюли зиёдшавиро гирифтааст. Ҳамин тавр, муайян намудан мумкин аст, ки нархи гурӯҳи молҳо аз рӯйи молҳои озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва нархҳои истеҳсолкунандаҳо ба маҳсулоти саноатӣ тағйирёбии таркибии баландро дар бар мегирад. Дар ҳамаи маҳсулотҳои дарҷадваломада болоравии нархҳо ба назар мерасад. Тибқи маълумотҳои маҷмуаҳои оморӣ оид ба суръати болоравии нархҳо, ҳолати таваррумиро инъикос менамояд. Лекин, хусусияти маълумотҳои ҷадвалро ба эътибор гирифта, баландшавии нархҳоро чунин шарҳ медиҳем. Аз муқоиса маълум мегардад, ки дигаргуншавии нисбии нархҳо аз рӯйи таркиби молҳо маротибаҳо зиёд шудаанд. Ҳамин тавр, чунин ҳолат аз рӯйи маълумотҳои таҳлилгардида нишон медиҳанд, ки нархҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи таҳлилӣ майли зиёдшавиро гирифтаанд.

Қайд кардан мумкин аст, ки дараҷаи таваррум аз рӯйи таркиб дар солҳои 2015-2023 барои молҳои озуқаворӣ майли камшавӣ ва молҳои ғайриозуқа майли болоравӣ гирифтааст. Таваррум дар робита ба нархҳои истеҳсолкунандаҳо ба маҳсулоти саноатӣ низ динамики камшавиро ташкил медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки индекси нархи корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулот ба сифати фишанги муҳимми идоракунии раванди таваррум ба шумор меравад. Яъне, ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҷараёни беқурбшавӣ дар сектори истеҳсолӣ мавриди истифода бояд қарор гирад. Ин раванд дар заминаи нархи корхонаи истеҳсолкунанда таъсис ёфта, дар низоми идоракунӣ зарурати устувориро гирифтааст.

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали боло бармеояд, дараҷаи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам меафзояд. Дар ин муддат сатҳи нархҳои молҳои истеъмолӣ, ки талабот ба онҳо рӯзмара мебошад, дар соли 2015-2023 суръати баландро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, дар солҳои 2019-2020 нархи молҳои истеъмолӣ қариб 12% баланд гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳлилгарон нисбат ба таъсири таваррум ба рушди иқтисодиёт андешаҳои гуногун доранд. Яке аз онҳо чунин меҳисобад, ки «асосан, болоравии нархи молҳо ва хизматрасониҳо, ки чун таваррум маълум аст, яке аз нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба ҳамаи индикаторҳои иқтисодиёт мебошад» [109, с.175].

Бояд қайд кард, ки «таваррум ба рушди иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои он таъсири мустақим мерасонад, ки гардиши чархҳои иқтисодиётро суст намуда, имкон дорад, ки сатҳи истеҳсолот коҳиш ёбад. Таваррум ва беқурбшавии пул дар аксар ҳолатҳо ба гароншавии нархи хизматрасониҳо оварда мерасонад.

Дар натиҷаи таҳлил намудани маълумотҳо ба хулосае мадан мумкин аст, ки сатҳи таваррум метавонад сабабгори боло рафтани арзиш ё нархи хизматрасониҳо ва молҳо гардад. Дар натиҷа хароҷоти аҳолӣ боло рафта, сатҳи даромадҳои онҳо ба хароҷоти онҳо кифоя накарда, раванди паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолии кишварро суст мегардонад.

Ҳамзамон, аз ҷониби муҳаққиқон чунин қайд мегардад, ки таваррум дар иқтисодиёт яке аз мушкилоти асосие мебошад, ки барои пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷалби сармоягузорӣ, инчунин, арзиши пули миллӣ, нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, либос, сӯзишворӣ, таҷҳизоти рӯзгор ва маҳсулоте, ки ба аҳолӣ зарур мебошад, таъсири манфӣ мерасонад» [218, с.60]. Бояд қайд кард, ки агар сатҳи таваррум танзим ва идора карда нашавад, соҳаҳои дар боло қайдгардида рушд нахоҳанд кард. Яъне, идоракунии раванди таваррум ҳамчун фишанги ба танзим даровардани ҳамбастагии миқдори пул ва мол дар шароити муосир баромад мекунад.

Таъмини сармоягузории ҳақиқӣ ва беҳтар гардонидани муҳит барои рушди устувори иқтисодӣ омили баландшавии сатҳи таваррум ҳисобида мешавад. Дар ин гуна шароит ба амал омадани таваррум ба субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири бевосита мерасонанд. Чунки афзудани нарх, қиматшавии захираҳои қарзӣ, пастшавии самаранокии дороиҳо ба амал меоянд. Аз ин хусус, яке аз муҳаққиқони рус чунин қайд менамоянд, ки «муаммои асосии таваррум дар кишвари мо чунин аст, ки нисбатан сатҳи баланди таваррум меъёри пасандозро кам намуда, захираҳои сармоягузориро маҳдуд менамоянд, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ нокифоя мебошад» [121, с.64]. Суханони ин олим дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дуруст меояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «вобаста ба дигар сарчашмаҳои ифодакунандаи вазъи таваррумӣ суръати воқеии таваррум дар омори расмӣ нисбатан пасттар нишон дода мешавад. Аз ҷумла, мушоҳидаи раванди тағйирёбии нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 8-10 соли охир аз он шаҳодат медиҳад, ки дараҷаи воқеии таваррум нисбатан баланд мебошад» [196, с.350].

Ҳамин тавр, нишондиҳандаи таваррум ҳамчун омили хавфноки иқтисодӣ ба шумор рафта, дар натиҷаи паҳн шудани он ҳолатҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ халалдор мегарданд. Бинобар ҳамин, гирифтани пеши

роҳи таваррум хеле душвор мебошад. Ҳолатҳое низ ба назар мерасад, ки гарчанде сабабҳои он бартараф гарданд ҳам, ба ин нигоҳ накарда, сатҳи таваррум аз ҳисоби интизории ҳолатҳои равонии аҳолӣ эҳтимоли баландшавиро мегирад. Аслан, сатҳи таваррум бештар аз рӯйи зиёдшавии нархҳои молҳои озуқаворӣ бараъло ҳис мегардад, лекин чунин ҳолат нисбат ба баландшавии нархи молҳои ғайриозуқаворӣ низ ба назар мерасад. Умуман, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои таваррумӣ, асосан, аз ҳисоби зиёдшавии хароҷотҳо ба амал меоянд. Ин чунин маъно дорад, ки дар мавриди афзоиши хароҷот субъектҳои иқтисодӣ майлеро мегиранд, ки нархи молу маҳсулотро афзоиш диҳанд, ки ин дар ниҳояти кор боиси ба амал омадани ҳолатҳои шадиди таваррумӣ мегардад.

Ҳамин тавр, болоравии нархҳо дар робита ба молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ омили манфӣ ҳисобида мешавад, чунки дар байни аҳолӣ интизории таваррум зиёд мегардад. Яъне, аҳолӣ пайваста дар зери фишори интизории болоравии нархҳо фаъолияту зиндагонии худро ба роҳ мемонад. Онҳо хароҷотҳои худро барои молҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ сарф намуда, имкониятҳоро дар бобати пасандозкунӣ маҳдуд мегардонанд. Дар робита ба ин, тарафи дигари муносибатҳои бозорӣ молистеҳсолкунандагон ба шумор мераванд. «Онҳо кӯшиш мекунанд, ки нархи хароҷотҳо, аз қабили техника, технология, ашёи хомро бо дарназардошти нархҳои харидашуда ба инобат гирифта, нархи фурӯши молу маҳсулотро баланд гардонанд, ки инро ҳамчун як навъи ҳифзи иқтисодии худ меҳисобанд» [148, с.9]. Чунин ҳолат боиси баландравии шиддатнокии таваррумӣ гардида, мазмунан чунин ҳолат ба тамоми соҳаҳои иқтисодӣ монанд ба амал омада, дар ниҳояти кор боиси он мегардад, ки вобастагии кишварро аз воридот бештар гардонад, чунки он ҳолатҳои номбаргардида, алалхусус, дар соҳаи истеҳсоли молҳои озуқаворӣ ба кам шудани даромаднокии онҳо оварда мерасонад. Яъне, барои афзун гардонидани молу маҳсулоти ватанӣ ҳавасмандӣ аз байн меравад.

Аз дидгоҳи мо, маҳз ҳамин ҷиҳат ба он оварда мерасонад, ки иқтидори соҳаҳои иқтисодӣ дар кишвар паст гардида, таносуби байни молу маҳсулот ва миқдори пули дармуомилотбуда майли номунтазамӣ пайдо кунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодию техникӣ ба амал баровард мешавад, лекин, мутаассифона, новобаста ба чунин чорабиниҳо, ҳаҷми мувофиқи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва дигар намуди молу маҳсулот бо таври пурра ва саривақтӣ таъмин нашуда истодааст.

Бо ин қайд карданием, ки ба амал омадани равандҳои таваррумӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз таъминоти нокифояи асъори миллӣ вобаста мебошад. Сабаби ин пурра набудани бакордароварии иқтидорҳои истеҳсолӣ, диверсификатсияи молу маҳсулоти ватанӣ ва рақобатпазир набудани онҳо дар бозор мебошад.

Дар сатҳи микроиқтисодӣ, аслан гирем, механизми воқеии амал намудани асъори хориҷӣ бо пуррагӣ амал намекунад, ҳарчанд ки гуногуншаклиро дар иқтисодиёт муайян намуда, ба болоравии нарх таъсир мерасонад. Ин раванд ба ҳолатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ алоқамандии зич дорад, чунки маблағҳои зиёд дар ин самт ба иқтисодиёти кишвар ба тариқи мавсимӣ ворид шуда, барои афзудани талаботи истеъмолии мардум мусоидат менамояд.

Аз дидгоҳи мо, ҷиҳати дигаре, ки хусусияти хоси ташаккулёбии таваррумро нишон медиҳад, ин сатҳи номувофиқи хизматрасонии бонкӣ мебошад. Амалияе роҳандозӣ карда мешавад, ки низоми бонкҳои тиҷоратӣ бо зиёд кардани дороиҳои бонкӣ ҳаҷми қарзгузориро зиёд мекунанд. Лекин қарзи бонкӣ бештар ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ равона карда мешавад. Яъне, таваҷҷуҳ ба соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, аз қабили афзун гардонидани молу маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди ашёи хом ва рушду равнақ додани соҳаи саноат то ҳол маҳдуд мебошад.

Мантиқан, чунин ҳолати кор ба механизме асос меёбад, ки дороиҳои бонкӣ ва дараҷаи баланди фоизи қарз ба ҳаҷми қарзгузорӣ ва дигар шароитҳои таваррум таъсири бевосита мерасонад. Қайд менамоем, ки дар байни ҳаҷми пул ва таваррум алоқамандии бевосита ҷой надошта бошад ҳам, чунин механизми амалкунанда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он оварда мерасонад, ки ҳолати таваррумӣ бо имкониятҳои монетарӣ ба иқтисоди миллӣ таъсир расонад.

Хусусияти дигари таваррумӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки истеҳсоли захираҳо барои дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба дараҷаи инҳисоркунии таъминкунандагон алоқаманд мебошад, хусусан, дар заминаи истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ бо сӯзишворӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои низоми роҳ ва алоқа. Соҳаҳои мазкур аз мавқеи механизми батанзимдарории нархӣ-тарифӣ амал мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «дар баланд шудани сатҳи таваррум дар иқтисоди миллӣ ин вобастагии давлат аз маҳсулоти воридотӣ бармеояд. Механизми мазкур аз мавқеи қурби асъор ба иқтисодиёт ва равандҳои таваррумӣ таъсир мерасонад. Солҳои тулонӣ, чи тавре ки аз маълумотҳои расмӣ бармеояд, дар маҷмуи гардиши байналмилалӣ муомилоти иқтисодии берунӣ ҳиссаи воридот нисбатан зиёд мебошад» [20, с.78]. Дар робита ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки молҳои воридотӣ дар ҳамаи намуди бозорҳо мавқеи ҳукмронӣ доранд. Дар бозорҳои миллӣ дараҷаи нархро нархҳои воридотӣ муайян мекунанд. Молистеҳсолкунандагони ватанӣ бошанд, бинобар сабаби рақобатпазир набуданашон, бозори истеъмолиро бо пуррагӣ таъмин намекунанд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки баъзе намдуҳои истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот дар шароити кишвар ғайриимкон аст ва ин ба он оварда мерасонад, ки бинобар сабаби норасоии молу маҳсулоти ватанӣ таносуби байни воридот ва содирот бо афзалияти молҳои воридотӣ ба амал ояд.

Татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати кам кардани дараҷаи таваррум мувофиқи назария ва амалияи муосири илми иқтисодӣ бо мақсади фароҳам овардани шароитҳои афзоиши амонатҳо ва сармоягузорӣ нигаронида мешавад. Лекин, дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумотҳои расмӣ, дараҷаи таваррум дар ҳаҷми 6-7% нишон дода мешавад, ки чунин нишондиҳанда барои ҷамъоварии пасандозҳо ва тақсимоти захираҳо барои фазои сармоягузорӣ нисбатан маҳдуд мебошад. Бинобар ҳамин, қайд кардан бамаврид аст, ки иқтидори таваррум дар кишвар нисбатан баланд буда, ин, аз дидгоҳи мо, имкониятҳои иқтисодиёти миллиро дар самти рушди босуръат маҳдуд мегардонад.

Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир ҳамчун натиҷаи ба ҳам наздикшавии муносибатҳои байни пулию молӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, муҳаққиқони муосири самти монетаристӣ ба таҳлили таварруми давлатҳои аз лиҳози бозорӣ тараққикарда таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Сабабҳои ғайримонетарии онро низ таъкид намуда, яъне, динамикаи муомилоти пулро омили муҳим мешуморанд, лекин ин ягона омили таваррум ба шумор намеравад. Дар ин самт ба дараҷаи таваррум маҷмуи омилҳо, аз қабили баробари нархи молу маҳсулоти миллӣ болоравии нархҳои молу маҳсулоти ҷаҳонӣ, тағйирёбии қурби асъор ва ғайра таъсир мерасонад. Дар мавриди паст кардани сатҳи беқурбшавии асъори миллӣ омилҳои маҷмуӣ барои таҳлил ва арзёбӣ истифода бурда шуда, роҳҳои такмил додани механизми идоракунии он муайян карда мешавад.

«Дар робита ба механизмҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои таваррум маълум мегардад, ки дар сатҳи ҷомеа таваррум яке аз баҳсбарангезтарин масъалаҳо аз ҷиҳати назариявӣ ба шумор меравад. Лекин то ҳол назарияҳои илмии зиёд ҷой дошта, назарияи ягонаи мукаммал нисбат ба механизми таваррум, ки тавонад гуногунрангӣ ва печидагии ин зуҳуротро нишон диҳад, ҷой надорад» [176, с.114].

Табиатан, таваррум дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳукуматҳои кишварҳои гуногунро водор мекунад, ки сиёсати муайяни иқтисодии таъминкунандаи муътадили нархҳо ва механизми молиявии тақсими даромадҳоро мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд.

«Омӯзиши пурраи равишҳои назариявӣ оид ба механизми молиявии таваррум дар сиёсати зиддитаваррумӣ воситаи муҳимми таъмини идоракунии таваррум буда, дар ин миён идоракунии таваррум ниҳоят воситаи муҳим ва зарурӣ ба шумор меравад. Ин раванд барои татбиқи стратегияи самараноки мубориза бо таваррум дар ҷумҳурӣ нақши калидӣ дорад» [176, с.117].

Дар ташаккули механизмҳои идоракунии таваррум танзими пулию қарзӣ низ таъсири худро мерасонад. Ин омил ба сифати фишанги ноил гардидан ба рушди иқтисодӣ ва ҳамчун сарчашмаи садди роҳи пешравӣ баромад карда метавонад. Бинобар ҳамин, дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани мувозинати пулӣ дар кишвари мо ба такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир, барои муборизаи босамари зиддитаваррумӣ, арзёбӣ ва идоракунии он мусоидат менамояд.

Чи тавре ки пештар изҳор намуда будем, механизми молиявии таваррум падидаи ниҳоят мушкили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи илми иқтисод андешаҳои илмии ягона оид ба роҳҳои ташаккулёбии механизми идоракунии таваррум ҷой надорад. Инчунин, оқибатҳои таъсири ягонаи таваррум дар иқтисоди миллӣ ва роҳҳову усулҳои мубориза бо он дар шакли мукаммал мавҷуд нест.

Механизмҳои идоракунии таваррум аз тадбирҳои самараноки таъсиррасонӣ ба таваррум дар рушди иқтисоди ватанӣ алоқаманд мебошад. Алалхусус, ба роҳ мондани истеҳсоли молҳое, ки дорои сатҳу сифати баланд буда, барои содирот нигаронида шуда бошанд. Дар навбати худ ин аз маблағгузорӣ ба сектори воқеии иқтисодиёт вобаста буда, захираҳо ва фондҳое, ки ташаккул меёбанд, тақозои самаранок

истифодабарии онҳоро доранд. Дар ин самт лозим аст, ки дар раванди пешравӣ механизми молиявии амалкунанда сохтори иқтисоди миллӣ аз афзоиши содирот фаъол гардонида шавад, хусусан, дар асоси коркарди ашёи хоми ватанӣ. Фишанги молиявӣ аз ин ҷиҳат бояд ба ҳаҷм ва сохтори муносибатҳои содиротӣ мусоидат намуда, дар ин раванд истифодаи фишанги протексионизми бозори ватанӣ муайянкунанда мебошад.

«Бинобар ҳамин, новобаста ба хусусиятҳои мавҷудаи низоми институтсионалии ҳар як кишвар, байни сатҳи таваррум ва афзоиши ҳаҷми пул вобастагии зич вуҷуд дорад. Баландшавии ҳолатҳои таваррумӣ, новобаста ба омилҳои таъсиррасони пулӣ ё ғайрипулӣ, танҳо дар сурати коҳиш додани суръати пешниҳоди пул имконияти пешгирии онро таъмин мегардонад»[176, с.119].

Дар низоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зарурате пеш меояд, ки баробари низоми пулӣ аз тамоми восита ва усулҳои ҳавасмандкунандаи рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ истифода барем. «Аммо омилҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши таваррум монеа шуда, пеши роҳи онро мегиранд, ин кам кардани маблағи пул, баланд бардоштани меъёри бозтамвил, афзун гардонидани меъёри захираи ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ, афзоиши андоз ва музди меҳнат, кам кардани хароҷоти буҷет, маҳдудияти қарз ва ғайра ки ин дар навбати худ ҳавасмандии соҳибкоронро кам ва рушди истеҳсолотро суст мегардонад.

Дар ин раванд ба эътибор гирифтани таносуби байни асъори миллӣ ва хориҷӣ хеле муҳим мебошад. Бо ин қайд карданием, ки вобастагии асъори миллӣ аз асъори хориҷӣ имконияти устувориро аз байн мебарад. Бинобар ҳамин, барои идоракунии таваррум ва арзёбии сарчашмаҳои он танзими воҳиди асъорҳо (ҳиссаи асъори хориҷӣ), ҳаракат додани гардиши молу хизматрасониҳо омили муайянкунандаи таваррум мебошанд. Дар мавриди суръати таварруми солона аз таварруми «танзимшаванда» зиёдтар будан, таъсири он ба иқтисодиёт манфӣ буда, он боиси садди рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад» [244, с.88].

Ба ақидаи Л.Н. Красавина, «Паст кардани суръати таваррум барои таҳкими низоми молиявӣ, устуворӣ ва рақобатпазирии низоми бонкии мамлакат, баланд бардоштани нақши он дар тақсимоти сармояи ҷалбшуда дар рушди бахши истеҳсолии иқтисодиёт ва таъсиси маркази молиявии ҷаҳонӣ дар мамлакат зарур аст» [172, с.20].

Барои такмили механизмҳои идоракунии таваррум мақоми ҳалкунандаро истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои ватанӣ ишғол менамоянд. Ҳамин гуна молҳое, ки дар айни ҳол аз берун ворид мешаванд, лозим аст, ки, пеш аз ҳама, истеҳсоли онҳо бояд дар кишвар васеъ ба роҳ монда шавад. Дар навбати худ ин аз маблағгузории дохилӣ ва беруна вобаст аст. Пештар қайд намуда будем, ки тибқи ақидаи монетаристҳо маблағгузорӣ намудан таваррумро боз ҳам шадидтар мегардонад. Аммо бо истифода аз усулҳои монетаристӣ ба таваррум таъсир расонидан ва раванди онро суст гардонидан мумкин аст.

Механизми молиявии таваррум ва идоракунии омилҳои таъсиррасони он яке аз масъалаҳои хело муҳим ҳисобида мешавад. Асоси устувории механизми мазкур аз фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва вазъи моливии онҳо бармеояд. Дар мавриди ташаккули иқтисоди миллӣ ин заминаи таъсирбахши таъмини устувории фаъолияти хоҷагиҳо бо дарназардошти равишу усули арзёбии устувории молиявии онҳо ва воситаи идоракунии равандҳои таваррумӣ ҳисобида мешавад.

Дар замони иқтисоди бозорӣ пурзӯр гардонидани субъектҳои хоҷагидор бевосита аз рақобатпазирии онҳо вобаста буда, аз васеъ ҷалб намудани техника ва технологияи пешқадам бештар алоқамандӣ дорад. Ҷамъбаст, таснифот ва таҳлили низоми молиявӣ ба куллӣ дигаргун гашта, зарурати ҳамоҳангсозии ҳисоботҳои моливӣ дар madди аввал баромад мекунад. Маҳакҳои асосии механизми молиявии таваррум аз фаъолияти устувории молиявии субъектҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ вобастагии зич дорад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми вазъи молиявии ноустувори субъектҳои хоҷагидор, қобилияти пардохтпазирии онҳо заиф мегардад. Аз

ин ҷо, дар раванди идоракунии таваррум ҷиҳтеро бояд ҳатман ба эътибор гирем, ки ҳолати тафриқавии шароитҳои ташаккулёбии захираҳои молиявӣ ҳамчун омили муайянкунанда баромад мекунанд, алалхусус, аз рӯйи таносуби нақшавӣ ва ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ ва зарурати беҳтаргардонии вазъи коркарди ашёи хоми ватанӣ (нигаред ба ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. – Гурӯҳбандии корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз рӯйи натиҷаҳои молиявӣ (млн.сомонӣ)**

| Соҳаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи фоида (+), зарар (-) дар кишоварзӣ | -64,4 | -57,2 | -22,4 | 3,3 | 1,8 | 43,7 |
| Маблағи фоида (+), зарар (-) дар саноат | 572,3 | 1137,4 | -3807,6 | 5525,9 | 8351,1 | 983,4 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси омори солона [25, с.110].

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ноустувории нисбатан бештар ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Дар робита ба зарурати вусъат ёфтани раванди индустриявию аграрӣ ҳамоҳангсозии соҳаи кишоварзӣ ва саноат барои ташаккулёбӣ ва фаъолгардонии механизми идоракунии таваррум таъсирбахш баромад мекунад. Чунки дар ин замина шароити истеҳсолии молу маҳсулот ва хизматрасонии ватанӣ ба амал омада, устувории асъори миллӣ таъмин ва вобастагӣ аз молҳои воридотӣ кам мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба молҳои воридотӣ бештар вобастагӣ дошта, молҳои воридшуда бар ивази асъори мубодилаашон озод харидорӣ карда мешаванд. Дар навбати худ, қурби асъор доимо тағйир ёфта, ҳамчун омил ба ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ ва таркиби ҳаракати он бетаъсир намемонад. Бинобар ҳамин, қурби асъори миллӣ чун яке аз сабабҳои пайдошавии таваррум дар кишвар баромад мекунад. Бо мақсади танзим ва назорат истифодаи таносуби қурби мубодилаи сомонӣ ва сатҳи таваррум нисбат ба доллари ИМА барои ҳалли масъалаҳои стратегӣ дар давраи муайян истифода бурда мешавад, ки ин

ҳамчун воситаи такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Ҳамин тавр, қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА аз таъсири таваррум, тибқи омори расмӣ, аз рӯйи таносуби нишондиҳандаҳои мазкур муайян карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки «бекурбшавии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА арзиши молҳои воридшавандаро баланд карда, дар асл афзоиши таваррумро дар бозори истеъмолӣ афзоиш медиҳад, ки ин расман ба ҳисоб гирифта намешавад» [246, с.97].

Дар баробари сабабҳои таварруми хароҷот андозҳо низ ҳамчун омили таъсирбахш баромад мекунанд. Ба назари мо, низоми амалкунандаи андоз, ки гаронии он ба истеъмолкунанда рост меояд, ҳамчун қисми таркибии механизми хароҷот амал мекунад.

Тибқи ақидаи профессор Иброҳимов И. Р., «сатҳи сарбории андозӣ дар кишвари мо аз 50% зиёдтари арзиши маҳсулоти софе, ки дар корхонаҳо истеҳсол шудааст, ташкил мешавад» [241, с.12].

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон «андозҳои амалкунанда ба ду намуд: умумидавлатӣ ва маҳаллӣ тақсим мешаванд. Андозҳои умумидавлатӣ 6 намуди андозро дар бар мегиранд. Ба андози маҳаллӣ андоз аз молу мулк дохил мешавад» [4]. Ҳар ду намуди андозҳо дар робита ба ситонидани онҳо баландшавии нархҳоро ба амал меоранд. Бо истифода аз андозҳои мустақим ва афзоиши онҳо хароҷоти корхонаҳои истеҳсолӣ афзуда, корхонаҳо ба он водор мешаванд, ки «нархи маҳсулоти худро баланд бардоранд, ки дар натиҷа иқтидори таваррумӣ меафзояд.

Ҳамин тавр, сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани таварруми хароҷот» [246, 36], дар маҷмуъ, ҳамчун объекти идоракунӣ ва зарурати такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир баромад мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки баланд шудани меъёрҳои андоз дар ниҳояти кор ба ҳолатҳои таваррумӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи

баландшавии меъёри андоз нархҳои молҳои мавриди ниёзи аввал низ меафзояд. Чунки аз ҳисоби кам шудани талабот бо сабаби зиёдшавии нархҳо ноустувории вазъи молиявии корхонаҳоро ба амал меорад. Чунин ҳолат барои ташкили корхонаҳои нави соҳибкорӣ халал расонида, дар ниҳоят, ба муфлисшавии онҳо сабаб мешавад. Дар натиҷаи ноустувории субъектҳои иқтисодӣ кам гардидани иқтидори истеҳсолӣ ба амал омада, аз ҳисоби камшавии даромади онҳо даромади буҷет низ кам шуда, дар ниҳояти кор барои татбиқ намудани чораҳои зиддитаваррумӣ монеаҳоро ба миён меорад. Маҳз аз ҳамин сабаб, аз ҷониби олимони иқтисод мавқеи қатъие ташаккул ёфтааст, ки мувофиқ ба он низоми андоз ба сифати омили таъсиррасон ба дараҷа ва динамикаи нархҳо арзёбӣ мегардад. Ҳамин тариқ, дигаргуншавии нархҳо дар вақт ва дараҷаи таваррум аз андозҳо вобастагии зич доранд. Яъне, чи қадаре ки андозҳо афзун гардонида шаванд, ин ҳамон қадар суръати баланди нархҳоро ба амал меорад.

Дар натиҷа васеъшавии таваррум дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омада, муҳаққиқон дар чунин ақидаанд, ки ҳар як истеҳсолкунанда дар мавриди андозбандӣ майлеро интихоб мекунад, ки гаронии андозро бо роҳи нархгузорӣ ба зиммаи истеъмолкунанда гузорад. Дар ин раванд давлат аз ҳисоби даромади калон хароҷоти худро низ зиёд мекунад. Ҳамин аст, ки тибқи ақидаи Гредасов А.М, Андреев С. Ю. «барои паст кардани сатҳи таваррум ва пешгирии болоравии нархҳо давлат бояд меъёрҳои андозро паст намояд» [145, с.6].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Меъёри баланди андоз дар мавриди ҳиссаи ками бахши хусусӣ дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки таносуби байни иштирокчиёни бозор дар робита ба рушди фаъолият, истеъмоли маводи лозима ва муносибатҳои андозбандӣ таъсир расонанд.

Бинобар ҳамин, дар мавриди пеш гирифтани ташаккули механизми самараноки андоз ҷиҳатеро ҳатман бояд ба эътибор гирифт, ки андозҳо дар шакли иловапулӣ ба арзиши пардохтшаванда, бевосита ба

истеъмолкунандаи ниҳоӣ, таъсир мерасонад, алалхусус, дар мавриди истифодаи андоз аз арзиши иловашуда, ки ин ҳамчун андози ғайримустақим барои баландшавии нархҳо омили хеле таъсирбахш баромад мекунад. Моҳияти чунин таъсиррасонии андозро дар мисоли шартӣ дида мебароем (нигаред ба ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. – Нишондиҳандаҳои ҳисоби таъсири андоз ба арзиши молҳои воридотӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Нархи ҳақиқӣ | Меъёр | Арзиши ниҳоӣ |
|---|---|---|---|
| Арзиши гумрукии молҳо бо сомонӣ | 100 | 11,3 | 1130 |
| Боҷи гумрукӣ | 1130 | 25% | 282,5 |
| Маблағи пардохти гумрукӣ | 1130 | 0,15 | 169,5 |
| Андози аксиз бо дарназардошти ҳама андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳо бо истисноии ААИ | - | 30% | 1130+282,5+169,5=444,6 |
| ААИ бо дарназардошти тамоми андозҳо ва боҷҳо, аз ҷумла, аксиз | - | 18% | 1482+444,6=346,78 |
| Нархи мол. Бе дарназардошти иловапулӣ барои фоида дар бозори миллӣ аз ҷониби ширкат пешнишодшаванда | - | - | (1130+282,5+169,5+444,6+346,78) =2403,38 |
| Нархи мол . Бо қурби ҷории амалкунанда | - | - | 2403,38/1130=212,6 доллари ИМА |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Чи тавре, ки аз тариқи пай дар пай ҳисоб карда баромадани нархи молҳои воридшуда бармеояд, дар робита ба истифодаи андозҳои ғайримустақим нарх ба дараҷаи баланд афзоиш ёфтааст (аз 1130 ба 2403,38 тағйир ёфтааст). Ҳамин тавр, андозҳо дар байни дигар омилҳо яке аз омилҳое мебошанд, ки дар болоравии таваррум саҳми зиёд доранд.

Чи тавре ки аз нишондиҳандаҳои ҳисоби ҷадвал бармеояд, ҳангоми омӯзиш ва таҳлили дигаргуншавии нисбии қурби пули миллӣ ба равандҳои таваррум дар кишвар шароити мусоид фароҳам меорад. Дар мавриди нисбатан муътадил будани бозори асъор бо таъсири дигаргуншавии қурби расмии доллари ИМА сиёсати пулии қимат аз ҷониби бонки марказӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми тағйир ёфтани қурби расмии доллари ИМА Бонки миллии Тоҷикистон аз интервенсияи асъори хориҷӣ даст кашида, бо ин роҳ амалиёти нигоҳдории қурби мубодилавиро дар сатҳи нисбатан камтар нигоҳ медорад. Аслан, дар ин ҳолат камшавии шадиди асъорӣ ба амал омада, ҳамчун сабаби бе интервенсия ба арзон шудани асъор боис мегардад. Бояд қайд кард, ки зиёд шудани хароҷотҳои давлатӣ низ ба нархҳо, тарифҳо ва андозҳо таъсир расонида, ин ҳолат бевосита боиси равандҳои таваррумӣ мегарданд.

Чи тавре ки аз масъалагузории раванди таваррумӣ дар адабиёти иқтисодӣ бармеояд, мазмуни таваррумро дараҷаи он муайян менамояд. Дараҷаи таваррумӣ аз рӯйи чунин формулаи классикӣ муайян карда мешавад:

$$Д_б = \frac{J_p^1 - J_p^0}{J_p^0}$$

дар ин ҷо:

$Д_б$ – нишондиҳандаи дараҷаи таваррум;

$J_p^1$ - индекси нархҳои истеъмолӣ бо нархҳои ҷорӣ;

$J_p^0$ - индекси нархҳои истеъмолӣ бо нархҳои базавӣ.

Бо мақсади муайян ва арзёбӣ намудани сатҳи таваррум индекси нархҳо истифода бурда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$J_p = \sum P_1 Q_1 / \sum P_0 Q_1$$

Ҳамин тавр, мазмуни индекси умумии нарх аз он бармеояд, ки ҳамчун таносуби нархи як миқдор молҳои истеъмолӣ дар давраи ҳисоботӣ ва нархи ҳамин миқдор молҳои истеъмолии давраи базавӣ муайян карда мешавад. Аз таҷриба маълум мегардад, ки афзудани хароҷотҳои истеҳсолӣ ҳамчун шароити болоравии нархҳо баромад мекунад. Чунин ҳолат боиси беқурбшавии пул гардида, ҳолати тавррумиро ба амал меорад, аз ҷумла, бо камшавии ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ дараҷаи болоравии индекси нархҳо ва ғайра. Дар робита ба ҳамин, нишондиҳандаи сатҳи таваррум низ майли

болошавиро гирифта, поёнравии ҳаҷми истеҳсолот бевосита ба маҳдуд шудани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар оварда мерасонад. Дараҷаи индекси нархҳо дар бозори дохилӣ баланд шуда, ин боиси баландшавии таваррум мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат боиси заиф гардидани қобилияти харидории асъори миллӣ мегардад.

## 2.2. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум дар шароити муосир

Заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуроти таваррумӣ ин моделҳои ояндабинии сатҳҳои гуногуни таваррум буда, дар адабиёти иқтисодии муосир васеъ истифода бурда мешавад. Моделҳои бисёромила, аслан, дар мавриди ояндабинӣ ва баҳодиҳӣ ба сатҳи афзоиши таваррум дар илми иқтисодиёт аз тариқи истифодаи моделҳои авторегрессионии векторӣ васеъ ба роҳ монда мешавад. Дар асоси омӯзиши моделҳои мазкур бояд қайд намуд, ки баҳодиҳӣ ва пешгӯйикунии таваррум ҷабҳаҳои манфӣ ва мусбатро фаро мегирад. Субъектҳои иқтисодӣ барои ояндабинии таваррум, пеш аз ҳама, интихоби усули аниқ ва мутобиқ будани онро дар иқтисодиёти кишвар ба эътибор мегиранд.

Баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум аз васеъ ба роҳ мондани заминаҳои арзёбии стратегӣ ҳамчун восита барои муҳаққиқон дар бобати коркард ва пешгӯйии таваррум мавриди истифода қарор мегирад. Дар ин маврид интихоби ин ё он равияи методии ояндабинӣ сатҳи рушди иқтисодии кишвар, давраи тадқиқот, мутобиқати модели интихобшуда дар маҳал ба эътибор гирифта мешавад. «Айни ҳол, бештари кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, Тоҷикистон, дорои сиёсати кушоди иқтисодӣ буда, дар раванди ояндабинии таваррум бо якчанд моделҳо корбарӣ менамоянд, ки ин такмили механизми молиявии идоракунии таваррумро дар шароити муосир таъмин мегардонад» [216, с.27]. Чунки ҷабҳаҳои мусбати бисёр моделҳо маводи пешгӯии коркардашуда ба таври комплексӣ бояд амалӣ гардонида шавад.

Бояд қайд кард, ки нуқтаи назари намояндагони ғарб оид ба омил ва роҳҳои бартараф кардани таваррум ба воқеияти давлати мо пурра мувофиқ намеоянд. Чунки ҳар як кишвар, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои сабабҳои хоси таваррумӣ буда, дар робита ба сохтори иқтисодиёти кишвар, ҷой доштани номукаммалӣ ва номуносибии муносибатҳои молию пулӣ, мутобиқат ба талаботҳои бозорӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Дар ин раванди низоми нишондиҳандаҳои ченкунии таваррум мақоми махсусро индекси нархҳо мегирад, ки модели он қаблан аз тарафи мо пешниҳод гардида буд. Модели мазкур имкониятеро фароҳам меорад, ки тағйироти нисбии дараҷаи миёнаи нархҳо дар давраи муайян инъикос карда мешавад. Ҳамин тавр, муқоисаи онҳо имкониятеро фароҳам меорад, ки дараҷаи таваррум ҳисоб карда шавад.

Дар амалия дар мавриди ҳисоби нишондиҳандаи муайян имконияте фароҳам меояд, ки ба ҷараёни таваррум баҳои миқдорӣ дода шавад. Бояд қайд кард, ки натиҷаи арзёбии ҷараёни таваррум дар сатҳи макро ва микроиқтисодиёт аҳаммияти калон дорад. Дар асоси ҳисоб карда баровардани нишондиҳандаҳои мазкур сиёсати дурусти пулию қарзӣ, андозию буҷавӣ ва сохторӣ ба амал меояд. Бо амал намудани низоми мазкур тарафҳои муносибатҳои бозорӣ (молистеҳсолкунанда ва молистеъмолкунанда) майли таваҷҷуҳ намуданро ба сабабҳои пайдоиш омилҳои таъсиррасони таваррумӣ мусоидат менамояд. Чунин нишондиҳанда аз он сабаб аз мавқеи тарафҳо муҳим ҳисобида мешаванд, ки баландшавии сатҳи таваррум чун омили номутаносибии байни молу хизматҳо ва миқдори пул баромад мекунанд.

Аз таҷрибаи ташаккулёбии муносибатҳои молию пулӣ чунин бармеояд, ки нишондиҳандаи таваррум ба чунин гурӯҳҳои асосӣ ҷудо карда мешавад. Қисми якум, нишондиҳандаҳои мустақим-нишондиҳандаи мазкур сатҳи таваррумро бевосита инъикос менамояд. Қисми дуюм, нишондиҳандаҳои ғайримустақим-мазмун ва мундариҷаи нишондиҳандаи мазкур тавассути дигар нишондиҳандаҳо оид ба афзудани нархи молу

маҳсулотҳо дар доираи иқтисодиёт маълумот фароҳам оварда мешавад, ки ин дар ҷадвали 2.4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.4. – Усулҳои ба ҳисоб гирифтани сатҳи таваррум дар илми иқтисодиёти муосир**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Мундариҷаи ҳисобу китоб | |
|---|---|---|
| | **Формулаи ҳисоб** | **Моҳият** |
| **Нишондиҳандаҳои мустақим** | | |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ (индекс Ласпейрес) | $J_{\text{ини}} = \frac{\sum P_1 Q_1}{\sum P_1 Q_0}$ | Бо мурури вақт тағйир ёфтани дараҷаи умумии нархи сабади истеъмолии дар давраи ҷорӣ, тақсим ба нархи сабади истеъмолии давраи гузашта (бо %) |
| Дефлятори ММД (индекс Пааше) | $J_{\text{ини}} = \frac{\sum P_1 Q_1}{\sum P_1 Q_0}$ | Тақсими ММД бо нархҳои ҷорӣ ба ММД-и ҳақиқӣ, яъне бо нархи муқоисавӣ (бо %) |
| Дараҷаи таваррумӣ | $T_{\text{тав}} = \frac{J_{\text{ини ҷ}} - J_{\text{ини б}}}{J_{\text{ини б}}}$ | Индекси нархи ҷорӣ тарҳи (минуси) индекси нархи давраи базавӣ тақсими нархи давраи базавӣ (бо %) |
| Қоидаи 70 | 70/ сатҳи таваррум | Адади 70 тақсими сатҳи таваррум |
| Икдекси арзиши ҳаёт | Индекси сабади истеъмолӣ/ хароҷоти ҳақиқӣ ба сабади истеъмолӣ | Тамоюли арзиши сабади истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар муқоиса бо сохти хароҷоти истеъмолии аҳолӣ |
| Индекси қобилияти харидории пул | $Қ_{\text{пул}}=1/\ Т_{\text{тав}}$ | Мутаносибаи чаппа бо таваррум |
| **Нишондиҳандаҳои ғайримустақим** | | |
| Индекси таъминотӣ | Захираҳои молӣ/∑амонатҳои пулӣ*100 | Тақсимоти захираҳои молӣ ба маҷмуи амонатҳои пулии аҳолӣ зарби 100 |
| Индекси хароҷоти зиндагӣ | Даромадҳои аҳолӣ/хароҷоти аҳолӣ | Тақсимоти даромадҳои аҳолӣ ба хароҷотҳои аҳолӣ (бо %) |
| Муқоисаи индекси нархҳои дороиҳо бо истеъмолӣ | $\frac{J\ \text{дорой}}{J\ \text{истеъмолӣ}}$ | Тақсими индекси нарҳои дороиҳо тақсими индекси молҳои истемолӣ |
| Тағйирёбии курби асъор | Нархи 1 сомонӣ бо асъорҳои хориҷӣ | Муқоисаи паритети қобилияти харидории асъори миллӣ бо дигар асъорҳо |
| Коэффисенти монетизатсия | $\frac{\text{ҳаҷми пул}}{\text{ММД}} * 100$ | Тақсими ҳачми пули М2 ба арзиши ММД % |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои зерин [58, с.101; 103, с.487; 59, с.234; 67, с.569].

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, аз тариқи нишондиҳандаи мустақим чунин нишондиҳандаҳо муайянкунанда мебошанд: индекси нархҳо, нишондиҳандаи сатҳи таваррум ва нишондиҳандаи қобилияти харидории пул. Нишондиҳандаҳои мазкур имкониятеро фароҳам меоранд, ки ба таври васеъ болорравии сатҳи нархҳо арзёбӣ карда шаванд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки бо ҳисоб карда баромадани индекси нархҳои истеъмолӣ молҳое таҳқиқ карда мешаванд, ки онҳо хеле гуногунанд» [240], яъне дар ҳудуди аз 25 то 70 номгӯй дар бар гирифта мешавад. «Тағйир ёфтани миқдори гурӯҳи молҳо барои бақайдгирии нарх аз мавқеи сиёсати давлат вобастагии зич дорад. Дар ин замина дигаргуншавии номгӯйи молҳои истеъмолӣ, пасту баландшавӣ дар ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот сатҳи даромаднокии аҳолӣ тағйир дода мешавад»[215, с.286].

Барои баҳодиҳии сатҳи таваррум дар қатори нишондиҳандаҳои мустақим нишондиҳандаҳои ғайримустақим низ сафарбар карда мешаванд. Номгӯйи чунин намуди молҳо пештар дар ҷадвал дида баромада шудааст. Дар робита ба ин, нишондиҳандаҳо аз қабили захираҳои молӣ ва таносуби он бо ҷамъи пасандозҳои аҳолӣ, муқоисаи даромадҳои аҳолӣ нисбат ба хароҷотҳо, индекси нархҳои саҳмияҳои ва амволи ғайриманқул дар муқоиса ба нархҳои истеъмолӣ муқоиса карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳамаи нишондиҳандаҳои зикргардида имкониятеро фароҳам меоранд, ки хавфи зиёдшавии сатҳи таваррумро аз мавқеи ғайримустақим арзёбӣ намоем.

Дар ин замина ташаккули молу хизматҳо бо нархи давраии базавӣ вазифаи идоравӣ пайдо карда, идоракунӣ самти муфид мегирад. Тибқи ақидаи Д.Р Белоусов чунин усулҳои баҳодиҳӣ ҷудо карда мешавад [238, с.16-17]. Усулҳои баҳодиҳӣ ва мазмуни онҳоро мураттаб гардонида, пешниҳод менамоем, ки дар ҷадвали 2.5 дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 2.5. – Усули баҳодиҳӣ ва мазмуни онҳо**

| Заминаи усули баҳодиҳӣ | Мазмуни усули баҳодиҳии таваррум |
|---|---|
| Ҳаҷми даромадҳо | Сармоягузории хароҷотҳои истеҳсолӣ такрористеҳсолоти одиро дар шароити баландшавии нарх ба захираҳо таъмин менамоянд |
| Фарқи байни хароҷотҳо ва ҳаҷми реалии даромадҳо | Дар умум ҳаҷми даромади таваррумро ифода карда мегирад |
| Дараҷаи «иқтидори таваррум» | Тақсимоти даромади умумии талабкардашуда ба даромади ҳақиқӣ ҳисоб карда мешавад |
| Афзоиши қиматшавии маҳсулот | Талабот ба захираҳои молиявиро таъмин намуда, чун иқтидори таваррумӣ ҳисоб карда мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи мураттабгардонидаи муаллиф.

Ҳамин тавр, баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии таваррум имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат татбиқ гардида, рушди бомароми иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъмин гардад. Инчунин, дар алоқамандии сиёсати монетарӣ ва сиёсати фискалӣ пулҳои нақдӣ дар доираи муомилоти молу маҳсулот таъмин карда мешавад ва ин бо татбиқи сиёсати дурусти ҳисоббаробаркунӣ ва истифодаи васеи усули баҳодиҳии таваррум вобастагии зиёд дорад. Ҳамзамон, ба назари мо, ин имконият медиҳад, ки сиёсати воридотивазкунанда суръат дода шавад ва бо ин роҳ вобастагии иқтисоди миллӣ аз асъори хориҷӣ камтар гардад. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор фишангҳои идоракунии таваррумро дар самти таъмини устувории асъори миллӣ таъсирбахш мегардонад. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии тамоми субъектҳои иқтисодию молиявии кишвар (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) ва фаъолгардонии меҳнати самаранок ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва мавқеъгирии онҳо дар рақобат афзуда, иқтидори содиротии кишвар меафзояд ва таъсири таваррум камтар мегардад.

Баҳодиҳии ҳолати идоракунии раванди таваррумӣ ва заминаҳои арзёбии зуҳуротҳои таваррумӣ аз ҷиҳате арзёбӣ мегардад, ки сатҳи таваррум доимо дар тағйирот бошад. Дар як вақт зери таъсири омилҳо, хусусан, аз маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошад, яъне, аз муътадил

гардидани вазъи бозори истеъмолӣ алоқамандии зич дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки «фишорҳои қурбӣ то андозае ба дигаргуншавии нархҳо сабаб гардид (нигаред ба ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. – Сатҳи таваррум ( бо фоиз, нисбат ба охири давраи қаблӣ)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбии миёна (б.ф.+-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таваррум | 6.1 | 6.7 | 5.4 | 8.0 | 9.4 | 8.0 | 4.2 | 3.8 | -2,3 |
| Хӯрокворӣ | 6.8 | 7.5 | 5.0 | 10.9 | 13.0 | 7.3 | 5.1 | 3.5 | -3,3 |
| Ғайрихӯрокворӣ | 5.7 | 4.4 | 6.4 | 4.2 | 5.8 | 7.5 | 3.2 | 6.6 | 0,9 |
| Хизматрасонӣ | 4.5 | 7.7 | 4.9 | 5.5 | 4.0 | 11.3 | 2.0 | 1.2 | -3,3 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф тибқи маълумотҳои [27, с.69].

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, раванди таваррум тағйирёбии нисбатан муътадилро касб намудааст, яъне, мувозинати вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ аз рӯйи молу маҳсулот, ҳамзамон, коҳишёбии нархи ҷаҳонии баъзе аз намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, афзудани пешниҳоди маҳсулоти дохилии кишоварзӣ дар робита ба сиёсати монетарии зиддитаваррумӣ идоракунии раванди таваррум ва арзёбии омилҳои таъсиррсонро муфид гардонид» [27, с.69]. Тибқи ақидаи коршиносон, маълум мегардад, ки болоравии сатҳи нархҳои молу маҳсулоти ватанӣ асоси бавуҷудоии таваррум ба шумор рафта, дар баъзе ҳолат номусоидии вазъи обу ҳаво, афзоиши талаботу истеъмолоти дохилии мардумии кишвар ба маҳсулоти озуқаворӣ аз омилҳои таъсиррасон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, ба назари мо, барои муфид гардонидани механизмҳои молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба эътибор гирифтани сохтори ҷараёнгирии таваррумӣ манфиатнок мебошад. Маҳз сохтори ҷараёнгирии таваррум асоси ташаккулёбии механизми

идоракунии равандҳои таваррумиро таъмин мегардонад. Мо механизми мазкурро ба таври зерин пешниҳод мунамоем:

**ОИТ =ТМХ+ТМҒ+ТХ**

Дар инҷо ОИТ- объекти идоракунии раванди таваррум

ТМХ-таварруми молҳои хӯрокворӣ

ТМҒ-таварруми молҳои ғайрихӯрокворӣ

ТХ-таварруми хизматрасонӣ.

Бо истифода аз ин фишанг имконияте пайдо менамоем, ки омилҳои таъсиррасони таваррумро муайян ва арзёбӣ намоем. Масалан, тибқи ҷадвали боло дар соли 2023 нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар сатҳи 3,5% мебошад. Ҳиссаи он дар таваррум ба 1,7 банди фоизиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, барои боз ҳам аниқ омӯхтани нишондиҳандаи мазкур дигаргуншавии нархи инфиродии молҳо ҳамчун омили муайянкунанда баромад мекунад. Яъне, фаҳмида гирифтани қимати умумии таварруми молҳои хӯрокворӣ, масалан, аз нархи маҳсулоти ғалладона, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, сабзавот, меваҷот аниқ гардонида шуда, ба таври пурра арзёбӣ карда мешавад.

Ташаккули заминаи иттилоотии усули мазкур аз методҳои ченкунӣ ва арзёбии интизориҳои таваррумӣ дар амалия алоқамандӣ дорад. Аз ҷумла, пурсишҳои сотсиологӣ, индикаторҳои бозори фондӣ, моделҳои оморию эконометрикӣ ва сафарбар намудани имкониятҳои технологияҳои замони муосир ҳамчун омили муайянкунӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳанд, ки субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ бо роҳҳои пурсишҳои сотсиологӣ ҳачун фишанги таъсирбахши идоравии ҳолатҳои таваррумӣ баромад мекунанд. Чунин меҳисобем, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул додани таҳқиқотҳои сотсиологӣ хело муҳим мебошад. Бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони соҳаи иқтисод ва молия баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум эътимоднокӣ гирифта, заминаҳои арзёбии ояндавии зуҳуротҳои таваррумиро ҳамчун объекти идоракунӣ сафарбар

менамоянд. Баъзе аз давлатҳо дар заминаи якчанд таҳқиқотҳои сотсиологӣ аз тариқи пурсиш дар байни табақаҳои гуногуни шаҳрвандӣ таҳқиқот гузаронида, оид ба майл ва тамоилгирии таваррумӣ ва, умуман, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар хулосабарорӣ намудаанд. Параметрҳои асосии ин раванд азояндабинии сатҳи нарх, сатҳи воқеии ҷории нарх дар алоқамандӣ бо беҳбудии сатҳи зиндагӣ бо истифода аз усулҳои эҳтимолият, усули регрессионӣ, усули тавозунӣ ва усули логистикӣ баромад мекунанд. Тибқи ақидаи коршиносон, дар робита ба коркард ва истифодаи усулҳои алтернативии чен кардани интизориҳои таваррумӣ барои муваффақ гаштан ба фишанги эътимоднок, фаврӣ ва самаранок барои баланд бардоштани самаранокии ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ дар доираи сиёсати монетарӣ ҳисобида мешаванд.

Дар заминаи фаъолияти субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ба роҳ монданиояндабинии таваррумӣ ва ҷамъоварии маълумот оид ба тағйир ёфтани дараҷаи миёнаи нархҳо дар иқтисодиёт дар як вақт бо ҷалби мутахассисон (олимон, коршиносони соҳаи иқтисод ва молия) ва ҳамоҳангсозии ин раванд бо шаҳрвандон заминаи хуби идоракунии таваррумро дар асоси фикру ақида дар бораи дараҷаи нархҳо ва таваррум ба миён меорад.

Дар шароити бозор фишанги таъсирбахши идоравии ҳолатҳои таваррумӣ истифодабарӣ аз индикаторҳои молиявӣ ба шумор мераванд. Барои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум, заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ ва чен кардани интизориҳои таваррумӣ, фикру ақидаи иштирокчиёни бозори фондиро таҳқиқ намудан лозим меояд.

Бо мақсади пешгӯйӣ намудани дараҷаи таваррум мақоми махсуси идоракуниро моделҳои эконометрикӣ мегиранд. Усули мазкур дар таҷрибаи таҳқиқотӣ ба таври асоснок мақоми устувор гирифтааст, ва хусусан, аз ҳисоби муайян намудани омилҳое, ки ба интизориҳо таъсир мерасонанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум ва заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ аз тариқи воситаҳои эконометрикӣ асоси пешгӯйии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар иқтисоди миллӣ баромад мекунанд. Дар ин раванд баробари хусусиятҳои математикии ба назар гирифтани интизориҳои дигаргуншавии иқтисоди миллӣ таъсирбахшии идоракунии равандҳои таваррумиро аз рӯйи сатҳи нарх ба эътибор гирифтан лозим аст. Дар ин замина мо аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ истифода мебарем.

Вобастагии афзоиши номиналии ММД аз таварруми солона нишон медиҳад, ки як қисми афзоиши номиналии ММД натиҷаи афзоиши арзиши мол ва хидматҳо мебошад, ки ба таваррум марбут аст. Агар таваррум баланд бошад, ин маънои онро дорад, ки қисми зиёди афзоиши ММД метавонад фақат арзиши бештарро ба мол ва хидматҳо нишона диҳад, ки ҷузъи воқеии афзоиши иқтисодиёт буда наметавонад. Яъне, барои тафсири дуруст ва беҳтар кардани моҳияти мазкур қисми афзоишёфтаи арзиши мол ва хидматҳо ҳамчун афзоиши ММД-и номиналӣ бо дарназардошти таваррумро ифода менамояд. Бинобар ин, барои таҳлили эконометрикии масъалаи мазкур маълумоти омории ҷадвали зеринро истифода менамоем (нигаред ба ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. – Динамикаи нишондиҳандаҳои ММД ва таварруми солона барои давраи солҳои 2016 -2023 (%)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Афзоиши номиналии ММД | 6,0 | 7,1 | 7,6 | 7,4 | 4,4 | 9,4 | 8,0 | 8,3 |
| Таварруми солона | 6,1 | 6,7 | 5,4 | 8 | 9,4 | 8 | 4,2 | 3,8 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф аз рӯйи [25, с.214].

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда, муайян намудан мумкин аст, ки афзоиши номиналии ММД сол аз сол нисбатан ташаккул ёфта

истода, таварруми солона бошад, ҳарчанд ки тағйирёбанда ҳаст, аммо пастравӣ ба назар мерасад.

Дар заминаи маълумоти омории ҷадвал ва истифодаи усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ модели арзёбии ММД-и номиналӣ бо дарназардошти таваррум таҳия ва пешниҳод карда шуд:

$$\Delta ММД = \mathbf{1,0178} * Т \quad (1)$$

Дар ин ҷо, ΔММД - афзоиши ММД-и номиналӣ, Т - таварруми солона мебошанд.

Модели таҳиягардида тибқи талаботҳои тавсифи оморӣ: сифати модел - $R^2 = 0{,}85$, хатоии модел – $R^2 = 4{,}3$ ва эътимоднокии модел - $DW = 1{,}5$ мебошанд. Яъне, аз қиматҳои тавсифи оморӣ бармеояд, ки модели таҳиягардида боэътимод буда, истифодаи он барои арзёбии ММД-и номиналӣ аз таъсири таваррум мақсаднок мебошад.

Аз рӯйи модели таҳиягардида чунин хулосаи иқтисодӣ баровардан мумкин аст: дар ҳолати ба як банди фоизи зиёд гардидани таварруми солона ба ҳисоби миёна афзоиши ММД-и номиналӣ ба андозаи 1,0178 фоиз зиёд мегардад.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, қайд кардан зарур аст, ки модели таҳиягардида имконияти бештари идоракунии раванди тавваррумиро фароҳам меорад. Ҳамзамон, дар робита ба истифодаи имкониятҳои технологияи замони муосир имконияти истифодаи маълумот барои таҳлил ва хулосабарорӣ намудан ба амал меояд. Дар ин замина, аз ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум, заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ барои натиҷаҳои боз ҳам муфидтар мусоидат менамояд.

Рақамигардонии муносибатҳои иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дар даврони пандемияи COVID-19 суръати баланд пайдо кард. Яъне, маҳдудиятҳои карантинӣ сабабгори он шуданд, ки муносибатҳои нави иқтисодии электронӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ рушд ёфтанд. Ба тамоми аҳолии башар ин гуна хизматрасониҳои савдои электронӣ дастрас гардида, бо

истифода аз платформаҳои савдоии электорнӣ чунин муносибатҳо амалӣ карда мешаванд.

Истифодаи техника ва технология имрӯзҳо нисбатан самаранок ҳисобида мешавад. Дар ин раванд мутобиқшавӣ ба талаботи ҷаҳонӣ ба амал омада, бо дарназардошти мавқеъгирии рақамикунонии иқтисодӣ, алалхусус, ба соҳаҳои хизматрасонӣ майл гирифтааст. Тибқи ақидаи коршиносон, сатҳи рақамикунонӣ дар баъзе соҳаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст (игаред ба диаграммаи 2.3).

**Диаграммаи 2.3. – Сатҳи рақамикунонӣ дар баъзе соҳаҳои иқтисодӣ (ба ҳолати марти соли 2024)**




**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои шабакаи интернетӣ.

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма чунин бармеояд, ки баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум ва заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ минбаъд ҳар чи бештар ба истифодаи имкониятҳои техникӣ алоқаманд мебошад. Ҳама гуна мушкилоти муҳимми раванди таваррум дар доираи иқтисоди рақамӣ ба амал омада, зарурати ченкунӣ ва баҳодиҳиро аз тариқи усул ва воситаҳои таҳлилӣ дар бар мегирад. Бинобар ҳамин, дар робита ба функсия ва вазифаҳои чен кардани интизориҳои таваррум тақвияти арзёбии алоқамандии истеҳсоли молу хизматрасониҳои ватанӣ ва миқдори пули миллӣ ба амал меояд. Дар ин замина таҳқиқи нишон додани алоқамандии байни муносибатҳои

молиявию пулӣ ва муаммоҳои чен кардани интизории таваррум хеле муҳим мебошад.

Интихоби варианти нисбатан беҳтари арзёбии равандҳои таваррумӣ бевосита аз такмил додани механизми молиявии идоракунии болоравии нархҳо дар шароити муосир вобастагии зич мегирад. Бинобар ҳамин, арзёбии ояндабинии фаъолияти субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ дар кишвар, чи тавре ки пештар қайд карда будем, аз интизориҳои мутобиқшавӣ аз мавқеи М. Фридман боз ҳам зарурат пайдо кардааст. Бинобар ҳамин, муфид гардонидани ҷанбаи сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар, таъмини дараҷаи самаранокии пулию қарзӣ дар робита ба истеҳсоли молу маҳсулот ва ташаккули нархҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои муҳимми идоракунии таваррум баромад мекунад.

Бо ин қайд карданием, ки истифода аз фишангҳои мазкур заминаи эътимоднок барои сиёсати таваррумӣ мебошад. Аз ин ҷо самараи дастрасии маълумот барои гирифтани ахборот барои ченкунии раванди таваррум, баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии он заминаи арзёбии стратегии он мебошад. Ташаккули маълумот дар ин ҷода бояд муфид ва самаранок бошад.

Бинобар сабаби зиёд будани хароҷот чунин ҳисобида мешавад, ки боз аз усулҳои алтернативӣ бо коркарди нав истифода барем. Усулҳо барои чен кардани интизориҳои таварруми аҳолӣ заминаи иттилоотиро бо мақсади такмил додани механизми молиявии идоракунии болоравии нархҳо дар шароити муосир фароҳам меорад. Ба таври боэътимод, фаврӣ ва бо хароҷоти камтарин пешниҳод намудани чунин маълумотҳо барои коркард ва истифодаи сиёсати пулию қарзии кишвар аҳаммияти махсуси илмию назариявӣ мегирад.

Андозагирии интизориҳои таваррум аз иштирокчиёни бозори саҳомӣ ва нишондиҳандаҳои биржавӣ вобаста мебошад. Дар заминаи гирифтани ҳисобҳои ҳаррӯзаи сатҳи интизориҳои таваррум, ки дар навбати худ барои баҳодиҳии омилҳои таъсиркунанда дараҷаи аҳаммияти хабарҳои иқтисодӣ,

ки ба таваррум таъсир мерасонанд, имкониятҳои васеъ мекушояд. Лекин, бинобар сабаби арзёбинамой, бо усули боқимонда баҳо додан сабабу натиҷавии муносибатҳои молию пулӣ дар робита ба таваррум аниқ баромад намекунад. Муфиднокии усули биржавӣ гарчанде ки сода, дастрас ва иттилооти сарчашмаи озод бошад ҳам, ин барои арзёбии интизориҳои таваррум маҳдуд арзёбӣ мегардад.

Ҳолатҳои дар боло қайдгардида ҳамчун омили дигаргунии сохтори иқтисодиёт баромад карда, роҳҳои нави рушди иқтисодиёти миллиро ба амал меорад. Яке аз чунин роҳҳо ин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 мебошад, ки тибқи он дурнамои рушди иқтисодии кишвар муайян карда шудааст.

Ҳамчунин, саноатикунонии кишвар низ яке аз барномаҳои муҳимми стратегияи мазкур ба ҳисоб рафта, мақсади асосии барномаи мазкур дар сохтори ММД афзоиш додани молҳои саноатӣ мебошад. Дар доираи саноатикунонии кишвар ҷойҳои нави кории мавсимӣ ва доимӣ ташкил карда мешаванд. Яке аз омилҳое, ки ба сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ таъсир расонида сатҳи рушдро коҳиш медиҳад, ин нишондиҳандаи таваррум мебошад.

Тибқи ақидаи Д.Р Белоусов, «чунин усулҳои баҳодиҳӣ ҷудо карда мешавад» [238, с.116]. Усулҳои баҳодиҳӣ ва мазмуни онҳоро мураттаб гардонида, пешниҳод менамоем (нигаред ба ҷадвали 2.8).

**Ҷадвали 2.8 – Усули баҳодиҳӣ ва мазмуни онҳо**

| Заминаи усули баҳодиҳӣ | Мазмуни усули баҳодиҳии таваррум |
|---|---|
| Ҳаҷми даромадҳо | Сармоягузории хароҷотҳои истеҳсолӣ такрористеҳсолоти одиро дар шароити баландшавии нарх ба захираҳо таъмин менамоянд |
| Фарқ байни хароҷотҳо ва ҳаҷми воқеии даромадҳо | Дар умум ҳаҷми даромади таваррумро ифода карда мегирад |
| Дараҷаи «иқтидори таваррум» | Тақсимоти даромади умумии талабкардашуда ба даромади ҳақиқӣ ҳисоб карда мешавад |

Идомаи ҷадвали 2.8

| Заминаи усули баҳодиҳӣ | Мазмуни усули баҳодиҳии таваррум |
| --- | --- |
| Афзоиши қиматшавии маҳсулот | Талабот ба захираҳои молиявиро таъмин намуда, чун иқтидори таваррумӣ ҳисоб карда мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи мураттабгардонидаи муаллиф.

Ҳамин тавр, дар мавриди баланд бардоштани мақоми низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди мамлакат истифодаи васеи усули баҳодиҳии таваррум имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ аз ҳисоби алоқамандии сиёсати монетарӣ ва сиёсати фискалӣ бо сафарбар намудани имкониятҳои сиёсати дурусти ҳисоббаробаркунӣ ва муфидгардонии пулҳои нақдӣ дар доираи муомилот молу маҳсулот таъмин карда шавад. Ҳамзамон, ба назари мо ин имконият медиҳад, ки сиёсати воридотивазкунанда суръат гирад ва бо ин роҳ иқтисоди миллӣ аз асъори хориҷӣ камтар гардад. Ҳамаи ин, дар ниҳояти кор фишангҳои идоракунии таваррумро дар самти таъмини устувории асъори миллӣ таъсирбахш мегардонад. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии тамоми субъектҳои иқтисодию молиявии кишвар (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) ва фаъолгардонии меҳнати самаранок, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ва мавқеъгирии онҳо дар рақобат афзуда, иқтидори содиротии кишвар меафзояд ва таъсири таваррум камтар мегардад.

## 2.3. Идоракунии афзоиши ҳаҷми пул ва болоравии нарх ҳамчун воситаи танзими таваррум

Низоми иқтисоди миллӣ аз нигоҳи идоракунӣ унсурҳои бозорӣ ва маъмурию фармонравоиро дар бар мегирад. Бинобар ҳамин, сабабу падидаҳои рӯйдиҳанда низ аз қабили таваррум хусусиятҳои худро доранд. Пеш аз ҳама, хусусиятҳои ташаккули механизмҳои бозориро шарҳ медиҳем. Чунин мавқеъ «маводи заруриро ҳангоми муайян кардани сабабҳои асосии болоравии таваррумии нархҳо дар низоми макроиқтисодӣ фароҳам меорад» [246, с.103]. Аксарияти иқтисодшиносони ватанӣ дар радифи масъалагузориҳои худ хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии

Тоҷикистонро шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла, профессор А. Абдуғаффоров чунин қайд намудааст, ки «Мо иқтисоди омехта, аммо дар айни замон иқтидори пасти рушд дорем. Агар мо ин қолаби иқтисодро бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва миллӣ тавсиф диҳем, хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад: мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият, маҳдудияти захираҳои молиявӣ дар раванди кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, кифоя набудани иқтидори истеҳсолӣ ва инфрасохтори зарурӣ, оқибатҳои давраи гузариш ва тафриқаи ташаккули даромадҳо байни табақаҳои иҷтимоӣ, ки ҳамаи ин дар натиҷа боиси ба пурраги ташаккул наёфтани муносибатҳои бозорӣ гардида, иқтисодиёти бозории иҷтимоӣ мушкил мегардад» [55. с.51].

Чораҳои сиёсати зиддитаваррумӣ бо мақсаде нигаронида мешаванд, ки онҳо бароии танзими таварруми талабот ва таварруми хароҷот ҳамчун фишанги таъмини мувозинати муносибатҳои молию пулӣ баромад намоянд.

Гарчанде ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисоди омехта амал намояд ҳам, қайд кардан бамаврид аст, ки ин раванд аз иқтисоди давраи нақшавӣ ва иқтисоди бозорӣ пурра фарқ мекунад. Бо дарназардошти норасоию камбудиҳо раванди хоҷагидорӣ таъмин гардида, доираи махсуси ба вуҷуд овардани ноҷӯриҳои молию пулиро ба амал овард. Ташаккул ёфтани чунин низом собит намуд, ки бинобар сабаби маҳдудияти фарогирии механизмҳои иқтисодӣ субъектҳои иқтисодӣ дар давраи гузариш ғайрифаъол баромад карданд. Бинобар ҳамин, бо вуҷуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти воридшавӣ ба бозор, амалӣ гардидани онҳо дар сатҳи субъектҳои идоракунии поёнӣ ғайрисамаранок ба амал омад. Маҳз аз ҳамин ҳисоб, дар зинаҳои аввали гузариш ба муносибатҳои бозорӣ таварруми талабот мақоми хоса ёфта , афзоиши ҳаҷми пул ҳамчун унсури асосии таварруми талабот баромад кард. Аз ин ҷо мантиқан чунин бармеояд, ки чораҳои зиддитаваррумӣ аз ҳисоби бароришӣ пул боиси он гардид, ки қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва қобилияти харидории пули

миллӣ мавқеъ пайдо намоянд. Акнун, дар шароити муосир, ки хоси тараққӣ ёфтани муносибатҳои бозорӣ мебошад, амалиёти молиявию пулӣ ба таври мушаххас майли рушди мустақилона пайдо карданд. Баробари ба амал наомадани чунин майлгирӣ мушкилоти норасоии воситаҳои пардохт ба амал меояд ва натиҷаи чунин раванд боиси пастшавии бухрони истеҳсолот мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат ифодакунандаи механизми махсуси кам кардани равандҳои таваррумӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун хусусияти падидаи мазкур баромад кард.

Ҳамин тавр, омӯзиши хусусияти паҳлуҳои гуногуни таваррум дар иқтисоди миллӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки мазмун ва мундариҷаи болоравии нархҳо дар робита ба таркиби иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Бо ин мақсад, зарурати такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррумро аз мавқеи макро ва микроиқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем (нигаред ба ҷадвали 2.9).

**Ҷадвали 2.9. – Механизми молиявии идоракунии таваррум аз мавқеи микроиқтисод ва макроиқтисод**

| Унсурҳои таркибии механизми молиявии идоракунии таваррум | Танзими микроиқтисодӣ | Танзими макроиқтисодӣ |
|---|---|---|
| 1.Дар доираи муҳтавои сиёсати пулию қарзии давлат: таъсири тағйирёбии тамоюли нархҳо аз боло (сатҳи макро) | - | «-танзими ҳаҷми пул ва эмиссияи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ;<br>-идоракунии қарзи давлатӣ;<br>-назорати қурби асъори миллӣ;<br>-идоракунии касри буҷет» [246, с.106]. |
| 2.Бартараф кардани сабабҳои таваррум дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ (сатҳи микро) | -тағйирёбии сохтори соҳа-ҳои иқтисодиёти миллӣ;<br>-интиқоли байнисоҳавии сармоя;<br>-татбиқи чораҳои маҷмуавии таъсиррасонӣ ба сиёсати нархгузорӣ;<br>-таъмини мавқеи устувори субъектҳои иқтисодӣ. | - |

**Сарчашма:** таҳия ва мураттабсозии муаллиф.

Тибқи ақидаи И. Фишер, М. Бункина ва А. Семенов, «раванди идоракунии афзоиши ҳаҷми пул аз эмиссияи бонкӣ вобаста буда, воситаи муҳимтарини макроиқтисодии фишанги таваррум ҳисобида мешавад. Чунин мавқеъ аз ҷониби илми иқтисоди ҷаҳонӣ эътироф гардида, заминаи назариявии монетаризм ба ҳамин асос меёбад ва вобастагии таваррумро аз ҳаҷми пул ба таври хаттӣ инъикос менамояд» [70. с.70-71]. Мазмун ва мундариҷаи раванди мазкур бо формулаи зерин маъмул аст: ***MV=PQ.*** Аз ин хусус А. Кудрин чунин қайд мекунад: «Тибқи консепсияи анъанавии таваррум болоравии нархҳо бо зиёд шудани пешниҳоди пул ҳангоми суръати доимии муомилоти пул алоқаманд аст.

Бидуни афзоиши пул дар муомилот ҳангоми суръати доимии муомилотро нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, сатҳи умумии нархҳо дар кишвар, новобаста аз тағйир ёфтани нархи молҳои алоҳида, бетағйир мемонад, сухан дар бораи он аст, ки барои ҳаҷми муайяни пули дар муомилотбуда баланд шудани нархи молҳои алоҳида, бояд бо паст шудани нархҳо ба дигарон ҳамроҳӣ кунад, ҳамзамон, индекси умумии нархҳо бетағйир боқӣ хоҳанд монд» [174, с. 9].

Дар самти мувозинати таносуби молу маҳсулот ва миқдори пули дармуомилотбуда Бонки миллии Тоҷикистон ниҳоди таҳиякунанда ва пешбарандаи сиёсати монетарии давлат дар таъмини идоракунии воситаҳои пулию қарзӣ баромад мекунад. Ниҳоди мазкур мақоми ҳалкунанда дошта, вобаста ба шароит ва хусусиятҳои вазъияти макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ фаъолияти худро амалӣ мегардонад. Суръати агрегати М2 нисбат ба суръати нишондиҳандаи макроиқтисодӣ баландтар буда, тибқи таносуби ***MV=PQ*** дигаргуншавии нисбии суръати миёнаи солонаи ҳаҷми пул дар ҳудуди 5-10%, тағйирёбии афзоиши миёнаи нишондиҳандаи макроиқтисодӣ дар доираи 6-7% майл менамоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки зуҳуроти таваррум дар Тоҷикистон дар баробари омилҳои такристеҳсоли васеи кишвар, ҳамзамон, аз муносибатҳои байналмилалӣ низ вобастагӣ мегирад. Дар шароити ривоҷ

ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамзамон, қобили зикр аст, ки дигар хусусияти хоси таваррумӣ ин сохтори соҳавии кишвар мебошад. Бинобар ҳамин, таваррум дар кишвар ба талаботи замони муосир ба пуррагӣ ҷавобгӯ намебошад.

Қисми бештари соҳаҳои кишвар барои истеҳсоли ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр машғул мебошанд. Яъне, истеҳсоли молу маҳсулоти тайёр ҳиссаи камро дар бар мегирад. Раванди мазкур, асосан, ба шароит ва усулҳои анъанавӣ кор ва фаъолиятро ба роҳ монда, кӯшишҳои инноватсионӣ маҳдуд мебошанд.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки фишангҳои макроиқтисодӣ дар шароити муосир, бо вуҷуди аҳаммияти стратегӣ доштан, онҳо дар бобати пешгирии болоравии нархҳо ва ба эътидол даровардани муносибатҳои молию пулӣ дар иқтисодиёти миллӣ кифоя намебошанд.

Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ механизми дигари батанзимдарории раванди таваррум дар робита ба сатҳи микроиқтисодӣ амал мекунад. Фишанги мазкур барои бартараф кардани сабабҳои таваррум, аслан, дар доираи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ ба амал меояд. Чи тавре ки дар боло қайд карда будем, афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳо арзиши маҳсулоти истеҳсолшудае, ки ба бозор пешниҳод мешавад, баланд мегардад. Ҳамин ҳолат асоси фароҳам омадани ҳолати таваррумӣ мегардад. Дар маҷмуъ, қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста аз унсурҳои таъсиррасонӣ омили асосии пайдоиши таваррум нобаробарӣ ё номунтазамии дараҷаи такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ мебошад. Бинобар ҳамин, дар мавриди «таҳияи барномаҳои сиёсати иқтисодии давлат вазифаи асоситарин ин дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣва дар ҳамин замина беҳтаргардонии механизми микроиқтисодии таваррум баромад мекунад» [246, с.86]. Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, танзими микроиқтисодии идоракунии таваррум дар сатҳи субъектҳои микроиқтисодӣ ба тағйирёбии сохтори соҳавӣ, ҳаракати байнисоҳавии сармоя, чораҳои умумии таъсиррасонӣ ба

сиёсати нархгузорӣ, инчунин, таъмини устувории субъектҳои иқтисодӣ иборат мебошанд.

Тибқи ақидаи Р.К. Раҳимов, А. Абдуғаффоров, Ҳ. Умаров: «Дар иқтисодиёти миллӣ на ҷанбаҳои макроиктисодӣ, балки ҷанбаҳои микроиқтисодии идоракунии таваррум мавқеи афзалиятнок доранд» [213, с.34]. Бинобар ҳамин, аз дидгоҳи мо, масъалаи такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир барои таъмини идоракунии таваррум аҳаммияти махсусро дар сатҳи корхонаҳои хурди истеҳсолию хизматрасонӣ мегирад. Дар робита ба ҳамин, омили аз ҳама муҳимми таъсиррасон ҷиҳате ба шумор меравад, ки рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро аз ҳисоби фаъолгардонии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дастгирӣ намуда, бо такмили механизми молиявии таваррум дар асоси технологияҳои инноватсионӣ ба роҳ монем. Чунин механизм барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, дар ин замина сатҳи таваррум аз рӯйи шаклҳои гуногуни худ майли муътадилӣ пайдо мекунад ва аз ҳама муҳим дар ин ҳолат пастшавии сатҳи коҳишёбии истеҳсолоти ватанӣ ба амал омада, дар натиҷаи баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул барои таъмини зинадагии шоиста мусоидат менамояд.

Умуман, қайд кардан бамаврид аст, ки ба тариқи пешакӣ натиҷагирӣ аз оқибатҳои мубориза бо таваррум ғайриимкон аст. Дар ин самт, аз дидгоҳи мо, ҷиҳати аз ҳама муҳим ба эътибор гирифтани шароитҳои табиию иқлимӣ, ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои молиявии давлат ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, қайд кардан бамаврид аст, ки такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир ҳар чи бештар аз самаранок истифода бурдани воситаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ баромада, дар ҳамин замина таъмини устувории молиявии сатҳи макро ва микроиқтисодии ҷараёнгирии таваррумро таъмин мегардонад.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои сатҳии раванди таваррум ва идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки раванди мазкур дар рушди

иқтисодиёти мамлакат аз мувофиқгардонии тақозою арзаи пул ва дигар таносубҳои иқтисодӣ вобаста мебошад. Ин раванд ҳолатҳои дигаргуншавии нархҳоро инъикос менамояд.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки дар аксари мамлакатҳо пайдоиши таваррум ва ҷараёнгирии он дар низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мунтазам мавриди таҳлил ва қабули чорабиниҳои муфид қарор мегирад. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки дар ҳалли муфиди нишондиҳандаи таваррум муваффақ шаванд.

Тоҷикистон, ки дар давраи ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ қарор дорад, муносибатҳои молию пулӣ ҳар чи бештар аз истифодабарии имкониятҳои дохилӣ аҳаммият пайдо мекунад. Чунки бо зиёд шудани таносуби бозори дохилӣ аз ҳисоби молҳои хориҷӣ ҳолати талабот ба асъори хориҷӣ меафзояд. Ҳамзамон, маҳдуд будани воридшавии асъори хориҷӣ аз ҳисоби молу хизматрасониҳо ин дар ниҳояти кор сатҳи таваррумро метезонад ва ҳамаи ин тадбирҳои лозимаро тақозо менамояд.

Мувофиқ ба ҳадафҳои стратегии кишвар яке аз чорабинии муҳим ин «такмил додани низоми танзими пруденсиалӣ, такмилдиҳии назорати маҷмуӣ, гузариши ботадриҷ ба низоми ҳадафгирии таваррум мебошад» [14, с.65]. Аз ин ҷо пайгирӣ намудан ба омӯзиш ва таҳқиқи низоми идоракунии таъсири омилҳо ба таваррум яке аз вазифаҳои муҳим мебошад.

Дар натиҷаи болоравии сатҳи нархҳо беқурбшавии пул ба амал меояд. Яке аз омилҳое, ки боиси зиёд болоравии сатҳи нархҳо мегардад, ин афзудани хароҷотҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар ин замина ташаккул ёфтани зуҳуроти таваррумӣ бисёрпаҳлу мавқеъ гирифта, дар маҷмуъ, боиси паст гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ мегардад. Бинобар ҳамин, зарурати таҳлилиеро ба миён меорад, ки дараҷаи такрористеҳсол ба тариқи системавӣ аз ҳисоби ташаккул ёфтани даромадҳо, пасандоз ва истеъмол, талабот ва таклифот, муносибатҳои буҷетӣ, миқдори пули дармуомилотбуда ва қобилияти харидории аҳолӣ ба эътибор гирифта шавад. Ба таври умум, ҳамаи ин ҳолатҳо аз тариқи

афзоиши нархҳо майл пайдо мекунад. Ҳамин тавр, аз омӯзиши раванди истеҳсоли молу маҳсулот ва ташаккулёбии миқдори пул чунин бармеояд, ки таваррум дар ниҳояти кор ин паст гардидани қобилияти истеҳсолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Аз ин сабаб, аз дидгоҳи мо, арзёбӣ намудани чунин ҳолат аз ҳисоби мунтазам ба ҳисоб гирифтан ва истифода намудани нишондиҳандаи дараҷаи таваррум барои идоракунии раванди мазкур хеле муфид баромад мекунад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои дараҷавии таваррум шаклҳои он чунин мебошад (нигаред ба ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. – Шакл, моҳият ва дараҷаи таъсиррасонии таваррум ба иқтисодиёт**

| **Шаклҳои таваррум** | **Моҳияти шакли таваррум** | **Дараҷаи таъсиррасонӣ** |
|---|---|---|
| Таварруми муътадил | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол то 10% инъикос мекунад | Таъсири манфӣ нарасонида, баръакс боиси афзоиши арзаи молу хизматҳо мегардад |
| Таварруми ҷаҳанда | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол то 100% инъикос мекунад | Ба кам шудани маблағгузорӣ оварда мерасонад ва боиси васеъ шудани доираи иқтисоди сиёҳ мегардад. |
| Таварруми аз эътидол зиёд | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол беш аз 1000% ва дар як моҳ то 50% ифода мекунад | Дараҷаи баланди номувофиқгардонии тақозою арзаи пул ва дигар таносубҳои иқтисодӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чи тавре ки аз пайдарпайии ҷадвал бармеояд, дараҷаи ташаккулёбӣ ва таъсиррасонии таваррум тафриқавӣ буда, ин раванд аз сатҳи дигаргуншавии нархҳо вобаста мебошад. Ин ҷо зарурате дар пеш меистад, ки бо мақсади такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир таъсиррасонии микро ва макроиқтисодии дараҷаи тағйирёбии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳоро дар ташаккулёбии нарх ва ҳавасмандгардонии ташкилию иқтисодӣ ва фарҳангии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ барои таъмини низоми идоракунии таваррум истифода барем. Ин масъала бевосита ба сохтори таваррум алоқаманд

мебошад. «Алоқамандии мазкур бевосита дар натиҷаи ба эътибор гирифтани таварруми талабот ва таклифот афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ҳамзамон, дигаргуншавии таносуби байнисоҳавӣ ҳамчун объекти идоракунӣ баромад мекунад» [243, с.274]. Шароит ва омили дигаре, ки сабаби ба амал омадани таваррум мегардад, ин интишори пул ба ҳисоб меравад. Дар доираи фаъолияти эмиссионии давлат ташаккул додани маблағгузорӣ, пӯшонидани қарзи дохилӣ ва таъмини устувории буҷетро дар бар мегирад, ки ин дар ниҳояти кор ба майлгирии таваррум сабаб мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки байни даромадҳои аҳолӣ, нархҳо ва ташаккул ёфтани таваррум алоқамандӣ ҷой дорад. Аслан, бо баланд гардидани музди кор дараҷаи нархҳо мувофиқан тағйир меёбанд. Ҳамин тавр, чунин пайдарпайӣ бо иштироки субъектҳои бозорӣ ва фазои рақобат раванди тавaррумиро афзоиш медиҳад, аз ҷумла, дар мавриди муқаррар намудани нархҳои монополии бозорӣ. Дар чунин ҳолат низоми идоракунии таваррум ва арзёбӣ намудани таъсири он дар кишвар аз танзими рақобати шаффоф ва ба эътидол овардани болоравии нархҳо вобаста мебошад. Яъне, ки рақобати солим дар шароити муҳимми пешгирии ҷараёни тавaррумӣ баромад мекунад. «Дар ин раванд таҳқиқи ҷараёнгирии таваррум, моҳият ва мундариҷаи илмии он ба мазмун ва мундариҷаи заминавии ақидаи олими амрикоӣ А.Делмар алоқаманд мебошад» [61, с. 22].

Маълум аст, ки дар шароити имрӯза дар гардиши нишондиҳандаҳои муомилотии байни кишварҳо майли ҳаҷми воридот бештар аст. Яъне, молҳое, ки ба мамлакат барои муомилаи озод оварда мешаванд. «Дар соли 2021 гардиши савдои хориҷӣ ҳамагӣ 6359,1 млн. долларро ташкил дода бошад, воридот 4209,5 млн. долларро ташкил медиҳад, ки ин 66,2% мебошад» [22, с.310].

Бо дарназардошти афзудани дараҷаи нархҳо аз мамлакатҳои воридоткунанда сатҳи нархҳо дар кишвар афзуда, шароити афзудани

ҷараёнҳои таваррумиро мегирад. Чунин ҳолат ба сатҳи иқтисодиёт ва зиндагӣ таъсир мерасонад.

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали боло бармеояд, шакл ва характери таъсиррасонии таваррум дар дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ гуногун ба амал меояд. Таҳлили алоқамандиҳои сабаб ва натиҷавии таваррум собит намудааст, ки зиёд шудани миқдори пул дар муомилот ва баландшавии нархҳо ба 10% дар давоми як сол боиси зиёд шудани ҳаҷми маблағгузорӣ ва маҷмуи талабот мегардад. Тибқи таҷриба нишондиҳандаи мазкур ҳолати муқаррарии иқтисодиётро муайян намуда, дар ин замина баланд ва пастравии иқтисодиётро ба ҳамин восита баҳо додан мумкин мегардад.

Ҳамзамон, бо афзоиши сатҳи таваррум дараҷаи истеъмолот ва пасандози шахсони воқеӣ низ майли камшавиро мегирад. Дар мавриде, ки соҳибкорӣ муҳаррики иқтисод мебошад, ин раванд аз ҳисоби ҷараёнҳои таваррумӣ мақомашро тағйир медиҳад. Дараҷаи фаъолияти соҳибкорӣ заиф гардида, суръати беруншавии иқтидори сармоявиро метезонад ва боиси ҳаракати сармоя берун аз марзу буми кишвар мегардад. Таъсири таваррум дар доираи муносибатҳои хизматрасониҳои молиявӣ ба он оварда мерасонад, ки, масалан, арзиши маблағҳои қарздодашуда ва пасандозҳоро паст мегардонад. Дар ин раванд қарздиҳандагон ва пасандозкунандагон иқтидори даромадҳои худро коста мегардонанд. Дар робита ба буҷет бошад, таваррум ба беқурб шудани маблағҳои андоз боис мегардад. Маблағҳои буҷет дар чунин ҳолат иқтидори молиявии худашонро дар роҳи ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ гум мекунанд. Ҳамаи ин дар ниҳоят низоми молиявиро дар муқовимат бо бuҳронҳо заиф гардонида, дар ин замина камшавии маблағҳои молиявӣ ва иқтидори харидории онҳо сабаби болоравии нархҳо ва беқурбшавии пул мегардад.

Ҳамин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, барои ҳалли муаммоҳои таваррумӣ коршиносон ва муҳаққиқони бахши иқтисод ва молия ақидаҳои гуногунро коркард ва пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, олими ангис Олбана

Филлипс маълумотҳои омории иқтисодиро дар замони худ мавриди таҳлил қарор дода, алоқамандии байни дараҷаи бекорӣ ва музди корро муайян намудааст. Мувофиқи тадқиқоти ӯ, ҳангоме ки тақозо дар бозори меҳнат ба қувваи корӣ меафзояд, дараҷаи бекорӣ кам мешавад. Дар шакли графикӣ чунин маълум мегардад, ки байни таваррум ва сатҳи бекорӣ алоқамандии баръакс ҷой дорад. Дар амалия собит гардидааст, ки бо паст гардидани нишондиҳандаи таваррум механизми ташаккулёбии бозори меҳнат тағйир меёбад. Аз ҷумла, аз ҳисоби камшавии таваррум дараҷаи бекорӣ зиёд шуда, дар натиҷаи паст шудани дараҷаи бекорӣ сатҳи таваррум меафзояд.

Дар робита ба чунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳисоби таваррум мақоми махсусро сиёсати давлатии зиддитаваррумӣ мегирад. Имрӯзҳо дар ин самт ду шакли сиёсати давлатӣ: сиёсати экспансионӣ ва сиёсати боздоранда мавриди истифода қарор мегирад. Дар доираи сиёсати экспансионӣ кӯшиши давлат барои зиёд кардани маҷмуи тақозо равона карда мешавад. Чунки ин ҳамчун фишанги интихоби роҳҳои пасткунии меъёри андозҳо ва зиёд кардани хароҷотҳои давлатӣ ба шумор меравад. Дар мавриди пеш гирифтани сиёсати боздоранда бошад, ин фароҳам овардани майли қобилияти харидории аҳолӣ бо роҳи афзун гардонидани меъёри андозҳо ва кам кардани хароҷотҳои давлатӣ ҳисобида мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар назария ва амалияи иқтисодӣ омӯзиши қонуниятҳои ташаккулёбии зуҳуроти таваррумӣ мақоми хоса мегирад. Дар ин самт равияи кейнсионӣ ва монетаристӣ маъмул мебошанд.

Дар равияи кейнсионии омӯзиши дигаргуншавии таваррум афзоиш додани маҷмуи арза тавассути маҷмуи тақозо, алалхусус, тақозо ба маблағгузорӣ баромад мекунад. Равияи монетаристӣ тибқи ақидаҳои Милтон Фридман аз афзоиш додани маҷмуи арза бо роҳи кам кардани хароҷотҳои давлатӣ, баланд бардоштани меъёри қарз ва кам кардани меъёри андоз пешниҳод гардида, инҳо воситаи муҳимми зидди зуҳуротҳои таваррумӣ ҳисобида мешаванд.

Сиёсати ҷубронкунии даромад низ дар ин раванд мақоми таъсирбахш дорад. Бо роҳи афзун гардонидани музди кор, идрорпулиҳо, нафақапулӣ ва дигар сарчашмаҳои даромад зуҳуроти таваррумӣ нисбатан майли пастшавӣ мегирад. Вобаста ба ҳамин, танзими нархи молҳои сабади истеъмолӣ, кам кардани миқдори пули нақд дар муомилот бо роҳи фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

«Қайд кардан зарур аст, ки бинобар сабаби кам шудани истеҳсолоти саноатӣ ва аз кор боз мондани қисме аз корхонаҳои саноатӣ дар бозори дохилӣ то ҳол иқтидори истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ нокифоя буда, вазни қиёсии молҳои аз хориҷ воридшаванда зиёд мебошад»[148, с.6-9]. Чунин ҳолат талаботро ба асъори хориҷӣ афзун мегардонад. Сарчашмаи воридшавии асъори хориҷӣ дар дохили кишвар, асосан, аз фурӯши пахта ва алюминий мебошад. Ҳамин аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба афзун гардонидани майдони кишти пахта имконияти дар оянда зиёд шудани даромади асъорро ба амал меорад. Бо мақсади нигаҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ ҳамеша чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Яке аз ҳамин гуна чорабинии зиддитаваррумӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияти мунтазами бозори асъории байнибонкӣ ба роҳ монда шуд. Баъд аз ба муомилот баровардани пули миллӣ муҳити мустақилонаи ҳисоб карда баромадани сатҳи таваррум оғоз гирифта, дар ин замина сабабҳои асосии баландравии сатҳи таваррум ва роҳҳои пешгирии болоравии нархҳо мунтазам ҳамчун рукни батанзимдароварии муносибатҳои молию пулӣ авҷ гирифт:

- афзоиши хароҷоти давлат барои барқарор намудани зарари дар натиҷаи ҷанги дохилӣ;

- бекор мондани корхонаҳои истеҳсолкунанда ва кам шудани моли истеҳсоли ватанӣ;

- афзоиши қарзи давлатӣ бо мақсади пӯшонидани касри буҷет.

Ҳамаи ин дар ниҳояти кор боиси ба муомилот баровардани пули нақд ва афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот мегардад. Тавре ки қайд гардид, таваррми пул ба дараҷаи нархҳо алоқамандии бевосита дошта, дар ҳамин

замина сабаб ва натиҷаи ҷараёнгирии таваррум арзёбӣ карда мешавад. Тибқи ақидаи олимон, «Таваррум ин болоравии сатҳи умумии нархҳо мебошад» [87, с.163]. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки таваррум хеле баҳснок дар байни олимони иқтисодшинос қабул гардидааст. Ҳаминро қайд карданием, ки таъсири нарх майли тафриқавӣ дорад, яъне, нарх дар ҷараёни таваррум ба ҳамаи молҳо як хел тағйир намеёбад. Баъзе аз молҳо бо дараҷаи нархи баланд, дигаре бетағйир майл мегирад. Аз раванди муносибатҳои молию пулӣ бармеояд, ки зиёд шудани пул дар муомилот бештар ба баландшавии молҳои истеъмолии мавриди ниёзи аввал боис мегардад. Бо баландшавии нархҳо, асосан, ҳолат ва сатҳи даромади истеъмолкунандагон тағйир меёбад. Алалхусус, дар давраҳои охир баландшавии сатҳи таваррум эҳсос карда мешавад ва чунин тамоил метавонад ба дараҷаи ташаккулёбии даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир расонад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии зуҳуроти таваррумӣ ин, асосан, ба ҳолат ва вазъияти бахши воқеии иқтисодиёт алоқаманд мебошад. Хусусан, дар сатҳи зарурӣ авҷ нагирифтани ҳаҷми истеҳсолот, афзудани хароҷотҳои истеҳсолӣ, баландшавии сунъии нархҳо, алалхусус, болоравии нархи молҳои аз берун воридшаванда. Дар ин замина таваррум ҳамчун системаи назорат ва бонизом баррасишаванда фаҳмида гирифта мешавад, ки дар таъмини рушди иқтисоди ҷумҳурӣ тибқи талаботҳои иқтисодии амалкунанда мақоми низоми идоракунии таваррумро нишон медиҳад.

Пеш аз ҳама, таваррум аз мавқеи мактаби иқтисодшиносони классикӣ мебошад, ки ин аз нуқтаи назари иқтисоди бозоргонӣ дар шакли низоми худтанзимкунанда баромад мекунад. Бо ташхис ва мушоҳидаронии олимон ва коршиносон асоснок карда шудааст, ки шуғли пурра ва ҳолати муътадили бозор хеле баҳснок мебошад. Бинобар ҳамин, ба ақидаи мо, шакли беҳтарини сиёсати афзалиятнок ин шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Яъне, фароҳам овардани

воситаҳои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир асоси муътадилгардонии вазъи нархҳо ва фишанги хеле таъсирбахши идоракунии раванди таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Таваррум ҳамчун натиҷаи зиёд шудани миқдори пули дар доираи муомилотбуда шарҳ меёбад. Чунин мавқеъ аз он бармеояд, ки бо коҳиш додани миқдори пул дар муомилот, мустаҳкамии қобилияти харидории пул имконият пайдо мекунад. Заминаи классикии шарҳи вазъи номуътадилӣ аз ҳисоби ҳолатҳои фавқулода баромада, ҷараёни таваррумӣ берун аз алоқамандӣ ба омилҳои истеҳсолӣ шарҳ меёфт.

Ҳамзамон, ҷонибдорони назарияи неоклассикӣ фарзияи худро дар сатмти ташаккулёбии таваррум ҳамчун натиҷа аз алоқамандии муносибатҳои молию пулӣ пешниҳод менамоянд. Чунин мавқеъ дар робита ба муодилаи И. Фишер «MV = PQ ифода ёфтааст» [70, с.78]. Худтанзимкунонӣ ва дар доираи шуғи пурра дигаргуншавиаш аз ҳисоби таъсири ҳаҷми умумии муомилоти молу маҳсулот ва суръати гардиши пул доимӣ баромад мекунад.

Мувофиқ ба назарияи таварруми Кейнсионии «талаботи самарабахш» сабабҳои асосии таваррум ин шароити нопурра ва ғайрисамаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки мақоми низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисоди мамлакат аз ташаккулёбӣ ва сафарбаркунии элементҳои таркибии талаботи самаранок вобаста мебошад.

Низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисоди мамлакат аз ҳисоби ҳамоҳангӣ бо Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси чорабиниҳо вобастагӣ дорад. Дар ин асос танзими таваррум бо роҳи идоракунии ҳаҷми пул ва талабот дар ин самт имконияти зиёди камшавии дараҷаи нархҳои истеъмолӣ ва таъмини устувории қобилияти харидории пул мебошад. Бо амалӣ гардонидани сиёсати фаъоли зиддитаваррумӣ дар муддати кӯтоҳ таваррум коҳиш меёбад. Бо афзудани хароҷотҳои давлатӣ дар самти рушди бахши воқеъии иқтисодиёт

имкониятҳое ба амал меоянд, ки пули миллӣ бо мол ва хизматрасонии дохилӣ ҳамоҳанг мегардад. Ҳамзамон, дастгирӣ аз ҳисоби меъёри андозҳо, камгардонии монеъаҳои маъмурӣ, васеъгардонии инфрасохтори соҳибкорӣ, васеъ намудани дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ вусъати нав пайдо менамояд.

Бо ин қайд карданием, ки дар низоми ташаккулёбии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ сафарбар намудани пули иловагӣ то ба шуғлнокии пурра расидани иқтисодиёти миллӣ самаранок ҳисобида мешавад. Ба назари мо, маҳз ҳамин ҷиҳат зарурати рушди иқтисоди миллиро тақозо намуда, такмили механизми молиявии идоракунии таваррумро дар шароити муосир ба миён меорад. Яъне, асоси механизми идоракунии таваррумӣ ин ҳолатҳои ҳамбастагии байни захираҳои иқтисодӣ ва қобилияти истифодабарӣ, сафарбаркунии иқтидори захиравӣ мебошад.

Аз нигоҳи идоракунии таваррумӣ назарияҳои ҳалкунанда хусусиятҳои хосро дар бар мегиранд. Масалан, дар мавриди назарияи таварруми интизоршаванда, ҳангоме ки таваррум бо суръати баланд меафзояд, субъектҳои хоҷагидор, алалхусус, соҳибкорон назоратро аз рӯйи дороиҳои худ пурзӯр менамоянд, ки боиси дигаргуншавии нархҳо ва афзудани таваррум мегардад. Дар мавриди тағйир наёфтани таваррум назарияи таварруми хароҷот бо афзудани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба амал омада, зарурати муфидгардонии идоракуниро бештар мегардонад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳолатҳои идорашавандагии таваррумӣ хело зарур буда, ташаккули низоми самаранок дар ин самт воситаи рушди кишвар дар мавриди дигаргуншавии раванди таваррумӣ баромад мекунад. Дар ин раванд нишондиҳандаҳои ташаккулёбии институтсионалӣ, аз қабили «таҳияи самараноки сиёсати пулию қарзии давлат, созишномаҳои меҳнатии байни корфармоён ва кормандон, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мусоидаткунандаи таъсисёбии механизми молиявии идоракунии самаранокии раванди таваррум мебошанд» [246, с.110]. Дар ин замина ба эътибор гирифтани ҳолатҳои тезтағйирёбандаи иқтисодию

молиявӣ ва ғайра аз ҳисоби назарияҳои мухталифи амалкунанда хело зарур мебошад.

Яъне, коркарди чорабиниҳо оид ба самти пешгирии таваррум дар доираи ин ё он назария зарурати ба эътибор гирифтани шароитҳои мушаххаси иқтисодиёти мамлакатро дорад. Объекти идоракунӣ дар раванди таваррумӣ зарурати ба эътибор гирифтани характери умумиро мегирад. Дар ин самт барои беҳтаргардонии механизми идоракунии таваррумӣ ба назари мо, ба эътибор гирифтани «иқтидори таваррумӣ» хело муҳим мебошад. Дар ин замина ташаккули молу хизматҳо бо нархи даврагии базавӣ вазифаи идоравӣ пайдо карда, идоракунӣ, асосан, дар самти муфид қарор мегирад.

## Хулосаи зербоб

Ҳамин тавр, механизмҳои молиявӣ ва хусусиятҳои идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати пешниҳод гардонидани низоми идоракунии таваррумро дар рушди иқтисоди миллӣ дар бар мегирад. Кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки чорабиниҳои таваррумиро ҳамчун объекти идоракунӣ фарогир бошем. Яъне, низоми чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар раванди рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ бояд мавриди рушд ва таъмини устуворӣ қабул карда шавад. Чунин мавқеи пажӯҳишӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки фишангҳои мувофиқгардонии тақозою арзаи пул баробари сатҳи умумӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифта, таносубҳои иқтисодиро бештар аз ҳисоби тақвияти идоракунӣ таъмин гардонем. Алалхусус, дар самти гардиши нишондиҳандаҳои муомилотии дохили давлат, ки имкониятҳои захираҳои табиӣ бо майли ҳаҷми содиротӣ нисбатан бештар аст.

Бо васеъ ба роҳ мондани коркарди захираҳо аз ҳисоби корхонаҳои хурди характери саноатидошта заминаи хуби таносуби рушди иқтисодӣ ва арзёбии оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи ҷараёнгирии таваррумӣ

ва омили таъмини рушд баромад мекунад. Мақоми низоми идоракунӣ дар оянда бо истифода аз фишангҳои таҳлилии алоқамандии чунин категорияҳо, ба монанди таваррум, нарх, музди меҳнат, усулҳои баҳодиҳии таваррумӣ имкониятҳои идоракуние мебошанд, ки барои татбиқи ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии таваррумӣ дар заминаи хусусиятҳои иқтисодии кишвар ба асоснокии илмию назариявӣ мусоидат мекунад.

Раванди омӯзиш имконият дод, ки шакл, моҳият ва дараҷаи таъсиррасонии таваррумро ба иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода, зарурати заминаҳои тағйирёбии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳоро дар алоқамандӣ бо ташаккул ёфтани нарх дар ҳамбастагӣ бо танзим ва ҳавасмандгардонии ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии тамоми субъектҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ барои сабукгардонии ҳолатҳои таваррумӣ қарор гирифтани он шарҳ диҳем. Дар заминаи ҳолатҳои номбаргардида мақоми ташаккул ёфтани идоракунии таваррум дар рушди иқтисодии мамлакат бо зарурати дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои зиёди қарорҳои идоравӣ ва ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ дар асоси баҳодиҳии дараҷа ва динамикаи таваррумӣ пешниҳод карда шуд. Низоми идоракунии таваррум тақвияти идоракунии иқтисодиёти мамлакатро тақозо дорад. Собит намудем, ки бе дарназардошти алоқамандии таваррум, нарх, музди меҳнат баҳодиҳии таваррум ғайриимкон мебошад. Хусусиятҳои иқтисодӣ, хароҷотҳои истеҳсолӣ, маърифати молиявии субъектҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, баҳодиҳии дараҷа ва динамикаи таваррумӣ аз қабили он чорабиниҳое мебошанд, ки механизми молиявии идоракунии таваррум воқеият пайдо мекунад. Дар ин раванд истифода бурдан аз фишанг ва воситаҳои ченкунӣ ва арзёбинамоӣ барои такмили механизми идоракунӣ воситаи муҳим ба ҳисоб меравад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Вобаста ба зарурати вусъат ёфтани раванди индустриявию аграрӣ ҳамоҳангсозии соҳаи кишоварзӣ ва саноат барои ташаккулёбӣ ва фаъолгардонии механизми идоракунии таваррум таъсирбахш баромад мекунад.

Васеъ ба роҳ мондани тадқиқотҳои сотсиологӣ, усулҳои оморию эконометрикӣ бо истифода аз технологияи нав роҳҳое ба шумор меравад, ки ҳамаи он барои эътимоднокии маълумотҳо ва таъмини танзими давлатии равандҳои таваррум муайянкунада баромад мекунанд.

Муфид гардонидани механизмҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба эътибор гирифтани сохтори таваррумӣ манфиатнок мебошад. Маҳз сохтори ҷараёнгирии таваррум асоси ташаккулёбии механизми идоракунии равандҳои таваррумиро таъмин намуда, аз нигоҳи такмили механизми молиявии он аҳаммияти илмию амалӣ мегирад.

Дар маҷмуъ, қайд менамоем, ки такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир имконияти бештари муътадилгардонии таваррумиро дар бар мегирад. Ба он маъно, ки мавқеи мо дар бобати такмили механизми молиявӣ аз фароҳам овардани шароитҳои инфрасохтории молу маҳсулоти ватанӣ иборат аст. Чунки маҳз ҳамин ҷиҳат асоси устуворгардонии қурби асъорӣ миллӣ мебошад. Ҳамзамон, дар робита ба истифодаи имкониятҳои технологияи замони муосир имконияти истифодаи маълумот барои таҳлил ва хулосабарорӣ намудан ба амал меояд. Дар ин замина аз ҳолат ва вазъияти идоракунии раванди таваррум заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ барои натиҷаҳои боз ҳам муфидтар мусоидат менамояд.

Аз ин ҷо самараи дастрасии маълумот барои гирифтани ахборот барои ченкунии раванди таваррум, баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии он заминаи арзёбии стратегии он мебошад. Ташаккули маълумот дар ин ҷода бояд муфид ва самаранок бошад.

Истифодабарӣ аз фишангҳои асосии танзими макроиқтисодии идоракунии таваррум ва пайдарпайии онҳо баланд бардоштани мақоми низоми идоракунии таваррумро дар рушди иқтисоди мамлакат ифода мекунад. Дар ин замина истифодаи васеи усулҳои баҳодиҳии таваррум муфид мебошад. Бо фароҳам овардани шароитҳои татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он дар заминаи алоқамандии сиёсати монетарӣ ва сиёсати фискалӣ идоракунии таваррумӣ хусусияти устувор пайдо мекунад.

Баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии тамоми субъектҳои иқтисодию молиявӣ дар доираи фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо мақсади фаъолгардонии меҳнати самаранок нигаронида мешавад. Ҷалби сармояи дохилӣ ва ҳориҷӣ ва мавқеъгирии онҳо дар фазои рақобатнокӣ ба амал омада, дар ин замина иқтидори содиротии мамлакат бо мақсади арзёбии таъсири таваррум ва муфидгардонии пешгирикунии зуҳуротҳои таваррумӣ фароҳам оварда мешавад.

# БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАВАРРУМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Роҳҳои пешгирӣ ва паст намудани таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ

Новобаста аз шакли идоракунӣ, таваррум ҳамчун зуҳуроти молию пулӣ дар низоми такрористеҳсолӣ ба амал меояд. Таваррум аз рӯйи шакли пинҳонии худ ҳаҷми талаботи қонеънашудаи пулиро ба амал меорад. Шакли мазкури таваррум «аз ҳисоби таъмин набудани молу маҳсулот ва хизматрасонӣ ба амал меояд. Яъне, маблағҳои пулии дар доираи иқтисодиёт ташаккулёфта тавре зоҳир мешаванд, ки онҳо берун аз талаботи иқтисодиёт вобастагӣ гирифтаанд» [246, с.52].

Роҳҳои мубориза бо таваррум яке аз чорабиниҳои муҳим ҳисобида шуда, дар амалия барои танзими муомилоти пул зиёд кардани меъёри ҳисоби Бонки миллӣ, афзун гардонидани меъёри захираи бонкҳо, фурӯши вомбаргҳои давлатӣ ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд.

Тибқи назарияҳои амалкунанда ва қонунҳои илми иқтисодӣ, аслан, ду роҳи мубориза бо таваррум мавҷуд ҳаст, ки ин ҳам бошад, бо роҳи кам кардани талабот ё зиёд кардани пешниҳодот. Аслиҳаи асосӣ дар ин мубориза сатҳи меъёри асосии Бонки миллӣ ҳамчун танзимгари муомилоти пулии кишвар ҳисобида меравад. Болоравии нархҳо ва беқурбшавии пул дар шароити иқтисодиёти бозорӣ маҳаки асосии зуҳуроти таваррумӣ мебошад. Шаклҳои таваррум (таварруми кушод ва таварруми пинҳонӣ) дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаҳои кушоду равшан мавриди идоракунӣ қарор гирифтаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити кишвари мо таваррум дар шакли талаботи қонеънашудаи аҳолӣ зоҳир намешавад. Раванди мазкур аз тариқи татбиқи самтҳое ба амал омад, ки «талаботи аҳолиро дар бозори дохилӣ бо роҳи нигоҳ доштани сатҳи пасти музди меҳнат ва дигар даромадҳо маҳдуд кард» [246, с.83].

Ҳамин тавр, таварруми пинҳониро аз нигоҳи такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум ҳамчун платформаи иттилоотии ҳаҷми пул ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Ба воситаи механизми мазкур роҳу имконияте ба амал омад, ки онҳо «талаботи қонеънашуда ба маҳсулот ва хизматрасониро инъикос намуданд. Ҳамзамон, таварруми кушод бошад, ҷиҳатеро ифода мекунад»[246, с.75], ки аз рӯйи он иқтидори талаботи пардохтпазирро кам мегардонад ва дар ин замина иқтидори дар даромади пулӣ ва пасандозҳо ҷойдоштаро сарф менамояд.

Дар шароити тағйирёбии низоми идоракунии иқтисодиёт ҳолатҳое ба амал омаданд, ки онҳо аз ҳисоби қатъшавии робитаҳои иқтисодӣ ба вуқуъ пайвастанд. Сабаб аз он буд, ки самтҳои макроиқтисодии ислоҳоти низоми қарзӣ, инчунин, сиёсати пулию қарзӣ дар ташаккулёбии низоми пулӣ робитаи зичро дар бар намегирифт. Маҳз ҳамин сабаб бесуботии низоми пулӣ, пастшавии иқтидори истеҳсолӣ, вайрон гаштани муносибатҳои молию пулиро ба амал овард. Ҳамзамон, раванди мазкур бо хусусиятҳои нав майл пайдо кард, аз ҷумла, фарқи байни пули нақд ва пули ғайринақдиро ба миён овард.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мубориза барои кам гардонидани таваррум хислати комплексӣ дорад. Бинобар ҳамин, мураттабсозии чорабиниҳо барои бартараф намудани таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ва фаъолияти тамоми соҳаҳо вобаста мебошад. Яъне, бартарафкунии таваррум дар алоқамандии зич бо содирот, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва тақвият додани инфрасохторҳои мувофиқ алоқаманд аст.

Назария ва амалияи бартарафкунии таваррум нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои аз ҷиҳати бозорӣ тараққикарда чорабиниҳои зиддитаваррумӣ нисбатан муваффақтар мебошанд ва, баръакс, дар он кишварҳое, ки низоми бозорӣ бо пуррагӣ ташаккул наёфтааст, дар онҳо натиҷагирӣ аз чорабиниҳои зиддитаваррумӣ на он қадар таъсирбахш ба амал меоянд.

Зиёда аз ин, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар сабаби афзалияти бахши ашёи хом дар содирот ва пеш гирифтани сиёсати пулию қарзӣ, иқтисодиёти миллиро, дар маҷмуъ, аз равандҳои бозори беруна вобаста мегардонад.

«Чорабиниҳои зиддитаваррумӣ дар кишвар ҳамчун як қисми таркибии сиёсати молиявии давлат баромад карда, дар заминаи тағйири босуръати сиёсати қарздиҳӣ, иваз кардани қарзҳои давлатӣ ба қарзҳои корпоративӣ, инчунин, дастгирии давлатӣ дар мавриди ба амал омадани пешпардохти қарзи давлатӣ хеле таъсирбахш баромад намуданд» [216, с.27].

Лекин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар мавриди ба эътибор гирифтани сатҳи пасти захираҳо дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ташаббускорӣ кам гардида, набудани навовариҳо ба кам гардидани самаранокии меҳнат боис мегардад. Бинобар ҳамин, асоси сиёсати зиддитаваррумии давлат аз сафарбар намудани ҳамин гуна чорабиниҳое мебошад, ки мунтазамии байни неъматҳои моддӣ ва захираҳои пулии заминавӣ таъмин карда шавад.

«Аз дидгоҳи мо, сиёсати буҷавӣ дар мавриди таъмини хизматрасонии қарзи беруна ва таъмини сармоягузорони дохила ва беруна шароитеро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки хизматрасонии қарзи дохилӣ барои афзун гардонидани талаботи сармоягузорӣ ба рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шавад» [216, с.27].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки устувории сиёсати зиддитаваррумии кишвар аз фаъолияти субъектҳои иқтисодии истеҳсолӣ ва хизматрасонии дохилӣ алоқамандии зич дорад. Лозим аст, ки мақоми ташаккул додани пасандозҳои аҳолӣ баланд бардошта шавад. Омили мазкур асоси сармоягузорӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар буда, бинобар ҳамин, пасандозҳои аҳолӣ бояд, ки дар доираи сиёсати буҷетӣ ва пулию қарзӣ ҳамчун як қисми фаъоли сиёсати иқтисодии кишвар баромад кунад.

Пасандозҳои аҳолӣ дар ҳамон маврид ҳамчун асоси устувории сиёсати зиддитаваррумӣ мегардад, ки агар миқёси коркарди ашёи хоми ватанӣ бештар гардида, бо ҷалби захираҳои озоди меҳнатӣ дар заминаи соҳибкории хурд ва дастгрии давлатии он мавқеи устувор дошта бошад. Дар ин замина ҳаҷми молу хизматрасониҳо афзун гардида, таъсири талаботро ба нарх муфид мегардонад. Ба он маъно, ки вобастагии иқтисоди миллӣ аз бозори берунӣ кам мегардад.

Тибқи маълумотҳои омори расмӣ бештар аз 73%-и аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат дошта, дар робита ба захираҳои табиӣ, захираҳои меҳнатӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд. Дар доираи сиёсати зиддитаваррумӣ сафарбар намудани омили мазкур яке аз воситаҳои муҳимтарини ба эътидол даровардани нархҳо ва пешгирии равандҳои таваррумӣ мебошад. Маълум намудем, ки афзудани пули нақд таъсири комплексӣ дорад. Аз ҷумла, қобилияти мақомоти давлатиро дар самти ба эътидол даровардани миқдори пулу мол ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ заиф гардонида, ҳолатҳои ғайрирасмии иқтисодиётро ба амал меорад. Дар ин замина имкониятҳои қарзии бонкҳо бо мақсади сармоягузориҳо маҳдуд гардонида мешавад. Ҳамаи ин, дар маҷмуъ, ба ҷараёни такрористеҳсол мувофиқан таъсир расонида, устувории чорабиниҳои зиддитаваррумиро аз байн мебарад.

Бинобар ҳамин, қабули чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат барои тақвият додани иқтидори иқтисодӣ бо роҳи ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ барои пешгирии ҳолатҳои таваррумӣ хеле таъсирбахш баромад менамояд. Ба андешаи мо, дар ин самт фароҳам овардани рақобатпазирӣ дар байни шаклҳои нави хоҷагидорӣ барои ташаккул додан ва ва сафарбар намудани даромадҳои шаҳрвандон хеле таъсирбахш мебошад. Яъне, дар оянда зарурате дар пеш меистад, ки пасандозҳои аҳолӣ ба захираҳои сармоягузорӣ табдил дода шавад ва ҳамаи ин заминаи моддии таъмини танзими ҳаҷми пули нақд ва молу хизматрасониҳо ба шумор меравand.

Маҳз ҳамин ҷиҳат, ба фикри мо, бояд дар доираи масъулияти Бонки миллии Тоҷикистон ва сиёсати буҷетӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда баромад намояд.

Яъне, фароҳам овардани шароити мусоид дар бобати кам кардани болоравии нархҳо ин ҷамъи бештари пасандозҳо ва амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, саривақтӣ ва ба пуррагӣ фаъол намудани онҳоро асоси самаранокии сиёсати зиддитаваррумӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар робита ба суръат гирифтани ҷаҳонишавӣ Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки самтҳои зеринро ба эътибор гирад:

1.Беҳтар кардани вазъи низоми қарзии мамлакат.

2.Афзун гардонидани фаъолнокии сармоягузорӣ.

3.Осон намудани раванди хизматрасонии бонкӣ дар самти додани қарзҳо.

Самтҳои мазкур дар алоқамандии зич бо масъулияти баланди мақомоти молиявӣ муҳити сармоягузориро ба амал оварда, он ба эҳтиёҷоти субъектҳои иқтисодии кишвар барои сармоягузорӣ ва васеъ намудани инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонӣ равона карда мешавад.

Дар шароити муосири иқтисоди миллӣ усулҳои мубориза барои пешгирӣ ва камгардонии таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми рушди дохилӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. «Дар ҳар як мамлакат бо дарназардошти хусусият ва намудҳои он сиёсати зиддитаваррумӣ роҳандозӣ карда шуда, яке аз самтҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои муътадил гардонидани иқтисодиёт ба муқобили таваррум таҳия намудани барномаи махсуси зиддитаваррумӣ мавқеи таъсирбахш доранд. Ҳукумат барои мубориза бо таваррум барномаи зиддитаваррумиро таҳия мекунад, ки он ба таҳлили маҷмуи сабабҳо ва омилҳое, ки таваррумро муайян мекунад, тадбирҳои сиёсати иқтисодии ба ҳадди асоснок паст кардани дараҷаи таваррум қабул мекунад.

Бояд қайд намуд, ки баландшавии дараҷаи таваррум бо сабабҳои гуногун рӯй медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, вобаста ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар воситаҳо ва усулҳои сиёсати зиддитаваррумӣ интихоб карда мешаванд. Зери мафҳуми мубориза бар зидди таваррум мафҳуми маҳдуд кардани он, муътадил нигоҳ доштани нарххо ва ё ба раванди идорашаванда табдил додани он фаҳмида мешавад, на ин ки ба пуррагӣ аз байн бурдани он. Дар ин замина, андешаи олимони ватаниро мисол овардан бомаврид аст: Таваррумро пурра нест кардан ғайриимкон аст, зеро асоси мавҷудияти он хислати сиклии инкишофи иқтисоди бозорӣ мебошад. Барои ҳамин, таваррум ва бекорӣ ҳамрадифони доимии хоҷагидории бозорӣ буда, сиёсати давлатии нигоҳдории шуғли пурра ва муътадилии нархҳо мақсади асосии танзими макроиқтисодӣ мебошад» [93, с.72].

«Таваррум ин афзудани сатҳи нархҳо дар доираи муносибатҳои бозорӣ буда, аз мавқеи пайдоиш онро ба гурӯҳи дохилӣ ва берунӣ ҷудо менамоянд. Гурӯҳи дохилӣ аз ҷиҳатҳои монетарӣ ва ғайримонетарӣ иборатанд. Мақсади асосии чораандешӣ оид ба назорати таваррум кам кардани хароҷоти умумии пули нақд мебошад, ки тавассути нишондиҳандаҳои монетарӣ ва ҳам ғайримонетарӣ ба даст овардан мумкин аст.

Мубориза бо таваррум дар сатҳи макроиқтисодӣ ва қувваҳои давлат имконпазир буда, тадбирҳои зиддитаваррумиро нисбат ба таварруми кушод амалӣ намудан мумкин аст, зеро таварруми фишурдашуда бартарафнашаванда аст, онро чен кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, таварруми фишурдашударо дар аввал бояд ба таварруми кушод табдил дода, пас аз он ҷиҳати мубориза бар зидди он чораҷӯӣ карда шавад» [72, с.148].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити болоравии нархҳо коркарди чорабиниҳои зиддитаваррумӣ хеле муҳим ва зарур мебошанд. Дар ин самт фароҳам овардани сиёсати зиддитаваррумӣ бо таҳияи

стратегия ва раванди зиддитаваррумӣ ба роҳ монда мешавад. «Стратегияи зиддитаваррумӣ аз рӯйи мазмун сабабҳои пешгирӣ ва тадбирҳоиояндавиро дар бар гирифта, он ба паст кардани таваррум дар оянда нигаронида шудааст. Тактикаи зиддитаваррумӣ бошад, тадбирҳои кӯтоҳмуддатро дар бар мегирад, ки ҷиҳати паст кардани таваррум нигаронида шудааст. Чун таваррум аз номутаносибии байни талаботи умумӣ ва пешниҳоди умумӣ ба амал меояд, аз ин нуқтаи назар, тактикаи зиддитаваррумӣ бояд ду самтро дар бар гирад. Якум, афзоиши пешниҳоди мол ва хизматрасонӣ бе афзоиши мутаносиби талабот, дуюм, кам кардани талаботи самараноки ҷорӣ бидуни кам кардани мувофиқи пешниҳод (якбора зиёд шудани талабот бе афзоиши пешниҳод ё якбора зиёд шудани пешниҳод бе афзоиши талабот)» [57, с.249-250]. Дар робита ба пешгирии таваррум назарияҳои зерин амал мекунанд:

**Самти кейнсгароӣ.** Тарафдорони ин назария ба танзими талаботи маҷмуӣ тамаркуз намуда, ақидаеро пешниҳод менамоянд, ки талаботи самарбахш асоси зиёдшавии пешниҳодот мебошад. Омилҳои талаботи самарабахш имкониятеро доро мебошанд, ки хароҷоти давлатӣ афзоиш ёфта, қарз бошад, арзон пешниҳод карда мешавад. Чунин ҳолат, дар маҷмуъ, «...талаботи сармоягузориро ба вуҷуд оварда, боиси пешниҳоди сармоягузорӣ мегардад.

Афзоиши таъминот боиси паст гардидани нарх мешавад. Аммо хароҷоти давлат боиси афзоиши касри буҷет мегардад. Ба ақидаи Кейнс, ин касрро на аз ҳисоби эмиссияи иловагии пул, балки аз ҳисоби қарзҳои дарозмуддати давлатӣ пӯшондан лозим аст, ки ҳангоми муътадил шудани таваррум баргардонда мешавад.

**Самти монетаристӣ.** Самти монетаристии сиёсати зиддитаваррумӣ ба танзими пешниҳоди маҷмуӣ нигаронида шудааст. Намояндагони мактаби монетаристӣ усулҳои зиддитаваррумии самти кейнсгароиро танқид намуда, ақидаеро пеш мегиранд, ки ин усулҳо ба кишвар кумак мекунад, ки пеш аз

муҳлат аз бuҳрони иқтисодӣ берун шавад, аммо имкон намедиҳад, ки тамоми сабабҳои он бартараф карда шавад» [145, с.7].

«Аз нуқтаи назари монетаристон (М. Фридман) таваррум падидаи софи пулӣ ба ҳисоб рафта, тадбирҳои монетарӣ ҳамчун воситаи муҳимми танзими иқтисодиёт ба шумор меравад. Монетаризм афзалияти сиёсати қатъии пулию қарзиро, ки аз вазъи бозор вобаста нест ва ба маҳдуд кардани таваррум нигаронида шудааст, ҷонибдорӣ мекунад.

Аз нуқтаи назари мо, коҳиш ёфтани вобастагии мамлакат аз молу маҳсулоти воридотӣ, пурзӯр намудани фаъолияти қувваҳои рақобатпазир, маҳдуд кардани инҳисор метавонад ба сифати тадбирҳои самарабахш ҷиҳати коҳиши сатҳи таваррум баромад намояд. Васеъ намудани истеҳсолот мувофиқи афзоиши муомилоти пул ба сабаби яке аз тадбирҳои самарабахши рафъи таваррум баромад менамояд (нигаред ба расми 3.1).




**Расми 3.1. – Захира ва имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Ҳамин тавр, захира ва имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ заминаи моддии ҳалли муаммоҳои равандҳои таваррумӣ дар доираи сиёсати иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз нигоҳи мо, таваррум ин афзудани сатҳи нархҳо дар доираи муносибатҳои бозорӣ мебошад. Сатҳи он ҳамчун нишондиҳандаи устувории тавозуни иқтисоди кишвар ва ҳаҷми пул баромад карда, истифода аз усулҳои назоратӣ дар ин самт хеле муҳим мебошад. Дар заминаи таҳқиқи муҳиммияти мавзуъ мақом ва таъсири он ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ нишон дода шудааст» [240]. Аз ин ҷо, барои мураттабгардонии роҳҳои пешгирӣ ва камгардонии таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ зарурате дар пеш меистад, ки таҳлили нишондиҳандаҳои динамикаи дар робита ба захира ва имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар сиёсати зиддитаваррумӣ фаъол гардонида шавад. Дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар таносуби ҳаҷми пул ва ташаккулёбии молу хизматрасониҳо ҳамчун объекти идоракунии равандҳои таваррумӣ ва сиёсати зиддитаваррумӣ ба эътибор гирифта шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқ маълум намудем, ки амалӣ гардонидани давраи кӯтоҳмуддати нархҳо дар иқтисодиёт ва талабот ба неъматҳои моддӣ мунтазамӣ пайдо намоянд. Бояд гуфт, ки маҳдуд намудани захираҳои қарзӣ дастгирии субъектҳои иқтисодиро коста гардонида, раванди маблағгузорӣ барои рушди истеҳсолоти ватанӣ ғайрисамаранок ба амал меояд. Дар ин раванд кӯшишҳои давлатӣ дар самти маҳдуд кардани ҳаҷми пул дар муомилот таъсирбахш набуда, субъектҳои иқтисодӣ ташаббускориҳои навоварона ва замонавиро бинобар сабаби рақобатпазир набудан аз даст медиҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраҳои аввали татбиқи барномавӣ маълум шуд, ки зиёд шудани пардохтпазирӣ ба болоравии нархҳо ва суръати нисбатан ками истеҳсолот дар робита ба суръати сиёсати пулию қарзии давлатҳо дастгирӣ меёфт, лекин, ҳамзамон, маълум гардид, ки бо афзудани пардохтпазирӣ сатҳи таваррум кам шуда, бо

камшавии дараҷаи истеҳсол боиси ноустувор гардидани субъектҳои иқтисодӣ мегардад. Чи тавре ки аз таҷрибаи Россия бармеояд, дар муддати тулонӣ чунин ҳолат равандҳои таваррумиро пуршиддат мегардонад.

Таҳқиқ ва омӯзиши сиёсати пулию қарзӣ дар робита ба ҳамкорӣ ва дастурҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷиҳатеро ба мо равшан намуд, ки дар ҳар як кишвар, аз ҷумла, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваррум бояд ки идорашаванда бошад.

Ба ақидаи мо, кам кардани содироти ашёи хом ва рушди коркади дохилии он бо мақсади афзун гардонидани молҳои ватанӣ бояд вусъат гирад. Бояд қайд кард, ки ҳар як кишвар дорои тараққиёти хоси худ мебошад. Маълум аст, ки кишвари Тоҷикистон аграрӣ буда, ташаккул ёфтани муносибатҳои молию пулӣ ба рушди соҳаи мазкур вобастагии зич дорад. Аз ҷумла,  бо ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ зарурате дар пеш меистад, ки соҳаи мазкурро бо дастгирии молиявӣ инкишоф диҳем. Маҳз дар ҳамин замина дар соҳа элементҳои инноватсионию инвеститсионӣ  фароҳам оварда шавад. Дар ин асос воситаҳои муосири технологӣ бо роҳи татбиқ намудани сиёсати аниқи андозию карзӣ ва гумрукӣ амалӣ гардида, ҳавасмандгардонии талаботи субъектҳои хоҷагидор бо роҳи ба низом даровардани меъёрҳои қарзӣ самаранокии фаъолияти онҳо меафзояд. Бинобар ин, бо зиёд шудани ҳаҷми даромад ва устувор шудани вазъи молиявии субъектҳои иқтисодӣ баробари беҳтар гардидани таносуби даромад ва хароҷоти буҷет қобилияти харидории аҳолӣ майли мусбат мегирад. Бо ин роҳ инфрасохтори бозори дохилӣ суръати нав пайдо карда, баробари афзудани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор сатҳи зиндагӣ беҳтар ва нуфузи кишвар дар бозори ҷаҳонӣ баланд мегардад. Чунки дар ин асос зиёдшавии ботадриҷи қисми содиротӣ воқеӣ гардида (аз 30 - 40% то 50 - 60%- и ММД), таъмини тавозуни танзими давлатӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки муносибатҳои байналмилалӣ дар рушду нумуи иқтисоди мамлакатҳои алоҳида ва

таъмини таварруми муътадил хеле муҳим мебошад. Аз ин ҷо, барои иқтисодиёти давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам зиёд намудани истеҳсолоти ватанӣ ҳамчун омили муайянкунанда ҳисоб мешавад. Муносибатҳои содиротӣ аз рӯйи дараҷаи 30-40% то 50-60% дар ташаккул ёфтани ҳаҷми ММД хеле муҳим мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кам кардани ҳиссаи содироти ашёи хом ва рушди коркарди дохилӣ асос барои муайян намудани ҳолати иқтисодиёт ва ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини стратегияи рушди кишвар, алалхусус, саноатикунонии бо роҳи гузариш аз сохти модели аграрию индустриалӣ ба индустриалии аграрӣ мебошад. Бо ин қайд карданием, ки дар равандҳои рушди муносибатҳои бозорӣ фаъолияти иқтисодии рушди соҳаи аграрӣ бояд ҳаматарафа ҳавасманд карда шавад. Ба назари мо, дар ин самт фаъол гардонидани сиёсати сармоягузории давлатӣ ва дастгирии хоҷагиҳои кишоварзӣ яке аз вазифаҳои пурмасъулият дар доираи сиёсати зиддитаваррумӣ баромад карда, заминаи моддии таъмини ҳамоҳангии ҳаҷми пул ва молу хизматрасониҳоро ифода мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум намудем, ки муътадилгардонии муносибатҳои молию пулӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба суботи молиявӣ вобастагии зич дорад. Лекин дар соҳаҳои истеҳсолоти ватанӣ маҳсулоти озуқаворӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ дар баробари пешравиҳо ҳоло низ имкониятҳои ҷойдошта барои беҳтар гардонидани вазъи молияви субъектҳои хоҷагидор ба пуррагӣ сафарбар нагардидаанд. Масалан, тибқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2024 маълум мегардад, ки самаранокии соҳаи мазкур беҳбудӣ мехоҳад. Агар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба 1.26 маротиба афзуда бошад, дар ҳамин давра ҳосилнокии зироатҳо ба 1.09 баробар аст. Аз нигоҳи мо, чунин ҳолат дар ниҳояти кор боиси паст шудани даромад дар хоҷагиҳои деҳқонӣ гардида, вазъи молиявии онҳо ва устувории буҷетро аз

ин ҳисоб коста мегардонад, ки ин як омили баландравии нархҳо дар бозори истеъмолии кишвар мегардад.

Бинобар ҳамин, суботи молиявӣ, ба эътидол омадани таносуби пулу мол аз сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва суботи молиявӣ вобаста мебошад. Дастгирии давлат дар ин самт, хусусан, ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ба устувории хоҷагиҳо боис гардида, дар бобати татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ натиҷаи дилхоҳро ба амал меорад. Дар ин раванд сода ва омафаҳм гардонидани андозбандӣ, камгардонии гаронии андоз, пешниҳоди қарзҳои бонкӣ аз рӯйи принсипҳои бозорӣ, танзими меъёри фоизӣ ҳамчун омилҳои хеле таъсирбахш ва муфид барои ба эътидол даровардани ҳолатҳои таваррумӣ ҳисобида мешаванд. Ҳамин тавр, сиёсати зиддитаваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба сафарбар намудани фишангҳои таъмини тавозуни пулӣ, аз қабили чорабиниҳои монетрие ба шумор меравaнд, ки онҳо, дар маҷмуъ, дар сатҳи ҷумҳурӣ ва барои ҳар як минтақаи он барои нигоҳ доштани таваррум ва табдил додани танзими он ба омили муфиди таъсиррасон баромад мекунад.

Бинобар ҳамин, мубориза бо таваррум, ҳамзамон, имкониятеро дар худ дорад, ки дар ҳолати идоранашаванда будани он ҳамчун садди роҳи иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Чи тавре ки олими иқтисодшиноси машҳури рус Г. Фетисов қайд кардааст: «Қатъи пурраи таваррум ва, махсусан, дефлятсия барои иқтисод бениҳоят хавфнок аст. Инро «Таназзули бузург» ё «Великая депрессия» дар ИМА ва таназзули дарозмуддати охирини Япония ба таври возеҳ нишон дод» [230, с.5].

Аз ин ҷо, ба ақидаи Фетисов Г., қабул намудани чораҳои таъҷилӣ дар самти таваррум ҳамчун муайянкунандаи ҳолат баромад мекунад. Яъне, дар робита ба тамоми ҷиҳатҳои мусбати кам кардани хароҷотҳои давлатӣ ва мунтазам кам кардани интишори пулӣ хеле муҳим буда, дар доираи чорабиниҳои сиёсати зиддитаваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати кам кардани таъсирҳои бухронҳои замони муосир равона карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар доираи таҳқиқоти илмӣ мушаххас намудем, ки идоракунии самараноки интишори пул ва ҳавасмандгардонии истеҳсолот бо дарназардошти такмил додани муносибатҳои андозбандӣ ва сафарбар кардани инфрасохтори бозорӣ имкониятҳои зиёдеро доро мебошанд. Дар ин замина масъулияти корхонаҳо барои беҳтар кардани ҳаҷм ва динамикаи истеҳсол ва хизматрасониҳои ватанӣ ба амал омада, ин барои устувор гардонидани вазъи буҷет ва шароити ҷалби сармоягузориҳои дохилию берунӣ дар самти рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Ба андешаи мо, сиёсати устувори чорабиниҳои зиддитаваррумӣ танҳо дар натиҷаи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои иқтисоди миллӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад. Ҳаминро ба эътибор гирифта, тақвияти механизми танзими нархҳо аз ҷониби Бонки миллӣ бо роҳи сиёсати пулию қарзӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заруратро тақозо менамояд, ки раванди танзимкунонӣ бо баланд бардоштани самаранокии сиёсати фискалӣ амалӣ гардонида шавад.

Пешгирии болоравии нархҳо «дар сиёсати иқтисодӣ бартараф намудани таъсири қурби асъор ба ҳаҷми умумии пул ва маҳдудияти захираҳои қарзӣ шароитҳоеро фароҳам меоранд» [246 , с.105], ки саҳмгузории буҷет, сиёсати пулию қарзӣ, дар маҷмуъ, суръати иқтисодиётро баланд бардошта, бо дарназардошти фазои мусоиди сармоягузорӣ, дар ниҳоят, ба муътадилии муносибатҳои молию пулӣ боис мегардад. Бинобар ҳамин, дар ин самт яке аз шарти муҳимтарин ин рушди муносибатҳои қарзӣ ба шумор меравад.

«Дар шароити иқтисоди бозорӣ маҷмуи воситаҳои таъсиррасонӣ ба таваррум метавонад тадбирҳои сохториро низ дар бар гирад. Ин сиёсат ба ҳалли муаммоҳои мураккаби иқтисодӣ, аз ҷумла, танзими воридот, пурзӯр намудани фаъолияти қувваҳои рақобатпазир ва маҳдуд кардани монополия дар бозорҳои алоҳида нигаронида шуда, мақсади асосии он масъалаҳои таъминоти иқтисодиёт мебошад. Раванди мазкур ба танзими таваррум мусоидат карда, дар асоси таҳлили молиявӣ мунтазам барои аз байн

бурдани корхонаҳои давлатии зараровар нигаронида мешавад. Аз нуқтаи назари соҳавӣ дастгирӣ ва рушди корхонаҳои бахши истеъмолии иқтисодиёт ба баланд бардоштани соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаҳое нигаронида шудааст, ки дар натиҷа боиси баланд шудани нархҳо дар ҷумҳурӣ мегарданд.

Барои расидан ба ин мақсад зарур аст, ки ба саноати сабук нисбат ба саноати вазнин, саноати коркард нисбат ба истихроҷи маъдан, саноати хизматрасонӣ ва дигар истифодабарандагони ниҳоӣ таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Дар ҷумҳурии мо яке аз хусусиятҳои хоси зуҳуроти таваррум ин паст будани сатҳи истеҳсолот мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки омили дигаре, ки ба афзоиши сатҳи таваррум боис мегардад, ин хусусиятҳои ғайримонетарӣ мебошад. Аз ҳисоби таъсири омилҳои берунӣ болоравии нархҳои молу маҳсулот ва сӯзишворӣ сарчашма мегирад. Тибқи маълумоти оморӣ дар сабади истеъмолӣ молу маҳсулоти воридотӣ атрофи 60 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, коста гардидани занҷираи таъиноти молу маҳсулот ноустувориҳову номуайяниҳо, инчунин, вазъи зудтағйирёбандаи нархҳои молу маҳсулоти дар бозорҳои ҷаҳонӣ боиси афзоиш ёфтани сатҳи нархҳои маҳсулоти воридотӣ мегардад. Дар ин замина, ба ақидаи олимони ватанӣ, маҳдуд набудан ба дохилшавии молҳои воридотӣ дар ҷумҳурӣ боиси афзоиши таъсири таварруми воридот мешавад, ки дар натиҷа болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои гуногун бевосита сабаби баланд гардидани сатҳи таваррум дар дохили давлат мегардад

Дар сатҳи зарурӣ вусъат наёфтани истеҳсолот (ғайриимкон будани истеҳсоли баъзе аз маҳсулот, мавҷуд набудани як қатор молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ ва номукаммал будани рақобат) боиси он мегардад, ки бозорҳои дохилӣ бо молҳои воридотӣ таъмин карда мешаванд, ки дар натиҷа вобастагии давлат аз молу маҳсулоти воридотӣ зиёд мегардад» [75, с.415].

Ҳангоми зери таҳлил қарор додани иқтисодиёти ҳар як кишвари рушдкунанда ва муайян намудани таъсири таваррум бо хусусиятҳои он исбот кардан мумкин аст: тағйироти куллӣ дар сатҳи болоравии нархҳо, пастравӣ дар сатҳи саноат ва соҳаҳои дигари муҳимми иқтисодӣ, болоравии сатҳи бекорӣ, афзоиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, поён фармадани сатҳи истеҳсолот ва ғайра. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳангоми андешидани чораҳои зиддитаваррумӣ бояд ҳалли ин масъалаҳо низ мавриди назар қарор гирад ва дар баробари ин истифодаи таҷрибаи хориҷии ҳалли масъалаҳои мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

Фишангҳои танзими давлатии равандҳои таваррум дар асоси қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ чунинанд:

1.Механизмҳои пулию қарзие, ки аз тариқи амал намудани низоми бонкӣ бевосита истифода бурда мешавад.

2.Сафарбар намудани имкониятҳои буҷетӣ бо роҳи истифодаи низоми молиявӣ ва андоз дар таъмини рушд.

Бояд қайд намуд, ки тадбирҳои барои танзими таваррумӣ нигаронидашуда ҳамчун заминаи ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодию молиявӣ барои таъмини рушди иқтисодии кишвар равона гардида, дар ниҳояти кор барои баланд бардоштани некуаҳволии мардуми кишвар нигаронида шудаанд. Яъне, дар робита ба стратегияи рушд ва хусусиятҳои вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як давлат барои такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир нигаронида мешавад.

## 3.2. Ташкили механизмҳои институтсионалӣ ва сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Ноил шудан ба  рушди иқтисодӣ, инчунин, баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, ба таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ вобаста аст» [246, с.112]. Чунин раванд бевосита аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда бармеояд. Маълум мегардад, ки сиёсати иқтисодӣ, баланд шудани сатҳи зиндагӣ, ташаккулёбии захираҳои дохилӣ,

афзоиши маҳсулнокии меҳнат, тағйири сохторҳои хоҷагии миллӣ тибқи талаботи ҷаҳонӣ ва ғайра вобастагии зич дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари татбиқи ҳадафҳои стратегӣ пешгирии ҳамагуна шаклҳои ноустувории макроиқтисодӣ, аз ҷумла, ҳолатҳои таваррумӣ, таъсирбахш баромад мекунанд.

Сиёсати пулию қарзӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани меъёрҳои фоизро барои назорат кардани таваррум дар бар мегирад. Сиёсати фискалӣ, ки тавассути амали қонунгузорӣ амалӣ мегардад, низ мусоидат менамояд. Ҳукуматҳо метавонанд хароҷотро кам кунанд ва андозҳоро афзоиш диҳанд, то ба коҳиши таваррум мусоидат кунанд.

Оид ба татбиқи чораҳои зиддитаваррумӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёт ва таълифоти зиёд ҷой дорад. Дар онҳо ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати таваррумӣ мавриди баҳсу мунозира ва ҳаллу фасл қарор дода шудааст. Бинобар ҳамин, мавзуи таҳқиқотиро аз мавқеи таваҷҷуҳ намудан «ба такмили унсурҳои сиёсати зиддитаваррумӣ равона месозем. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар равандҳои рушди иқтисоди миллӣ татбиқ намудани усулҳои зиддитаваррумӣ хислатҳои худро доро мебошад» [246 , с.118]. Асоси ин раванд мазмуни таваррум ва муносибатҳои пулию қарзии ташаккулёфтаро дар бар мегирад. Ҷиҳати аз ҳама муҳим аз он бармеояд, ки муаммоҳои ҳалталаб дар ин самт барои тамоми мамлакатҳо хос буда, дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии онҳо чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии стратегияи зиддибуҳронӣ ҳисобида мешавад. Дар ин самт, аз мавқеи дарёфти роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки дар баробари шарҳи оқибатҳои таваррум, инчунин, ба сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши таваррум аз мавқеи идоракунӣ ва ҷиддӣ ба роҳ мондани назорат ба эътибор гирифта шавад. Бинобар ҳамин, коркарди сиёсати зиддитаваррумӣ бисёрпаҳлу ва хеле мушкил мебошад. Ба он маъно, ки раванди мазкур дар баробари ноҷӯрии рушди хоҷагии халқ, инчунин, ба хусусиятҳои иҷтимоии аҳолӣ ва робитаи

муносибатҳои беруна вобаста мебошад. Ҳамин тавр, дар ин самт дар баробари усулҳои монетарӣ истифода аз сиёсати фискалӣ ва маъмурии давлат барои ҳалли мушкилиҳои таваррум хеле муфид баромад мекунад. Яъне, дар мавриди мутобиқат кардани механизмҳои сиёсати монетарӣ, фискалӣ ва сиёсати сохтории давлат шароитҳои мувофиқи банизомдарории ҳолатҳои макроиқтисодӣ ва пешгирии ҳолатҳои таваррумӣ ба амал меояд. «Якчанд усули сиёсати зиддитаваррумӣ мавҷуд аст:

**Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ).** Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) гуфта, маҷмуи чорабиниҳои давлатиеро меноманд, ки дар бахши пулию қарзӣ ба хотири таъмини тараққиёти муътадили иқтисодӣ андешида мешаванд. Мазмуни сиёсати пулию қарзӣ аз он бармеояд, ки танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт тавассути фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ барои ноил шудан ба таносуби миқдори пул ва мол ва дар ҳамин замина рушди воқеии иқтисодиёт равона карда мешавад.

Дар низоми идоракунии равандҳои таваррумӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимкунандаи пулию қарзӣ яке аз нақшҳои муассирро дар пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ мебозад. Вазифаи муҳимтарини Бонки миллӣ аз он иборат аст, ки вай қарзро мувофиқи талаботи иқтисодии иқтисодиёт танзим мекунад. Талаботи иқтисодӣ дар замони таваррум ин назорати шадиди миқдории қарз мебошад. Мувофиқ ба ин ақида бояд қайд намуд, ки доктори илмҳои иқтисодӣ, професссор Шариф Раҳимзода оид ба пешбурди сиёсати дурусти пулию қарзӣ чунин ибрози ақида менамояд: Зарур аст, ки бонки марказӣ ва сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ дар чорчӯбаи сиёсати иқтисодӣ ҳаҷми пул ва сохтори онро танзим намояд. Барои таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барномаи молиявӣ сохта мешавад, ки дар он ҳаҷми пули барои муомилот зарурӣ нишон дода шудааст. Вазифаи бонки марказӣ аз он иборат аст, ки бо истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ҳаҷми пулро дар сатҳи нишондоди барнома нигоҳ дорад. Таъмини сохтори зарурии пули дар муомилотбуда

танҳо вазифаи бонки марказӣ буда, ба воситаи идораю шуъбаҳои он амалӣ карда мешавад.

Аз ин ҷо, ба ақидаи мо, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани сиёсати қарзӣ бонки марказиро зарур аст, ки оид ба пешгирии барзиёд додани қарзҳо ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми пул чораандешӣ намояд. Яъне, мувофиқи барномаи молиявии ҳукумат дар соли муайянгардида бояд фоизи қарзи бонкӣ аз фоизи сатҳи таварруми пешбинишуда зиёд бошад.

Воситаи дигари назорати қарзӣ, ки метавонад таваррумро зери назорат нигоҳ дорад, ин амалиёти бозори озод мебошад, ки ин хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз ҷониби Бонки миллӣ бо мақсади таъсир расонидан ба микдори пули дар гардишбуда ва ҳаҷми қоғазҳо муқаррар мегардад. Амалиёт, асосан, тавассути коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуддати давлатӣ ва баъзан бо коғазҳои миёнаю дарозмуҳлат сурат мегирад. Мамлакати мо дар бобати барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ тамоми имкониятҳоро доро буда, дар ин самт, аллакай, таҷрибаи кофӣ дорад.

Дар низоми сиёсати пулию қарзии кишвар муомилоти коғазҳои қиматнок ҳамчун воситаи тағйир додани меъёрҳои фоизӣ ва пешниҳоди пул маҳсуб меёбад. Дар мавриди аз ҷониби Бонки миллӣ харидорӣ кардани коғазҳои қиматнок нархи онҳо баланд ва фоизи онҳо паст мегардад. Дар робита ба ин, ҳаҷми пули дар муомилотбуда зиёд мешавад ва ин яке аз воситаҳои ба амал намудани ҳолати таваррумиро мегирад. Дар мавриди фурӯши коғазҳои қиматнок нархи онҳо паст ва фоизи онҳо баланд мегардад. Дар робита ба ин, ҳаҷми пул майли камшавиро мегирад ва ҳамин тавр, бо роҳи хариди коғазҳои қиматнок аз бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ меафзод. Фурӯши коғазҳои қиматнок таъсири баръакс дошта, боиси паст шудани пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мегардад» [110, с.234].

Воситаи дигари идоранамоии микдори пули дар муомилотбуда ва дар натиҷаи он таъсир расонидан ба раванди таваррум ин захираҳои ҳатмӣ ба ҳисоб рафта, ба ин восита таъсири институтсионалии Бонки миллиро

мушоҳида намудан мумкин аст. «Захираҳои ҳатмӣ маблағҳоест, ки бонкҳои тиҷоратӣ (ташкилотҳои қарзӣ) бояд дар суратҳисоби худ дар бонки марказӣ нигоҳ доранд. Дар ин замина бонки марказӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ меъёри захираҳои ҳатмиро муқаррар менамояд. Муқаррар намудани меъёри нисбатан баланди захираҳои ҳатмӣ ба маҳдудкунии фаъолияти қарздиҳӣ оварда мерасонад, ки ин воситаро метавон ба кам намудани ҳаҷми пули дар муомилотбуда роҳандозӣ кард. Маблағи захираҳои ҳатмӣ мувофиқи меъёри захираҳои ҳатмӣ муайян карда мешавад ва онро метавон бо формулаи мазкур ҳисоб намуд:

$$R_{\text{ҳатмӣ}} = D \times rr$$

дар ин ҷо $R_{\text{ҳатмӣ}}$ - маблағи захираҳои ҳатмӣ, D - маблағи умумии пасандозҳо, rr - меъёри захираҳои ҳатмӣ (бо фоиз) мебошад.

Омили дигаре, ки боиси кам шудани пул дар муомилот ба ҳисоб меравад, ин афзоиши фоизи қарз ва кам намудани ҳаҷми қарз мебошад. Яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии сатҳи таваррум дар иқтисодиёт ин интизории таваррум ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, интизории таваррум яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми макроиқтисодӣ дар татбиқи босамари сиёсати монетарии бонкҳои марказӣ мебошад. Барои мубориза бо таваррум бартараф кардани интизориҳои таваррумӣ ҳам аз сохторҳои иқтисодӣ ва ҳам аз аҳолӣ, ки ба андозаи зиёд метавонад ба суботи иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вобаста бошад, аҳаммияти калон дорад. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, таваррумро ба пуррагӣ аз байн бурдан ғайриимкон аст. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар иқтисоди миллӣ таваррум, асосан, бо таъсири зиёдшавии хароҷотҳо вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, муътадилии таваррум омили мусбат ба шумор меравад. Ба он маъно, ки дар ин асос боварии мардум ба Бонки миллӣ афзуда, дар натиҷа пасандозҳои пулӣ меафзояд. Зиёдшавии сармоягузорӣ ба амал омада, бо рушд кардани истеҳсолот ва сатҳи хизматрасонӣ самаранокии сиёсати монетарии кишвар афзуда, дар ниҳояти кор муътадилии сатҳи нархҳо ба амал меояд.

**Сиёсати асъорӣ.** Барои дар сатҳи муайян нигоҳ доштани сатҳи таваррум сиёсати асъорӣ ба роҳ монда мешавад. Чунин амал аз ҷониби Ҳукумат сиёсати дурусти асъорӣ ҳисобида шуда, он ба нигоҳ доштани қурби асъор ва риояи манфиатҳои иқтисоди миллӣ мувофиқ мебошад. Барои муътадил нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ метавон пули миллиро ба пули кишваре, ки дар он сатҳи таваррум паст аст, вобаста намуд. Мувофиқ ба ин ақида бояд қайд намуд, ки асъори миллӣ, яъне, сомонӣ, ба доллар ва евро «вобастакардашуда» мебошад. Воситаҳо ба сифати «роҳрави асъор» мебошанд, ки ҳудуди болоию поёнии тағйирёбии асъор ва интервенсияҳои асъориро муқаррар мекунанд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои таваррум ва пастшавии қурби асъор ба ҳам наздик мебошанд. Дар ҳолати баръакс ин аз нодурустии сиёсати иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Самти муҳимми сиёсати зиддитаваррумӣ рушди минбаъда ва танзими давлатии бозори асъор ва молиявӣ, инчунин, такмили механизми ташаккули қурби асъор мебошад» [82, с.243].

«**Сиёсати фискалӣ (буҷетӣ).** Таҳияи сиёсати фискалӣ фарогири самтҳои танзими хароҷоти давлатӣ, такмили низоми андоз, қарзгирӣ ва идоракунии қарз буда, ин сиёсат ба назарияҳои иқтисодшиноси бритониёӣ Ҷон Мейнард Кейнс асос меёбад. Сиёсати фискалӣ аз нуқтаи назари танзими таваррум ноил шудан ба мувозинати байни хароҷот ва даромад ё ба ҳадди ақал расонидани касри буҷетро дар бар мегирад» [56, с.424].

«Лозим ба таъкид аст, ки роҳандозии ин сиёсат бояд ба афзоиши некуаҳволии ҷамъият мусоидат намояд. Дар амалӣ намудани сиёсати мазкур ба такмили системаи андоз аҳаммияти калон дода мешавад. Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 тибқи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15,1 млрд. сомониро (32,6 фоизи ММД) ташкил дод, ки аз ин нишондод ҳиссаи воридоти андоз дар ҳаҷми умумии даромади буҷет 67,5 фоизро дар бар мегирад» [23, с.261].

«Андозҳо манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравaнд ва ҳамин воқеият аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат фишанги тавонои танзими иктисодиётро дорад. Масалан, андоз аз даромад ба сармоягузории хусусӣ бештар таъсир мерасонад. Даромад, аз як тараф, яке аз манбаъҳои асосии сармоягузорӣ бошад, аз тарафи дигар, барои сармоягузориҳои нав ангезаи ҳалкунанда мебошад, зеро афзоиши ин андоз ҳаҷми фоидаи софро кам мекунад, яъне, қисме, ки пас аз ситонидани андозҳо боқӣ мемонад, бинобар ин, давлат бо роҳи кам кардани андоз аз даромад афзоиши маблағгузориҳои наврo ҳавасманд гардонида, бо роҳи зиёд кардани андоз аз даромад афзоиши маблағгузории нави асосиро боз медорад» [71, с.243].

«Сиёсати зиддиинҳисорӣ – яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлат дар ташаккули сохторҳои рақобатпазири бозор баромад мекунад. Сиёсати мазкур ҷиҳати мусоидат ба рушди бозорҳои молӣ ва рақобат, пешгирӣ, маҳдудияту рафъи фаъолияти монополӣ (инҳисорӣ), рақобати беинсофона ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нигаронида шудааст.

Сиёсатҳои дигаре, ки имконияти роҳандозӣ доранд, ин роҳ надодан ба истифодаи асъори хориҷӣ дар савдои дохилӣ ва сиёсати дуруст дар соҳаи савдои берунӣ (бо мақсади ҳимояи истеҳсолоти ватанӣ) ба ҳисоб меравaнд» [79].

Боиси қайд аст, ки асосҳои мукаммалгардонии сиёсати пулию қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба муомилот баровардани пули миллӣ ба амал омад. Мутобиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар дар бобати нигоҳ доштани сатҳи устувории пули миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.  Ба монанди дигар давлатҳо дар миқёси иқтисодиёти давлат Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди танзимкунанда мақоми махсус пайдо кард. Ниҳоди мазкур аз рӯйи устуворӣ ва тағйирёбии вазъи қурби пули миллӣ назорати доимиро ба роҳ монда, дар ин замина барои роҳҳои ҳалли мушкилотҳои таносуби байни истеҳсоли молу маҳсулот ва ҳаҷми пул чораҳои заруриро сафарбар менамояд. Бинобар ҳамин, Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз   механизм ва роҳу усулҳои гуногуни сиёсати

пулию қарзӣ, асъорӣ ва бозории устувории қурби пули миллиро таъмин карда истодааст. Ҳангоми зарурат тавассути фишангҳои мустақил ва ғайримустақили иқтисодӣ танзим ва устувории пули миллиро таъмин менамояд.

Яке аз омилҳои батанзимдарории таваррум ин сатҳи рушди инстутсионаии давлатҳо ба шумор меравад. Дар ин радиф олимони рус М.Ю.Малкина ва И.В. Розмаинский дар мақолаи худ бо номи «Ба ташаккули назарияи институтсионалии таваррум» қайд мекунанд, ки «проблемаи ҳалнашуда аниқ пешгӯйӣ кардани таваррум бештар аз нокифоя будани омилҳои институтсионалии таваррум ба шумор меравад» [187, с. 70-71].

Чи тавре ки аз таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта маълум мегардад, «вобаста ба афзудани пул дар муомилот Бонки марказӣ ягона ниҳоде ҳисобида мешавад, ки аз рӯйи фаъолияти он муносибатҳои сиёсати пулию қарзӣ ба танзим даровард мешавад. Бонки марказӣ ҳамчун мақомоти батанзимдароранда муҳити институтсионалиро дар он фароҳам оварда, сатҳи таваррумро ба танзим медарорад» [247, с.167]. Вазифаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷро карда мешавад.

Дар доираи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон сатҳи муносиби таваррум бо роҳи танзим ва идоракунии ҳаҷми пули дармуомилотбуда ба роҳ монда шуда, сиёсати самаранокии пулию қарзӣ ва асъориро амалӣ мегардонад. Дар ин замина қобилияти харидории пули миллӣ эътимоднокии онро афзуда, дар ниҳояти кор ба афзудани даромадҳои аҳолӣ ва таъмини самаранокии низоми молиявии кишвар нигаронида мешавад. Бояд қайд кард, ки таҳия ва сафарбар намудани чорабиниҳо барои нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо ва дар ҳамин замина фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, тақвияти соҳаҳои иқтисодиёт ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум нигаронида мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки вазифаи функсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар робитаи зич ба барориши миқдори пули дар муомилот лозимбуда равона карда мешавад. Дар ин раванд нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат интихоб менамояд. «Барои нигоҳ доштани сатҳи мутаъдили таваррум амалӣ намудани механизмҳои муосир, аз қабили механизми трасмиссионии сиёсати пулию қарзӣ тавассути пешбурди сиёсати фоизӣ муҳим мебошад. Аз ҷумла, меъёри бозтамвил, ки фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои хавфҳои эҳтимолӣ таҳлил мешавад. Андешидани чораҳои зарурӣ дар соли 2024 имконият фароҳам овард, ки нисбатан сатҳи пасти таваррум дар кишвар дар ҳаҷми 9,25 фоизи солона нигоҳ дошта шавад» [28, с.14].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯза доир ба устувор гардонидани бозори асъори дохили мамлакат, танзими қурби асъор аз тарафи бонки марказӣ, маҳдуд кардани фаъолияти ғайриқонунии ҳаннотони бозор, мукаммал намудани бозори байнибонкии асъор, такмил додани низоми электронии савдо, андешидани чораҳои таъхирнопазир зарур мегардад.

Мантиқан, аз баррасии ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии муҳаққиқон ва коршиносон чунин бармеояд, ки сиёсати зиддитаваррумӣ ба се равияи асосӣ мансуб дониста мешавад (нигаред ба расми 3.2).




**Расми 3.2. – Равияҳои сиёсати зиддитаваррумӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чи тавре ки аз расм бармеояд, равандҳои сиёсати зиддитаваррумӣ аз се равияи бо ҳам алоқаманд ва хоси сиёсати зиддитаваррумӣ иборат аст.

Мувофиқи назарияи кейнсионӣ таваррум дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди мол ва хизматрасониҳо мутобиқ ба талаботи самаранок амалӣ гардонида мешавад. Тибқи ин назария бо пешниҳод намудани фармоишҳои давлатӣ ба корхонаҳои калони хусусӣ имконияте фароҳам меояд, ки дараҷаи истеҳсолот ва бекорӣ ба амал ояд. Вобаста ба пайдо шудани самараи мултипликатсионии чунин чорабинӣ дар ниҳояти кор барои пастшавии сатҳи таваррум мусоидат менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки равияи мазкур бо зиёдшавии фармоиши давлатӣ хароҷотҳои давлатӣ афзуда, касри буҷет зиёд мегардад, ки ин ҳамчун яке аз сабабҳои зиёдшавии таваррум баромад мекунад. Аз ин сабаб, намояндагони ин назария чунин ақидаеро пешниҳод менамоянд, ки афзун гардонидани фармоиши давлатӣ бояд аз ҳисоби қарзи беруна ба амал ояд. Дар ин асос, баъди авҷ гирифтани фаъолнокии субъектҳои иқтисодӣ қарзи гирифташуда бояд ки баргардонида шавад.

Таҷрибаи мазкур аз ҷониби бисёр кишварҳои ҷаҳон мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд ва онҳо дар ин самт ба муваффақиятҳои муайян ноил гардиданд. Лекин, баъдтар истифодаи самараи сиёсати кейнсионии зиддитаваррумӣ коҳиш ёфт. Аз мавқеи сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ шакле ба эътибор гирифта мешавад, ки сармоягузориҳои иловагӣ талаб карда нашавад. Онҳо чунин мешуморанд, ки таъсири бахши давлатӣ кам карда шуда, озодии пурраи бозорҳо бояд таъмин бошад.

Бо мақсади танзим, тибқи ақидаи намояндагони монетарӣ, бояд ки мунтазам ислоҳоти пулии конфискатсионӣ дар амалия истифода бурда шавад. Тибқи сиёсати мазкур, имкониятҳое ба амал меояд, ки талаботи истеъмолӣ паст мегардад. Дар маҷмуъ, тибқи ақидаи зиддитаваррумии монетарӣ, касри буҷет бояд аз байн бардошта шавад. Дар ин самт кам

кардани иҷроиши барномаҳои иҷтимоӣ, барҳам додани дотатсия ва субсидия муайянкунанда ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, пешниҳоди қарзҳои қимат танҳо ба соҳибкорони истеҳсолкунандагони пуриқтидор дастрас мебошад. Яъне, он субъектҳои иқтисодие, ки фаъолияти ғайрисамаранок доранд, онҳо нисбат ба қарз имконияти маҳдуд дошта, дар ниҳояти кор онҳо худ ба худ дар бозор мавқеашонро аз даст медиҳанд.

Монетристон чунин таклиф пешниҳод менамоянд, ки низоми андозбандӣ бояд паст бошад. Тавсияҳои монетаристон барои аксарияти давлатҳои пешқадам хеле манфиатнок ва тулонӣ баромад карданд. Аслан, амалӣ намудани равияи мазкур хоси мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишофёфтаистода мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки равияи мазкур самаранокии худро дар давраи кӯтоҳмуддат нишон дод, вале барои давраи дарозмуддат на он қадар муфид баромад кард. Алалхусус, аз ҳисоби сатҳи баланди бекорӣ, пастшавии иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳалли худро пайдо накарданд. Аз ин ҳисоб зарурате ба амал омад, ки коркарди дигари консепсияи зиддитаваррумӣ ҳамчун сиёсати сохторӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад.

Мазмун ва мундариҷаи аслии сиёсати сохторӣ аз он иборат аст, ки онҳо таваррумро дар робита бо зиёд шудани ҳаҷми пул арзёбӣ накарданд, балки чунин ҳолатро ба ҷой доштани таварруми инерсионӣ маҳсуб медонистанд. «Мувофиқи ақидаи онҳо ҳар як субъекти иқтисодӣ интизории таварруми баландро дорад ва ин дар мавриди банақшагирии фаъолияти ояндавӣ ба таври зарурӣ ба эътибор гирифта мешавад» [246 , с.56]. Баландшавии сатҳи таваррум дар ин ҳолат бидуни зиёдшавии ҳаҷми пул бо суръат гирифтани хароҷотҳо маънидод карда мешавад. Бинобар ҳамин, механизмҳои асосии зиддитаваррумии сиёсати кейнсионӣ, монетристӣ ва сохториро аз тариқи зерин ифода менамоем (нигаред ба расми 3.3).




**Расми 3.3. – Намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чи тавре ки аз мундариҷаи расм бармеояд, ҳавасмандкунии афзоиши маҷмуи таклифот ва кам намудани маҷмуаи талабот дар самти сиёсати зиддитаваррумӣ як воситаи муҳим ба шумор меравад. Боиси зикр аст, ки дар амал татбиқ намудани ҳар як равияи сиёсати зиддитаваррумӣ дар алоҳидагӣ ва рушди иқтисодиёти кишварҳо самаранокии интизориро таъмин намегардонад. Чунки низоми хоҷагидории бозорӣ то ҳол низоми олӣ ҳисобида намешавад ва истифода аз ин низом дар рушди ҷомеа ва иқтисодиёти он эҳтимоли таъсири манфӣ дорад. Аз ин сабаб, ба таври маҷмуӣ, истифодабрии ҳама намудаи сиёсати зиддитаваррумӣ ва таъмини мутобиқати онҳо ба хусусиятҳои ҳар як кишвар самари интизориро дар бар мегирад.

«Бо мақсади муътадилсозии вазъи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароитҳои татбиқи сиёсати мустақили сиёсати пулию қарзӣ, аз дидгоҳи мо, ин ҷорӣ намудани пули миллӣ – сомонӣ ба ҳисоб меравад. Чунин амал имкониятеро фароҳам овард, ки сиёсати пулӣ, новобаста аз дигар кишварҳо, такмил ёфта» [246, с.77], иқтидори давлатии батанзимдарории самаранок сафарбар карда шавад. Бо дарназардошти вусъат пайдо кардани муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ боиси он гардид, ки дараҷаи нисбатан судманди муносибатҳои пулӣ ба амал ояд, алалхусус, дар робита бо Хазинаи байналмилалии асъор. «Механизми дар амал татбиқ ёфтани ҳамкорӣ дар ин самт тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии он мавриди танзим қарор гирифта, оид ба аҳаммият ва мавқеи чунин ҳамкориҳо дар сарчашмаҳои илмию иқтисодии ватанӣ дарҷ ёфтаанд. Аз ҷумла, ХБА ба давлатҳои аъзо қарзҳоро бо пулӣ хориҷӣ барои ду мақсад пешниҳод менамояд:

-барои пӯшонидани касри тавозуни пардохтӣ, яъне, пурра кардани захираҳои пулии мақомоти молиявии давлатӣ ва бонкҳои марказӣ;

-дастгирии суботи макроиқтисодӣ ва таҷдиди сохтории иқтисодиёт, ки ин маънои қарздиҳӣ ба хароҷоти буҷети давлатӣ мебошад» [91, с.434].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки татбиқ намудани сиёсати пешгирии таваррум дар робита ба ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзии Тоҷикистон оғоз гардиданд. Чунин сиёсат бевосита барои пешгирии таваррум равона карда шуда буд, чунки баъди ҷорӣ намудани асъори миллӣ ҳаҷми ками пул ва тағйирёбии равандҳои таваррумӣ ба ҷараёни ислоҳоти иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ дошт. Бинобар ҳамин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати мувофиқашудаи пулию қарзиро амалӣ менамояд. Раванди мазкур чорабиниҳоеро дар бар мегирифт, ки онҳо барои идоракунии равандҳои таваррумӣ аз рӯйи ҳаҷми пул ва маҳдудкунии талаботи он бармеояд (нигаред ба расми 3.4).




**Расми 3.4. – Фишангҳои танзимкунандаи сиёсати пулию қарзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Чи тавре ки аз пайдарпайии фишангҳои танзимкунандаи расм бармеояд, дар татбиқи масъалаҳои сиёсати самараноки зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории ҳамгироишуда ҳамчун як шароити хеле таъсирбахш барои таъмини ҳамоҳангии миқдори пул ва мол баромад мекунад. Чунки аксарияти кишварҳо дар давраи гузариш дар робита ба тавсияҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор усули анъанавиро барои таъмини суботи молиявӣ сафарбар намудаанд, лекин чунин амал ғайрисамаранок ба амал омад. Бо ин қайд карданием, ки истифодаи усули анъанавӣ ба рақобати мукаммали бозорӣ асос ёфта, бинобар сабаби дар сатҳи зарурӣ қарор нагирифтани иқтисоди миллӣ на он қадар таъсирбахш баромад мекард. Яъне, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, ба назари мо, танҳо бо дарназардошти ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ҳар як кишвар алоқаманд мебошад. Дар ин замина имкониятҳое фароҳам меояд, ки механизми дурусти муътадилгардонии

низоми такрористеҳсол ба амал омада, бо ин роҳ рақобатпазирӣ афзуда, таносуби муносибатҳои молию пулӣ хусусияти муназзамиро мегирад.

Дар татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон восита ва усулҳоеро истифода менамояд, ки онҳо дар иқтисодиёти мамлакатҳои пешрафта мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд. Лекин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар робита ба шиддатёбии номутаносибии сохторӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ҳамзамон, пурра амал накардани қонуниятҳои бозори озод, дараҷаи таваррум дар бахшҳои молиявӣ ва пулӣ номунтазамиро ба амал меоранд. Таҷрибаи давраи гузариш аз сохти маъмурӣ ба бозорӣ нишон дод, ки хусусигардонии моликият на дар ҳама маврид ба истифодаи воқеии мехнизмҳои бозорӣ ва риояи манфиатҳои миллӣ буд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки таваррум ҳамчун як ҷузъи сиёсати буҷетӣ ва пулию қарзӣ баромад карда, зарурате дар пеш меистад, ки сиёсати зиддитаваррумӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, дар маҷмуъ, ба тариқи комплексӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Дар натиҷа тағйирёбии босуръати таваррум ва ифода ёфтани беқурбшавии пули миллӣ омили камшавии пардохтпазирии субъектҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои пасандозкунии субъектҳо барои захираҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд қайд кард, ки сиёсати зиддитаваррумӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни худ дар раванди азнавтақсимкунии воситаҳои пулию молӣ нақши арзанда дорад. Бо ин роҳ дар доираи васеи такрористеҳсоли васеи ҷамъиятӣ ба мунтазамӣ мусоидат менамояд.

Тақвият додани механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи замони муосир, аз нуқтаи назари мо, аз самтҳои такмил додани механизм ва нақшаҳои сиёсати буҷетӣ ва сиёсати пулию қарзӣ бармеояд. Бо ин мақсад қайд кардан зарур аст, ки раванди содакардашудаи баҳодиҳии таваррум сабаби риоя нагардидани мунтазамии ҷараёнҳои молиявию пулӣ ва монеаҳо дар самтҳои мазкур мебошад. Ҳамзамон, татбиқи сиёсати пулию қарзии

зиддитаваррумӣ аз усулу воситаҳое, ки дараҷаи таваррумро дар сатҳи пешбинишуда барои давраҳои оянда нигоҳ медорад, иборат мебошад.

Асоси сиёсати пулию қарзӣ, чи тавре ки аз равандҳои иқтисодии мамлакатҳои пешрафта бармеояд, ин талаботи пардохтпазирӣ буда, дар ниҳояти кор маҳдудкунии он ҳамчун як фишанги идоракунӣ баромад мекард. Маҳаки асосӣ дар ин самт таъмини баланди рушди иқтисод ва ҳавасмандгардонии талабот маҳсуб меёбад. Дар раванди таҳқиқот маълум намудем, ки таъсири сатҳи таваррум ба талаботи пардохтпазир ва ташаккул ёфтани касри сармоягузорӣ дар низоми иқтисод ба амал меоянд (нигаред ба расми 3.5).




**Расми 3.5. – Таъсири дараҷаи таваррум дар низоми сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳавӣ.

Ҳамин тавр, таъсири дараҷаи таваррум дар низоми сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетӣ тақозои онро дорад, ки таъсирбахшии сиёсати зиддитаваррумӣ танҳо дар сурати васеъ кардани инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонӣ ва дар ҳамин замина васеъ кардани даромадҳои субъектҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини устувории молиявию буҷет риояи манфиатҳои миллӣ ва дар ҳамин замина ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ майли устуворӣ пайдо мекунанд.

Номувозинатӣ дар сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бе дарназардошти сиёсати пулӣ ва буҷетӣ, ноустувории субъектҳои иқтисодӣ ва номунтазамии ҳаҷми пул ва истеҳсолу хизматҳоро ба миён меорад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки танҳо ҳамоҳангии сиёсати пулию молӣ, иқтисодӣ, сиёсати қарзӣ, дар маҷмуъ, таъсири мусбати сиёсати зиддитаваррумиро ба амал меорад. Дар ҳамин асос пеш гирифтани таҳияи буҷети солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба устувор гардонидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва камгардонии дараҷаи таваррум равона карда шудааст. Бо маҳдуд намудани хароҷоти муқарраршудаи буҷет ва дар ҳамин асос муваффақ шудан ба сармояи иловагӣ муайянкунанда ҳисобида мешавад.

Дар мавриди амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати сарфакунии ҳаҷми пул ва иқтидори қарзи бонкии тиҷоратӣ ҳамчун шароити ба танзим даровардани равандҳои таваррумӣ баромад мекунад. Солҳои охир дар мавриди баҳодиҳии дараҷаи таваррум аз тариқи индексҳои «нархҳои истеъмолӣ муқаррарсозии маҷмуи талабот ва меъёрҳои дахлдори рушди бахши бонкӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад» [246 , с.113]. Маълум мегардад, ки ба ҳисоби миёна ҳар як сол нишондиҳандаи нархҳои истеъмолӣ 7% ва зиёда аз онро ташкил мекард.

## 3.3. Дурнамои танзим ва идоракунии раванди таваррумӣ ва нишондиҳандаҳои ба таваррум таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълум мегардад, ки таваррум ва ташаккул додани чорабиниҳои зиддитаваррумӣ хислати умумӣ дошта, бо дарназардошти алоқамандии сабаб ва натиҷа имкониятҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди мазкурро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва зарур гардонидааст. Таваррум яке аз аломатҳои номутаъдилии вазъи макроиқтисодӣ маҳсуб меёбад. Болоравии нархҳо ва таъсис ёфтани таваррум мазмунеро мегирад, ки байни талабот ва пешниҳод ҳолатҳои номутаносибӣ ва бенизомиро дар низоми макроиқтисодӣ ба амал меорад. Ин раванд, асосан, натиҷаи болоравии нархҳо дар иқтисодиёт ҳисобида

мешавад. Бо мақсади ба эътидол даровардани ҷараёни мазкур зарурати таҳқиқ ва омӯзиш ба миён меояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ роҳҳои гуногуни муайян ё чен кардани таваррум мавҷуд ҳаст ки он асосан бо усули муқоисакунӣ бо нархҳо ба амал бароварда мешавад. Дар ин бобат ақидаи олимон ва коршиносон зиёд буда, ҳар яке аз ин олимон роҳу усули ҳисоб кардани худро пешниҳод менамояд. Аммо, ҳамаи усулҳои муайяншуда асосан дар асоси чен кардани нархҳо нисбат ба давраи гузашта ҳисоб карда мешавад.

Сафарбар намудани нишондиҳандаҳои ҷараёни таваррумӣ аз нуқтаи назари макро ва микроиқтисодиёт аҳаммияти калони амалӣ доранд. Натиҷаи чунин арзёбии нишондиҳандаҳо барои таҳия намудани сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати андозию буҷавӣ ва сиёсатҳои сохтории рушди иқтисоди миллӣ ва дар ҳамин замина коркарди чорабиниҳои сиёсати зиддитаваррумӣ мунтазам истифода бурда мешаванд.

Субъектони иқтисодӣ ҳамеша раванди пайдоиш ва паҳн гаштани таваррумро зери назорат қарор дода, кӯшиш менамоянд, ки ин раванд рушд нанамояд ва ба ин хотир чораҳои махсуси пешгирикунанда меандешанд. Ба ин восита онҳо ба баланд гардидани нархҳо роҳ намедиҳанд ва метавонанд ба суръат гирифтани раванди таваррум монеа эҷод намоянд. Аммо, ин ҳам бошад дар таваррумҳое, ки дар сатҳи хурд ва ё дар ваали пайдоиши он метавонад таъсир расонад.

«Нишондиҳандаҳои бевосита дар асоси истифодабарии индекси нархҳои истеъмолӣ, дефлятори ММД, дараҷаи таваррум, қоидаи 70, индекси арзиши ҳаёт ва индекси қобилияти харидории пул ба роҳ монда мешавад. Маҷмуи индекси нархҳои истеъмолӣ дар соли 2023 ба 103,7 фоиз баробар шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015-105,8 фоиз майли камшавӣ гирифтааст 0,98. Дар ин давра барои молҳои озуқворӣ 0,97%, бо майли камшавӣ тағйир ёфта, молҳои ғайриозуқворӣ 0,3% афзудааст» [25, с.147].

«Нишондиҳандаҳои бавосита бошад, ба истифодаи индекси таъминотӣ, индекси хароҷоти зиндагӣ, муқоисаи индекси нархҳои дороиҳо

бо истеъмолӣ, тағйирёбии қурби асъор ва коэффисенти монетизатсия асос меёбад. Дар мавриди истифодаи нишондиҳандаҳои бевосита баландшавии сатҳи нархҳо нисбатан васеъ арзёбӣ карда мешавад. Таъсири гурӯҳ ва гуногуншавии таркиби молҳо, тули давомнокии дараҷаи нарх, дигаргуншавии майли сохтори истеҳсолот, дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ба эътибор гирифта мешавад. Ҳамзамон, баҳодиҳии нишондиҳандаи бавосита ба таври умум баландшавӣ ва хавфи таваррумро ҳамчун объекти идоракунӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои таваррумӣ қарор медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки арзёбӣ намудани таваррум ба низоми идоракунӣ вобаста мебошад. Шароит ва заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ин раванд таъсир мерасонад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки барои шарҳи сабабҳо ва пешгирии ҷараёнгирии таваррум аз мавқеи вусъат додани муносибатҳои бозорӣ мавқеъгирӣ намоем. Дар ин самт низоми идоракунӣ аз ҳисоби алоқамандии байни таркиби молу хизматрасониҳо ва қобилияти харидории асъори миллӣ муайянкунанда мебошад. Аз нуқтаи назари мо, нишондиҳандаи қобилияти харидории пул ҳамчун қимати баръакси сатҳи таваррум, ҳамзамон, тарзе бояд фаҳмида гирифта шавад, ки нархи кулли хароҷотҳо барои ташаккул додани молу хизматрасониҳо эътирофи илмию назариявӣ ва амалӣ пайдо намояд. Аз ин ҳисоб дар низоми идоракунии таваррум имконияти бештари назорат аз рӯйи майли дигаргуншавии нархҳо ба амал омада, танзими иқтисодиёт маҷрои нав мегирад.

Аз ин ҷо, ба ақидаи мо, дар раванди идоракунии таваррум ҷиҳате барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки нархҳои ҷорӣ ва доимӣ ҳамчун объекти идоракунӣ ва фишанги муайянкунандаи ҳаҷми молу хизматрасониҳо мавриди истифодаи фаъол қарор дода шавад.

Ҳамин тавр, сатҳи дигаргуншавии нарх яке аз нишондиҳандаҳои калидии ҷараёнгирии таваррум ва баҳодиҳии вазъи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Арзёбӣ намудани дигаргуншавии нарх барои давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат истифода мешавад. Барои ноил

шудан ба амалиёти дурнамои раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан аз дастовардҳои илмӣ шарт ва зарур мебошад. Дар раванди таҳқиқ маълум гардид, ки равияҳоиояндабинии афзоиши сатҳи нархҳо ба 3 гурӯҳ тақсим кардааст: «1) пурсишҳо, 2) усулҳои математикӣ, 3) моделронӣ бо ҳисоби баҳодиҳии экспертӣ» [140, с. 20-26].

«Васеъ истифода бурдан аз ин гуна усулҳои ҷараёнгирии таваррум аз қабили пурсишҳо, усулҳои математикӣ ва моделкунонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки раванди омӯзиши нархҳо заминаҳои боэътимоди таҳқиқотиро барои мураттаб гардонидан ваояндабинии чорабиниҳои зиддитаваррумӣ пешниҳод гардонанд. Истифода аз чунин усулҳоиояндабинӣ ва баҳодиҳӣ аз рӯйи сатҳи афзоиши таваррум аз тариқи модели интегриронии авторегресионӣ, модел дар асосии каҷхатаи Филлипс, моделҳои авторегрессионии векторӣ мувофиқи мақсад мебошад. Васеъ ба роҳ мондани истифодаи онҳо сатҳи омӯзиши дараҷаи қобилияти харидории асъори миллӣ ва раванди арзёбӣ намудани ҳолатҳои таваррумиро фаъол мегардонад. Бо дарназардошти равияи комплексии истифодаи моделҳои мазкур ва робита ба хусусият ва мутобиқгардонии иқтисодиёти кишвар асоснокии мубориза барои пешгирӣ ва паст намудани таъсири таваррум ба иқтисоди миллиро васеъ фароҳам меоварад.

Дар низоми идоракунии раванди таваррумӣ сиёсати зиддитаваррумӣ муайянкунанда буда, чи тавре ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ин яке аз вазифаҳои асосии давлат дар мубориза барои пешгирии болоравии нархҳо ва идоракунии таваррум мебошад, чунки ин раванд оқибатҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Ба ақидаи О. Эммингер, таваррум на танҳо мушкилоти даҳшатноки дохилӣ мебошад, балки он ба неруи асосии вайронкунандаи муносибатҳои байналмилалии асъорӣ мубаддал гаштааст» [252, с.787]. Яъне, ки «характери ташаккулёбии таваррум чун шароитсози дигаргуниҳои муносибатҳои иқтисодию молиявӣ баромад карда, барои рушди соҳаҳои гуногун таъсири манфӣ мерасонад. Зиёда аз ин,

фаъолнокии субъектҳои иқтисодиро дар самти исифодабарӣ ва ташаккули захираҳои иқтисодӣ заиф гардонида, номутаносибии байни молу маҳсулот ва асъори хиричию ватаниро афзун мегардонад. Ба ақидаи иқтисодшиноси машҳур Ф. Махлуп, баландшавии қурби асъори хориҷӣ маҳсулоти воридотиро бо воҳиди пули миллӣ қиматтар карда, молҳои содиротиро бо воҳиди асъори хориҷӣ нисбатан арзон мекунад. Чунин ҳолат дар робита ба кишварҳое, ки дар маҷмуи гардиши савдои байналмилалӣ гардиши содиротиашон кам мебошад, иқтидори истеҳсолии мол ва хизматрасониҳоро аз байн бурда, вобастагии бештари иқтисоди миллиро аз асъори хориҷӣ ба амал меорад.

Сиёсати зиддитаваррумии давлатӣ дар ниҳояти кор ба мақсади идоракунии оқибатҳои тамоюлҳои таваррум дар кишвар нигаронида мешавад. Таъмини устувории молиявию иҷтимоӣ ва пешгирии номувозинатӣ дар низоми муносибатҳои молию пулӣ барои пешгирии болоравии нарх ва паст кардани суръати таваррум асоснок гардонида мешавад» [188, с.29]. Бинобар ҳамин, дурнамои раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруратеро ба миён меорад, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз шаклҳо ва роҳҳои сиёсати зиддитавррумӣ дар самти иқтисодиёт алоқамандии зич дорад (нигаред ба ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. – Асосҳои методии ташаккули дурнамои раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Шакл, намуд | Роҳ ва таъиноти оияндавӣ |
|---|---|
| Сиёсати пулию қарзӣ ё монетарӣ | Бо роҳи сафарбар намудани воситаҳои пулию қарзии давлат ба иқтисодиёт |
| Сиёсати андозу буҷавӣ ё фискалӣ | Бо роҳи амалӣ гардонидани механизмҳои андозӣ ва буҷавии давлатӣ |
| Дахолати бевоситаи маъмурии давлатӣ | Амалӣ гардонидани механизмҳои сиёсати даромад, музди меҳнат, танзими асъорӣ ва ғайра |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар доираи такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир истифода бурдан аз

воситаҳои эконометрикӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Бинобар ҳамин, дурнамои раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар кишвар дар алоқамандӣ бо сиёсати иқтисодӣ ва пулию қарзӣ самаранокии идоракуниро барои пешгирии таваррум ба низом медарорад. Аз ин ҷо шакл ва роҳҳои сиёсати зиддитаваррумӣ моҳиятан аз заминаҳои ташаккулёбии захираҳо, натиҷаҳои истифодабарии онҳо дар самти истеҳсол ва хизматрасониҳо ҳамчун заминаи моддии таъмини мувозинати байни микдори пул ва ҳаҷми молу хизматҳо мавқеи устувор мегирад.

Интихоби роҳҳои батанзимдароварии таваррум дар ниҳояти кор аз стратегияи рушди ҳар як мамлакат вобастагӣ пайдо кардааст. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта аз қабили Олмон, Ҷопон нишон медиҳад, ки сиёсати зиддитаваррумӣ дар заминаиислоҳоти ногаҳонӣ, мусодираи пул, назорати давлатии асъорӣ ва иқтисодии беруна хело таъсибахш баромад намуданд. Бо фаъолгардонии истеҳсолот рақобатпазирии баланди маҳсулот ба амал омада, бехатарии иқтисодӣ ва шароити амалӣ намудани асъори миллӣ пайдо шудааст.

Баррасии куллии равиши рушд ва густариши муассисаҳои миёнаравии молиявӣ зарур аст, зеро бидуни онҳо сиёсати муассири пулию қарзӣ дар доираи низоми ҳадафгирии таваррум бемаънӣ аст. Барои ноил шудан ба диверсификатсияи бештар дар тақсимоти захираҳои молиявӣ ва таъмини механизми интиқоли самаранoктари сиёсати пулию қарзӣ, бояд бахшҳои гуногуни низоми молиявӣ рушд дода шаванд» [239, с.17].

Вобаста ба ин, дар баробари таҳияи фишангҳои махсуси идоракунӣ бо мақсади самаранок ба роҳ мондани идоракунии давлат аз болои равандҳои таваррумӣ зарур буда, ба назар нигирфтани тақрибаи пешқадам мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамзамон, дар робита ба таҷрибаи дигар мамлакатҳои пешқадам маълум мегардад, ки бо дарназардошти фаъол гардонидани шакли назорат аз болои таваррум имконияти самаранок амал намудани механизми

молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Масалан, амалӣ гардонидани сиёсати даромад, сиёсати нархгузорӣ, шароити мувофиқи батанзимдароварии ташкилию ҳуқуқии музди меҳнат дар робита ба дигаргуншавии нархҳо ва таъмини даромади воқеии субъектҳои иқтисодӣ, вазъи молиявии онҳо майли устувориро мегиранд.

Бинобар ҳамин, дар такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи роҳҳо ва таъиноти фишангҳои зиддитаваррумӣ зарурати сафарбарии комплексиро доранд (нигаред ба расми 3.6).




**Расми 3.6. – Роҳҳо ва таъиноти фишангҳои таваррумӣ ҳамчун объекти ояндабинии пешгирии таваррум**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар доираи сиёсати молиявӣ барои таъмини устувории молиявӣ риояи қоидаҳои буҷетӣ хело таъсирбахш мебошад. Маълум мегардад, ки таносуби сатҳи касри буҷет ва ҳиссаи қарзи давлатӣ яке аз фишангҳои хеле таъсирбахш баромад мекунад. Дар шароити бозор ва зарурати рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ бо дарназардошти афзоиши ММД дарёфт ва сафарбар намудани фондҳои муътадилгардонӣ дар таъмини

механизми идоракунии таваррум таъсирбахш мебошанд. Онҳо дар бобати пешгирии ҳолатҳои таваррумӣ таъсири устувор мерасонанд.

Таваррум асосан ба сохтори таркибии иқтисодиёт аз ҷумла бо истеҳсолоти дохилӣ алоқамандии зич дошта, боло бурдани ҳаҷми истеҳсолот ва ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагон худ воситаи идоракунии аввалиндараҷаи таваррум ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, таваррумро на танҳо бо роҳ ва усулҳои сахти идоракунии давлатӣ балки метавон бо роҳи ҳавасмандгардонӣ низ идора намуд. Зиёд намудани молҳои ватанӣ, кам намудани воридот ва афзоиши содирот роҳу усули осони идоракунии таваррум дар дохили мамлакат ба ҳисоб меравад.

Аз тариқи усулҳои таҳлилӣ барои таъмини идоркунии равандҳои таваррумӣ ва дар ҳамин замина беҳтар кардани дараҷаи самаранокии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини зиндагии шоиста равона карда мешавад.

Бинобар ҳамин, «дар татбиқи чораҳои зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии таркибии он аввалиндараҷа мебошад. Сиёсати зиддитаваррумӣ ин, пеш аз ҳама, чун ҷузъи ҷудонашавандаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ баромад карда, дар муддати ташаккулёбии худ хусусиятҳои фарқкунандаро мегирад. Дар ин самт муайян кардани сабабҳо, сарчашмаҳои пайдоиш ва оқибатҳои он хело зарур ҳисобида мешавад. Дар мавриди таҳқиқ ва таҳлили мантиқии номутаносибии муносибатҳои молию пулӣ зарурате дар пеш меистад, ки таъмини рушди сохтории иқтисодӣ ва суръат пайдо кардани муносибатҳои иқтисодии берунӣ мавқеи ҳалкунанда дорад. Аз ин ҷо дар баробари усулҳои монетарӣ, фискалӣ ва маъмурии давлатӣ, фаврӣ мутобиқ намудани онҳо ба механизмҳои иқтисодии байнаминтақавӣ барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ зарурат дорад» [239, с.26].

Одатан, идора намудани таваррум ва равандҳои таваррумӣ ба ақидаҳои олимони соҳа вобаста буда, дар доираи ин, назарияҳои гуногун

мавҷуданд, ки аз рӯи онҳо ба роҳ мондани идоракунии таваррумӣ лозим меояд.

Чи тавре ки Восканян, М. А. Иброз медорад «Назарияҳои муосири танзими пулӣ аз тамаркуз ба омили пулӣ дар таҳрики таваррум хеле пеш гузаштаанд. Даҳсолаҳои охир нишон доданд, ки афзоиши пешниҳоди пул, аксаран, ба нархҳо дар муддати кӯтоҳ таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, аксари бонкҳои марказии ҷаҳон ҳангоми татбиқи сиёсати пулӣ бештар ба омилҳои ғайрипулӣ, ки таваррумро ба вуҷуд меоранд, яъне интизориҳои бахши воқеӣ дар бораи таварруми оянда такя мекунанд» [239, с.28].

«Сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ бошад, ҷиҳатеро пеша намудааст, ки роҳҳои зиддитаваррумӣ бояд бидуни сармоягузории иловагӣ ба амал баровაрда шавад. Аз мавқеи онҳо камгардонии бахши давлатӣ ва фароҳам овардани озодии пурраи бозорҳо, чун асоси баэътидол овардани раванди таваррум баромад мекунад. Мунтазам пеш гирифтани ислоҳоти пулии конфискатсиониро ҳамчун шароити паст гардонидани талаботи истеъмолӣ зарур меҳисобад. Чунин ҳолат заминаи бартараф намудани касри буҷет арзёбӣ мегардад.

Ғайр аз ин, бо назардошти он, ки мақомоти пулӣ дар иқтисодҳои пешрафта аз эътимоди баланди мардум бархӯрдоранд, самаранокии танзими пулӣ бебаҳс аст. Дар айни замон, бояд қайд кард, ки сатҳи баланди эътимод ба Бонки марказӣ яке аз омилҳо ва шартҳои калидӣ барои татбиқи бомуваффақияти ҳадафгирии таваррум мебошад» [239, с.33].

Вобаста ба ин, қайд намудан мумкин аст, ки дар ҳолати пайдо гардиждани нишонаҳои таваррумӣ бояд ба мақомотҳои дахлдори давлатӣ эътимод намуда, ягон субъекти иқтисодӣ бояд ба эҳсосот дода шуда, аз пайи бартараф намудани таваррум дар алоҳидагӣ нашавад ва дар якҷоягӣ бо мақомотҳои давлатӣ ва дар доираи тавсияҳои он фаъолият намояд. Ҳамаи ин, метавонад, ҳолати молиявии иқтисодиёт ва субъектони онро ба эътидол дарорад.

«Ба эътидол даровардани вазъияти молиявӣ дар кишвар ва татбиқи сиёсати молиявӣ ва пулию қарзӣ аз устуворгадонии асъори миллӣ вобаста мебошад. Хусусан, аз нигоҳи идоракунии ташаккулёбии ҳолатҳои таваррумӣ дар рафти дигаргуншавии нархҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ дар дохили кишвар ва тақвият додани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар робита ба Хазинаи байналмилалии асъор дар самти пӯшонидани касри тавозуни пардохтӣ ва дастгирии суботи макроиқтисодӣ ва таҷдиди сохтории иқтисодиёт» [91, с.434].

«Дар доираи ҳамкориҳо маълум мегардад, ки мубориза бар зидди таваррум аз дараҷаи рушди муносибатҳои бозорӣ вобаста аст. Дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои иқтисодии кишварҳои алоҳида барои ташаккули механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум хело зарур мебошад. Дар ҳаҷми гардиши умумии натиҷаҳои муносибатҳои байналмилалӣ кам кардани ҳиссаи содироти ашёи хом ва рушди коркарди дохилии маҳсулоти кишоварзӣ муайянкунанда мебошад.

Бо ин мақсад дар баробари корхонаҳои калонҳаҷм, васеъ ба роҳ мондани корхонаҳои хурд ва ҷалби ашёи хоми ватанӣ шароити муҳим барои гузариш ба давраи индустриявию аграрӣ буда, ин дар навбати худ аз дастгирии ҳамаҷонибаи теникию молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошад, масалан, дастгирии техникӣ, нуриҳои минералӣ, яъне, дар ин самт лозим аст, ки аз оғози фаъолият то бурда расонидани маҳсулоти кишоварзӣ нуқтаҳои коркардро дастгирӣ намоем.

Дар ин замина вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидори кишоварзиро устувор гардонем. Мунтазам механизмеро ба роҳ монем, ки кишоварзон ба корхонаҳои хурд ва калон ҳамоҳанг гардида, дар муносибатҳои мутақобилавӣ дар бозор мавқеи устуворӣ пайдо намоянд. Молу маҳсулоти ватанӣ фароҳам омада, дар робита бо асъори миллӣ заминаи хуби муътадилгардонии нархҳои озуқаворӣ, яъне, муборизаи воқеии зиддитаваррумӣ ба амал меояд. Бо ин қайд карданием, ки шарикигарии

байни субъектҳои кишоварзон, субъектҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои калони амалкунанда асоси ташаккулёбии устувории моливии хоҷагиҳо ва пешгирии ҳолатҳои таваррумии шадид мебошад.

Таҷрибаи муносибатҳои молиявию иқтисодии замони муосир дар ҳамоҳангӣ бо хоҷгии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи таваррум дар робита ба миқдори пул ва мол, ҳар чи бештар аз фаъолнокии сатҳи иқтисодиёт вобаста мебошад. Тибқи ақидаи иқтисоддони Руссия Г.Фетисов, пурра аз байн бурдани таваррум, махсусан, дефлятсия барои иқтисод хавфнок мебошад. Инро «Таназзули бузург»-и ИМА ва таназзули дарозмуддати охирини Япония ба таври возеҳ нишон дод» [230, с.13].

«Аз ин ҷо мантиқан бармеояд, ки барои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари кам кардани хароҷоти давлатӣ ва эмиссияи пулӣ арзёбии муфиди динамикаи эмиссияи пулӣ муҳим мебошад. Дар ин асос васеъ ба роҳ мондани дастгирии рушди истеҳсолоти ватанӣ аввалиндараҷа мебошад. Бо дарназардошти тақвият додани ташаккулдиҳии иқтидори андозӣ имкониятҳое ба амал меояд, ки идоракунии равандҳои таваррумӣ ба таври воқеӣ бо дарназардошти ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ ва кам кардани вобастагӣ аз бозори беруна ба амал меояд» [245, с.12].

«Дар низоми идоракунии равандҳои таваррумӣ дурнамои алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар фишанги хело таъсирбахш ба шумор меравад. Фаҳмида гирифтани сабабҳои таваррум ва роҳҳои бартараф кардани он дар ҳар як кишвар, аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти сохтории иқтисодиёти миллиро дар таъмини баробарию мутаносибӣ ва мутобиқгардонӣ ба шароити муосир мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар ин раванд тағйирёбии қурби асъор мавқеи хосро ишғол менамояд, чунки ин раванд ба вазъи истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо бетаъсир намемонад» [244 , с.86] (нигаред ба диаграммаи 3.1).

**Диаграммаи 3.1. – Нишондиҳандаҳои динамикаи таносуби асъори миллӣ дар солҳои 2013-2022**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин [30].

Таҳлили динамикаи таносуби асъори миллӣ «…аз коҳишёбии қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Мусаллам аст, ки тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба сомонӣ бетаъсир нахоҳад монд ва он дар пайи худ ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбат хоҳад дошт. Аз ин лиҳоз, батанзимдарории ҳамин гуна падидаҳо вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, ки бояд бо дарназардошти тамоми имкониятҳо ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораандешӣ намояд. Иштироки Бонки миллиро дар бозори асъор дар хариду фурӯши асъор яке аз ин чораҳо метавон арзёбӣ намуд. Афзоиш ва устовории қурби асъори миллӣ заминаи пастшавии нархи молҳои озуқаворию ғайриозуқаворӣ ва хизматрасониҳои воридшаванда гардида, дар маҷмуъ, ба пастшавии сатҳи умумии нархҳо, инчунин, интизориҳои таваррумӣ таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, дар шароити муосир танзими қурби асъор ҳамчун як василаи самаранок ҷиҳати паст намудани сатҳи таваррум баромад мекунад» [245, с.17].

Самарабахшии дурнамои раванди алоқамандии таваррум ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати

фискалӣ, пеш аз ҳама, вобаста буда, бояд ки «...имкониятҳои таҳлилии фарогири самтҳои танзими хароҷоти давлатӣ, такмили низоми андоз, қарзгирӣ ва идоракунии қарзиро аз нигоҳи идоракунӣ таъмин намояд. Ҳолати мазкур барои танзими таваррум ва муваффақ шудан ба мувозинати байни хароҷот ва даромад ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, истифода аз сиёсати сохторӣ ба танзими таваррум мусоидат мекунад. Ҳолати мазкур дар асоси таҳлили молиявӣ пайваста аз байн бурдани корхонаҳои давлатии зарароварро дар назар дорад. Аз мавқеи назари соҳавӣ афзалияти дастгирӣ ва тараққиёти корхонаҳои бахши истеъмолии иқтисодиёт муайянкунанда ба шумор меравад» [245, с.16]. Бинобар ҳамин, азнавсозии сохтори иқтисодиёт ва баланд бардоштани нархҳои соҳаҳои иқтисодиёт ин омили баланд шудани нарх дар кишвар ба шумор меравад.

«Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки барои такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии раванди таваррум низоми ташаккулёбии фишангҳои молиявиро дар робита ба ташкил, банақшагирӣ ва ҳавасмандгардонии истифодаи захираҳои молиявӣ бояд фаъол гардонем. Яъне, муаммоҳое, ки дар доираи васеъ намудани миқдори пул ба амал меоянд, бартараф намудани онҳо аз ҳавасмандгардонии бозор бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ ба воситаи усулҳои молиявӣ, алалхусус, фоида, даромад, дивидендҳо, фоиз вобаста мебошанд.

Ҳамин тавр, такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии таваррумро дар рушди иқтисодиёт ба яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба миён овардааст»[245, с.14]. Аз ин ҷо зарурате дар пеш меистад, ки мураттаб гардонидани чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ҳамчун объекти идоракунӣ бояд майли муфид дошта бошад. Яъне, низоми чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар раванди рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат бояд бошанд.

Чунин мавқеи пажӯҳишӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки фишангҳои мувофиқгардонии тақозою

арзаи пул баробари сатҳи умумӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирад. Таносубҳои иқтисодиро бештар аз ҳисоби тақвияти идоракунии минтақавӣ таъмин гардонем. Алалхусус, дар самти гардиши нишондиҳандаҳои муомилотии байни минтақаҳое, ки имкониятҳои захираҳои табиӣ бо майли ҳаҷми содиротӣ нисбатан бештар бояд бошад.

Мақоми низоми идоракунӣ дар оянда бо истифода аз фишангҳои таҳлилии алоқамандии чунин категорияҳо, ба монанди таваррум, нарх, музди меҳнат, усулҳои баҳодиҳии таваррумӣ имкониятҳои идоракуние мебошанд, ки барои татбиқи ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии таваррумӣ дар заминаи хусусиятҳои иқтисодии кишвар асоснокии илмию назариявӣ бояд мавриди истифода бошанд.

Дар ин раванд шакл, моҳият ва дараҷаи таъсиррасонии таваррум ба иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт ва маълум шуд, ки зарурати заминаҳои тағйирёбии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳоро дар алоқамандӣ бо ташаккулёфтани нарх дар ҳамбастагӣ бо танзим ва ҳавасмандгардонии ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии тамоми субъектҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ барои сабукгардонии ҳолатҳои таваррумӣ мебошад.

Дар рушди иқтисодии миллӣ зарурати дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои зиёди қарорҳои идоравӣ ва ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии субъектҳои иқтисодиёт дар асоси баҳодиҳии дараҷа ва динамикаи таваррумӣ пешниҳод бояд гардад.

Ҳамин тавр, роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида баромада ба ин натиҷа расидем, ки усулҳои мубориза бо таваррум яке аз чорабиниҳои муҳим ҳисобида мешавад. Танзими муомилоти пул аз тадбирҳои зиёд кардани меъёри ҳисоби Бонки миллӣ, зиёд кардани меъёри захираи бонкҳо, фурӯши вомбаргҳои давлатӣ, кам кардани муомилоти пул иборат мебошад. Назария ва амалияи сиёсати молию пулӣ нишон медиҳад, ки роҳи асосии мубориза бо таваррум ин кам кардани талабот ё зиёд кардани

таклифот ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки фишанги асосии идоракунии раванди таваррум ин сатҳи меъёри асосии бонкӣ ба шумор рафта, ҳамчун фишанги молиявӣ ва ҷузъи таркибии такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дониста мешавад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Дар раванди таҳқиқ маълум гардид, ки муаммоҳои бартарафкунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, аз алоқамандии раванди низоми такрористеҳсол аз содироти ашёи хом, сатҳи рушди муносибатҳои бозорӣ ва ҳолати тараққиёти инфрасохтори бозории ба талаботи замони муосир нигаронидашуда бармеоянд. Ҳамзамон, «дар раванди таҳқиқ муайян намудем, ки коҳиш ёфтани вобастагии мамлакат аз молу маҳсулоти воридотӣ, пурзӯр намудани фаъолияти қувваҳои рақобатпазир, маҳдуд кардани инҳисорӣ метавонад ба сифати тадбирҳои самарабахш ҷиҳати коҳиши сатҳи таваррум баромад намояд. Яъне, васеъ намудани истеҳсолот мувофиқи афзоиши муомилоти пул ба сабаби яке аз тадбирҳои самарабахши рафъи таваррум баромад намуда, ҳамзамон, афзоиши истеҳсолот бо дарназардошти захираву маҳсулоти ватанӣ муайянкунанда мебошад» [240].

Зиёдшавии батадриҷи қисми содиротӣ ба амал омада, таъмини тавозуни танзими давлатӣ ва бозоргонӣ дар фаъолияти иқтисодӣ аз тариқи истифодаи усулҳои танзими сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд

Сиёсати пулию қарзӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани меъёрҳои фоизиро барои назорат кардани таваррум дар бар мегирад. Сиёсати фискалӣ, ки тавассути қонунгузорӣ амалӣ мегардад, барои идоракунии таваррум мусоидат менамояд. Дар ин раванд ҳукуматҳо метавонанд хароҷотро кам кунанд ва андозҳоро афзоиш диҳанд, то ба коҳиши таваррум мусоидат кунанд. Сиёсати саҳеҳи чорабиниҳои зиддитаваррумӣ танҳо бо эътибор

пайдо кардани хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва тақвияти механизми танзими болоравии нархҳо аҳаммияти илмию назариявӣ мегирад.

Бинобар ҳамин, пешгирии болоравии нарх ва роҳ надодан ба таваррум яке аз роҳҳои таъмини мувозинати миқдори пул ва молу хизматҳо мебошад. Дар ин замина «бартараф кардани таъсири қурби асъор ба ҳаҷми пул ва маҳдудияти захираҳои қарзӣ имкониятеро фароҳам меоранд, ки рушди ояндаи иҷтимоию иқтисодии кишвар дар заминаи фазои мусоиди сармоягузорӣ дар доираи механизми молиявии идоракунии таваррум таъсирбахш баромад намояд.

Таҳлили динамикаи таносуби асъори миллӣ аз коҳишёбии қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ бетаъсир нахоҳад монд ва он дар пайи худ ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбат хоҳад дошт. Бинобар ҳамин, БМТ бояд бо дарназардошти тамоми имкониятҳо ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораандешӣ намояд. Ба назари мо, зарурате дар пеш меистад, ки истифодаи асъорҳои хориҷӣ дар савдои дохилӣ маҳдуд гардонида шавад. Ҳамзамон, сиёсати дуруст дар соҳаи савдои берунӣ бо мақсади ҳимояи истеҳсолоти дохилӣ ба роҳ монда шавад»[246, с.122]. Ҳамаи ин, барои идоракунии таваррум муфид баромад мекунад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияте фароҳам оварда шуд, ки хулоса ва дархостҳои зеринро таҳия ва пешниҳод намоем. Дар амал татбиқ намудани сиёсати зиддитаваррумӣ хусусияти комплексӣ дошта, ба таври инфиродӣ самари дилхоҳро фароҳам намеорад. Бинобар ҳамин, иқтисодиёти ҳар кишвар бо хусусиятҳои худ сабаб ва оқибатҳои таваррумиро муайян карда, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани механизми молиявии идоракунии таваррум омили мазкур ба фишанги рушд ва пешравӣ табдил меёбад. Яъне, ба таври комплексӣ истифода намудан аз ҳама намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ дар робита ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда манфиатнок ҳисобида мешавад.

2.Мазмун ва мундариҷаи таваррум солҳои дароз ҳамчун объекти таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта, ба таври давравӣ танҳо дар алоқамандӣ бо муомилоти пулӣ майли муайян мегирад. Дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки дар замони муосир назарияҳои таваррум хеле зиёд амал мекунанд. Бинобар ҳамин, аз рӯйи аломатҳои фарқкунанда зарурате дар пеш меистад, ки назарияҳои амалкунанда ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда шавад. «Ҳамин тавр, дар шароити имрӯза назарияи классикии таваррум, назарияи таварруми Кейнсионӣ, назарияи монетарии таваррум, назарияи «таварруми хароҷот», назарияи таварруми «иқтисодиёти таклифот», назарияи таварруми институтсионалӣ, назарияи «сохтории» таваррум амал мекунанд. Ҳар як давлат вобаста ба хусусиятҳои худ шароит ва оқибатҳои таваррумиро доро буда, дар ҳар як марҳилаи муайяни рушд раванди мазкурро аз рӯйи шакл ва табиати гуногун зоҳир шудан арзёбӣ менамояд. Маълум карда шуд, ки таварруми муосир на танҳо бо номутаносибии муомилоти пул, қарз ва молия» [246, с.125], инчунин, бо ҳолатҳои раванди такрористеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, тақвияти истеҳсол ва хизматрасонии

ватанӣ дар алоқамандии зич амал мекунад. Яъне, маҳз ҳамин ҳолат инъикоскунандаи таносуби воқеии миқдори пул ва мол ба ҳисоб меравад[1-М, 2-М].

3.Дар замони муосир назарияи сохтории таваррум нисбатан бештар таъсирбахш баромад мекунад. Бинобар ҳамин, такмил додани механизми молиявии идоракунии таваррум ба чен кардан ва муайян кардани таъсири омилҳои монетарӣ ва талабот на он қадар алоқаманд мебошад, лекин дар раванди идоракунӣ ҳамчун ҷараёни динамикӣ вобаста ба номутаносибии соҳаҳо ва зерсохторҳои хоҷагидорӣ имконияти баланди таҳлилӣ, идоракунӣ ва ояндабинии таваррумро ҳамчун фишанги таъсиррасон ба тариқи ояндавиро доро мебошад. Ба ақидаи мо, зарурати такмили раванди аграрӣ ва табдил ёфтани он ба индустриявию аграрӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки бо дарназардошти хусусияти иқтисоди миллӣ ҳамоҳангсозии соҳаи кишоварзӣ ва саноат ба амал омада, инро ҳамчун як платформа барои ташаккулёбӣ ва фаъол гардонидани такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар кишвар истифода барем. Ба роҳ мондани тадқиқоти сотсиологӣ, усулҳои оморию эконометрикӣ бо истифода аз технологияи нав механизми таъсирбахши таъмини идоракунии равандҳои таваррумӣ баромад мекунанд. Ҳамаи ин барои эътимоднокии маълумотҳо ва таъмини танзими давлатии равандҳои таваррум муайянкунада баромад мекунанд. Барои муфид гардонидани механизмҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам баэътибор гирифтани сохтори таваррумӣ манфиатнок мебошад. Маҳз сохтори ҷараёнгирии таваррум асоси ташаккулёбии механизми идоракунии равандҳои таваррумиро таъмин мегардонад. Мо механизми мазкурро дар заминаи тақвияти истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ мавқеъгирӣ менамоем. Дар маҷмуъ, қайд кардан зарур аст, ки модели таҳиягардида имконияти бештари идоракунии раванди таваррумиро дар робита ба истифодаи имкониятҳои технологияи замони муосир, имконияти истифодаи маълумот барои таҳлил ва хулосабарорӣ ба амал меояд. Дар ин замина ҳолат ва

вазъияти идоракунии раванди таваррум, заминаҳои арзёбии стратегии зуҳуротҳои таваррумӣ барои натиҷаҳои боз ҳам муфидтар мусоидат менамояд. Самараи дастрасии маълумот барои гирифтани ахборот барои ченкунии раванди таваррум баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти идоракунии он заминаи арзёбии стратегии он мебошад. Ташаккули маълумот дар ин ҷода бояд муфид ва самаранок интихоб гардида, сафарбар намудани фишангҳои асосии танзими макроиқтисодии идоракунии таваррум ва пайдарпайии онҳоро дар бар гирад. Устувор гардонидани мақоми низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди миллӣ аз истифодаи васеи усули баҳодиҳии таваррум барои фароҳам овардани иҷрои ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар вобаста мебошад. Таҳлили алоқамандии сиёсати монетарӣ ва сиёсати фискалӣ дар робита ба мураттаб гардонидаи усулҳои баҳодиҳӣ ва ояндабинии мазмуни онҳо устувории сиёсати зиддитаваррумиро таъмин мегардонад. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии тамоми субъектҳои иқтисодию молиявии минтақаҳо (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) ва фаъолгардонии меҳнати самаранок ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ хело муҳим мебошад. Мавқеъгирии онҳо дар рақобат афзуда, иқтидори содиротии минтақаҳо, умуман, кишвар ва арзёбии таъсири таваррум ва майли пастшавии онро мусоидат менамояд[2-М, 3-М].

4.Болоравии нархҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам ҷой дошта, ин яке аз аломатҳои дараҷаи муайяни иқтидори таваррумро дар кишвар нишон медиҳад. Аз рӯйи мазмун ва мундариҷа ифодаи иқтидори таваррум ҳамчун нишондиҳандаи батанзимдароварии муносибати молию пулӣ ва таъмини рушди мунтазами соҳаҳои гуногун барои устувор гардонидани мувозинати иҷтимоию иқтисодӣ сафарбар карда мешавад[3-М].

5.Дараҷаи болоравии нархҳо, ҳамзамон, таъсисёбии таварруми солона дар нашрияҳои расмии кишвар ба ҳисоби миёна то 7 фоиз нишон дода мешавад. Аз дидгоҳи мо, дар робита ба воқеият дараҷаи таваррум

нисбатан ба рақамҳои расмӣ баландтар мебошад. Аз ҳаёти воқеӣ чунин бармеояд, ки дар ҳамаи гурӯҳҳои маҳсулот болоравии нархҳо ҷой дорад ва ин маънои шиддатнокии таваррумиро ҳамчун объекти идоракунӣ ва қабули чорабиниҳои воқеӣ ифода карда мегирад[4-М, 5-М].

6.Нишон дода мешавад, ки иқтидори таваррум дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан баланд мебошад. Дараҷаи нарх дар муддати тулонӣ аз дараҷаи нишондиҳандаҳои қаблӣ нисбатан суръати баланд дорад. Афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ дар робита ба воридот ва дар мавриди ноилшавӣ ба рушди назарраси иқтисодиёти кишвар раванди таваррум хислати устуворӣ дорад. Чунин хулосабарорӣ аз он бармеояд, ки айни ҳол иқтисоди миллӣ аз воридоти ашё ва маҳсулоти нимтайёр вобастагӣ дошта, дар робита ба эҳтимолияти баланди осебпазирии асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ майл дорад. Ҳамзамон, дар таносуби нишондиҳандаҳои байналмилалии иқтисодии кишвар бартарияти воридот дар гардиши савдои хориҷӣ шароитеро ба амал меорад, ки таносуби нархҳо нисбат ба музди меҳнат майли болоравиро гирифта, боиси шиддатнокии таваррумӣ мегардад [6-М, 7-М].

7. Дар мавриди «таҳияи барномаҳои сиёсати иқтисодии давлат дар бобати беҳтар кардани идоракунии таваррум таваҷҷуҳи махсус дода мешавад» [246, с.127], чунки баландшавии нархҳо ва ба амал омадани ҳолатҳои таваррумӣ дар кишвар аз бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ алоқамандии зич дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар айни ҳол, дар умум, ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва диверсификатсияи молу маҳсулоти ватанӣ дар бисёр ҳолатҳо ба монеаҳои сунъӣ дучор гардида, дар ниҳояти кор шиддати таваррумиро афзун мегардонад. Афзудани хароҷот барои ташкил ва пешбурди фаъолият дар ниҳояти кор боиси баландшавии нархҳо мегардад. Аз ин ҷо, ба ақидаи мо, чораҳои зиддитаваррумӣ барои пешгирӣ намудани монеаҳои маъмурӣ бо дарназардошти такмили механизми молиявии идоракунии таваррум таҳлил ва қабули қарорҳои муфид таъсирбахш баромад мекунад. Дар ин ҷода барои таъмини танзими

муомилоти пул истифода намудан аз чунин фишангҳо, ба монанди зиёд кардани меъёри ҳисоби Бонки миллӣ, афзун кардани меъёри захираҳои бонкҳо, фурӯши вомбаргҳои давлатӣ ва кам кардани муомилоти пул воситаи муҳимми танзим ва идоракунӣ ба шумор меравад.

8. Аслан, ду роҳи мубориза бо таваррум вуҷуд дорад: кам кардани талабот ё зиёд кардани таклифот. Дар доираи чорабиниҳои зиддитаваррумӣ ҳамоҳангии тадбирҳои маъмурӣ ва соҳаи сиёсати молиявию қарзӣ ва пулӣ аҳаммияти хос мегирад. Бояд қайд кард, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам хеле муҳим мебошад. Аз ҷумла, маълум намудем, ки дар самти ҳалли мушкилоти молиявӣ ба таври зарурӣ нигоҳ доштани таваррум дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ захира ва дороиҳои муътадилсозӣ барои таносуби муайяни микдори пул ва мол сафарбар карда мешавад.

9. Роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррумро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада, ҳангоми таҳқиқ ба ин натиҷа расидем, ки усулҳои мубориза бо таваррум яке аз чорабиниҳои муҳим ҳисобида мешавад. Таҷрибаи равандҳои молию пулӣ нишон медиҳад, ки шароит ва заминаҳои таъмини танзим ва идоракунии таваррум аз истифодаи хусусияти таҳлилии меъёри ҳисоби Бонки миллӣ захираҳои бонкҳо, фурӯши вомбаргҳои давлатӣ дар таъмини самаранокии механизми молиявии таваррум барои идоракунии ин раванд ҳатмӣ мебошанд. Маълум карда шуд, ки кам кардани талабот ё зиёд кардани пешниҳодот шароити асосии дигаргуншавии таносуби мол ва пул мебошад. Дар ин раванд, воситаи асосии батанзимдарории мувозинати молу пул ин сатҳи меъёри асосии Бонки миллӣ ба шумор меравад.

10. Дар раванди таҳқиқ маълум карда шуд, ки мушкилии асосии пешгирӣ намудани ҳолатҳои таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба содироти ашёи хом, нокифоя будани муносибатҳои бозорӣ, сатҳи заифи рақобатпазирӣ ва тараққӣ накардани инфрасохтори молиявию фондӣ алоқамандии зич дорад. «Дар раванди таҳқиқ муайян намудем, ки коҳиш

ёфтани вобастагии мамлакат аз молу маҳсулоти воридотӣ, пурзӯр намудани фаъолияти қувваҳои рақобатпазир, маҳдуд кардани инҳисорӣ метавонад ба сифати тадбирҳои самарабахш ҷиҳати коҳиши сатҳи таваррум баромад намояд. Яъне, васеъ намудани истеҳсолот мувофиқи афзоиши муомилоти пул ба сабаби яке аз тадбирҳои самарабахши рафъи таваррум баромад намуда, ҳамзамон, афзоиши истеҳсолот бо дарназардошти захираву маҳсулоти ватанӣ муайянкунанда мебошад» [240]. Зиёдшавии батадриҷи қисми содиротӣ ба амал омада, таъмини тавозуни танзими давлатӣ ва бозоргонӣ дар фаъолияти иқтисодӣ аз тариқи истифодаи усулҳои танзими сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

11. Сиёсати пулию қарзӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани меъёрҳои фоизиро барои назорат кардани таваррум дар бар гирифта, ба сиёсати фискалӣ, ки тавассути қонунгузорӣ амалӣ мегардад, низ мусоидат менамояд. Ҳукуматҳо бо роҳи кам кардани хароҷотҳо ва афзун гардонидани андозҳо барои кам кардани таваррум мусоидат менамоянд. Сиёсати зиддитаваррумӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва гуногунсозии механизми танзими мустақими нархҳо аҳаммияти калон мегирад. Пешгирии болоравии нархҳо ва ҳолатҳои таваррумӣ «дар доираи сиёсати иқтисодӣ ва робита ба бартараф кардани таъсири қурби асъор ба ҳаҷми пул ва кам будани захираҳои ҳатмӣ заруратеро ба миён меоранд, ки муҳити сармоягузорӣ дар алоқамандӣ бо фаъол гардонидани субъектҳои иқтисодӣ чорабинии муҳим ҳисобида мешавад. Таҳлили динамикаи таносуби асъори миллӣ аз коҳишёбии қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ бетаъсир нахоҳад монд ва он дар пайи худ ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбат хоҳад дошт» [246, с.131]. Бинобар ҳамин, БМТ бояд бо дарназардошти тамоми имкониятҳо ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораандешӣ намояд.

12. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки миқдор ва динамикаи молу маҳсулоти ватанӣ ва ташаккул додани захираҳои молию пулӣ хеле зарур

мебошад. Дар ин замина истифодаи асъори хориҷӣ ва пеш гирифтани сиёсати самараноки савдои беруна хеле таъсирбахш мебошад. Ҳамаи ин, дар ниҳояти кор, ба устувории асъори миллӣ оварда расонида, вобастагии иқтисоди ватанӣ аз вазъи бозори берунаро кам мегардонад. Бинобар ҳамин, истифода бурдан аз имкониятҳои идоракунии равандҳои таваррумӣ аз тариқи фаъол гардонидани механизми молиявии раванди мазкур алоқамандии зич мегирад. Собит намудем, ки васеъ ба роҳ мондани коркарди захираҳои маҳаллӣ аз ҳисоби корхонаҳои хурди ҷанбаи саноатидошта заминаи хуби ояндабинии таносуби рушди иқтисодӣ ва арзёбии оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи ҷараёнгирии таваррумӣ ва омили таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он бароմад мекунад.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Сиёсати қатъии ҳамоҳанг ва мувофиқашуда яке аз самтҳои муҳимми муборизаи зиддитаварумӣ барои Ҳукумати Тоҷикистон ва БМТ маҳсуб меёбад. Чунки татбиқи чорабиниҳои «танзими таваррум аз тариқи идоракунии ҳаҷми пул ва маҳдуд намудани талабот солҳои охир, бо вуҷуди камшавии индекси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории қобилияти харидориро ба амал овардааст. Бо татбиқи сиёсати фаъоли зиддитаваррумӣ дар муддати кӯтоҳ сабабҳои таваррум коҳиш меёбад. Барои истифодаи усулҳои махсуси талабот ва пешниҳодот андешидани чораҳои зерин зарур ҳисобида мешавад:

-афзун гардонидни хароҷотҳои давлатӣ дар самти бахши воқеъии иқтисодиёт бо мақсади таъмини пули миллӣ бо мол ва хизматрасонии дохилӣ;

-камгардонии заминаҳо ва меъёри андозҳо» [246, с.129];

-бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва дар ин замина пешгирӣ намудани тамоюли болоравии хароҷот ва тарифаҳо барои мол ва хизматрасониҳо;

-тақвияти инфрасохтори бозорӣ;

-амалӣ намудани сиёсати ҳавасмандсозии талаботи мол ва хизматрасониҳо аз тариқи низоми пулию қарзӣ ва андозӣ;

-пурзӯр гардонидани рақобатпазирии иқтисодиёт ба воситаи рушди ҳамкории секторҳои хусусиву давлатӣ.

2. Чорабиниҳои танзими таваррум барои таъмини идоранамоии ҳаҷми пул ва маҳдудкунии он бо мақсади муфид гардонидани равандҳои таваррумӣ равона карда мешавад, аз ҷумла:

-мутобиқ ба сатҳи таваррум ва вазъи бозор пешниҳод намудани меъёри фоиз;

-маҳдуд намудани қарзҳои имтиёзнок ва дар амал ҷорӣ намудани низоми бозоргонии азнавтақсимкунии захираҳои қарзӣ аз тариқи музоядаи бонки миллӣ;

-ба роҳ мондани фишангҳои танзимкунонӣ аз руйи ҳаҷми пули дар муомилотбуда тавассути бонки миллӣ;

-татбиқ намудани низоми маблағгузории касри буҷет аз тариқи интишор ва фурӯши саҳмияҳо;

-тақвияти сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ.

